**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

**ТДУ 372.8:891.550+809.155.0**
**ТКБ 74.261.7+74.261.8**
**А – 37**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**АЗИМОВ ҶАМШЕД АСЛИДДИНЗОДА**

# МЕТОДИКАИ АРЗЁБИИ ДАСТОВАРДҲОИ ТАЪЛИМИИ ДОВТАЛАБОН АЗ ФАНҲОИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК ДАР АСОСИ НАТИҶАҲОИ ИМТИҲОНҲОИ МАРКАЗОНИДАИ ДОХИЛШАВӢ БА МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНА ВА ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Диссертатсия**
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарй (тахсилоти миёнаи умумй))

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор
Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода

**Душанбе - 2025**

# МУНДАРИҶА

Муқаддима 4
Боби 1. Асосҳои илмӣ, назариявӣ ва амалии тестҳои педагогӣ 19
1.1Ҷанбаҳои педагогию психологии тести педагогӣ 19
1.2 Таърихи пайдоиш ва рушди тести педагогӣ 24
1.3 Таснифоти саволу масъалаҳои тест, талабот ва зинаҳои таҳияи абзори арзёбии дастовардҳои таълимӣ 36
1.4 Меъёрҳои сифати абзори арзёбии дастовардҳои таълимӣ 48
Хулосаи боби 1 56
Боби 2.Технологияи таҳия ва таҳлили абзори арзёбии дастовардҳои таълимии довталабон 58
2.1Тартиби таҳияи абзорҳои арзёбӣ дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ 58
2.2Навъ, шаклҳо ва меъёри холгузорри тестҳои забон ва адабиёти тоҷик 68
2.3 Арзёбии сифати тестҳои забон ва адабиёти тоҷик 72
Хулосаи боби 2 94
Боби 3.Методикаи арзёбии дастовардҳои таълимии довталабон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик 96
3.1 Таҳлили умумии натиҷаҳои бадастовардаи довталабон дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ 96
3.2 Арзёбии дониш ва малакаю маҳоратҳои довталабон аз фанни забони тоҷикӣ 106
3.3 Арзёбии дониш ва малакаю маҳоратҳои довталабон аз фанни адабиёти тоҷик 135
3.4 Таҳлили муқоисавии натиҷаҳо аз рӯйи минтақаҳои ҷумҳурӣ 151
Хулосаи боби 3 161
Хулоса 164
Рӯйхати адабиёти истифодашуда 172
Замимаҳо 196

# ИХТИСОРАҲО

| | |
|---|---|
| ВМИ ҶТ | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВМКБ | Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон |
| ДДОТ | Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон |
| ИДМ | Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил |
| ИМА | Иёлоти Муттаҳидаи Америко |
| ИМД | Имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ |
| ИҶШС | Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ |
| ИЯД | Имтиҳони ягонаи давлатӣ |
| КОА | Комиссияи олии аттестатсионӣ |
| ММТНПҶТ | Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| МТТМК | Муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ |
| МТТОК | Муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ |
| МТТМОК | Муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ |
| МТ | Муассисаҳои таълимӣ |
| МТУ | Муассисаҳои таҳсилоти умумӣ |
| МТМУ | Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ |
| НМАСТ | Низоми миллии арзёбии сифати таҳсилот |
| ФР | Федератсияи Русия |
| ҲҶТ | Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ҶТ | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ШИБХ | Шумораи имконпазири бештарини холҳо |
| ШНТҶ | Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ |

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, ки «илму маориф ба як рукни муҳимми иҷтимоӣ табдил ёфта ҳамчун ҷавҳари ҳастии миллат эътироф гардидаанд» [84, с. 5], маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат эълон шуд ва бевосита зери назар ва раҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифт.

Тараққиёти ҳар кишвари ҷаҳон дар замони имрӯзаи пешрафти босуръати илму техника ба технологияи пешқадаму усулҳои инноватсионӣ ва ҳамзамон ба сатҳу сифати низоми таҳсилот сахт вобаста аст. Ҳамин аст, ки бо мақсади беҳтар намудани вазъи таълим ва баланд бардоштани сифати таҳсилот,ислоҳот дар низоми имтиҳонҳои дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ (МТТОК) ва арзёбии объективонаи дониш ва малакаю маҳорати довталабон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҲҶТ) 5-уми марти соли 2008 Муассисаи давлатии «Маркази миллии тестӣ» таъсис ёфт. «Бо дарназардошти аҳаммияти баланд доштани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми феврали соли 2014, № 138 муассиса тобеияти идоравиашро дигар карда, дар заминаи он Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд» [177].

Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷик (ММТНПҶТ) мувофиқи мақсадҳои оинномавиаш аз соли 2014 ташкил ва гузаронидани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ (ИМД) ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ (МТТМОК)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҶТ)-ро ба роҳ монд [148].

Дар низоми ИМД ба МТТМОК бартарӣ ба усули нав – санҷиши тестӣ дода шудааст ва таҳқиқоти мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳимми ин самт – тартиби таҳияи тестҳои педагогӣ ва арзёбии дониш ва малакаю маҳорати довталабон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар асоси натиҷаҳои ИМД

бахшида шудааст.

Тест ва ё санҷиши тестӣ маҷмуи метод ва раванди бамеъёр-даровардашуда (стандартишуда)-ест, ки барои арзёбии дастовардҳои имтиҳонсупор пешбинӣ гардидаааст. Методҳои анъанавии арзёбии дониш ва малакаю маҳоратҳо, ки ҳоло дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон истифода мешаванд, ба талаботи меъёрҳои арзёбии дастовардҳои таълимии хонандагон ҷавобгӯ нестанд. Усулҳои анъанавӣ имкон намедиҳанд, ки дар бораи дастовардҳои имтиҳонсупорандагон маълумоти дақиқ ба даст орем. Тест ҳамчун усули босифати арзёбӣ воқеиятро бо роҳи стандартикунонии раванди гузаронидани тест ва санҷиши натиҷаҳои саволу масъалаҳо ва тестҳо дар маҷмуъ ифода менамояд [180]. Боэътимодии усули тестгузаронӣ дар он зоҳир мегардад, ки дониш ва малакаю маҳорати имтҳонсупорандагон дар шароити баробар арзёбӣ мешавад, ки дар натиҷа омили инсонӣ – субъективизми имтиҳонгир аз байн меравад. Бинобар ин, имрӯз дар бештари кишварҳои ҷаҳон санҷиши тестӣ ҳамчун усули боэътимоди арзёбии дастовардҳои таълимӣ эътироф гардидааст. Абзори санҷиши тестӣ тест аст. Тесте, ки босифат таҳия шудааст, дар бораи дастовардҳои таълимии хонандагон ва ё имтиҳонсупорандагон маълумоти дақиқ пешниҳод менамояд. Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаҳои илмӣ, назариявӣ ва амалии тести педагогӣ, марҳалаҳои таҳияи тест, таҳлили саволу масъалаҳо ва дар ин замина низоми арзёбии дастовардҳои таълимии хонандагон (довталабон) хеле муҳим аст.

**Дараҷаи омӯзиши мавзуъ.** Ташаккул ва рушди тестгузаронии педагогӣ дар ҶТ асосан ба таъсиси ММТНПҶТ ва роҳандозии ИМД вобаста аст. Истифодаи тест дар ИМД тавассути ММТНПҶТ як падидаи нави илмию методӣ ва иҷтимоӣ буда, дар таҷрибаи муассисаҳои таълимӣ (МТ)-и кишварамон таърихи тӯлонӣ надорад. Ҳарчанд ки дар даҳ соли охир усули тестӣ дар МТ ҶТ ҳарчи бештар истифода мешавад, вале таҳқиқоте, ки ҷиҳатҳои илмию амалии ин равандро нишон диҳад, ҳанӯз ба вуҷуд

наомадааст. Албатта, дар методикаи анъанавӣ, дар таҷрибаи омӯзгорони навовар, унсурҳои алоҳидаи тест мавриди истифода қарор дошт. Намунаи тестҳои аввалин дар асару мақолаҳои илмию методии олимону методистони кишвар дода шудаанд. Масалан методистон Т. Салоҳов [90], А. Мулло ва М. Шодӣ [73] аз аввалинҳое мебошанд, ки ҳанӯз дар солҳои 90-уми асри гузашта дастури таълимии «Тестҳо аз забон ва адабиёти тоҷик» ва «Дастури методии озмуни тестӣ аз фанни забон ва адабиёти тоҷик»-ро таҳия намудаанд. Албатта дастурҳои номбаршуда дар замони гузариш ба ислоҳоти соҳаи маориф муфид буданд. Вале дар ин дастурҳо роҳу усулҳои таҳияи тест ва талаботи меъёрӣ ба таҳияи тест, усулҳои ҷамъбасти натиҷаҳо дар мавриди санҷишҳои ҷамъбастӣ мавриди баррасӣ ва тавсияҳои илмию методӣ қарор нагирифтаанд. Ҳ. Саидов дар дастури методии худ [89] тесте тартиб дод, ки хеле сода буда, ба талаботи меъёрӣ ҷавобгӯ нест. Монанд ба ҳамин дар аксари шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ омӯзгорони алоҳида аз фанҳои таълимӣ тестҳо таҳия намуданд. Ҳарчанд ин тестҳо ҷанбаҳои қавии илмию методӣ надоранд, вале корҳои мазкур гувоҳи онанд, ки тест ҳамчун воситаи муҳимми арзёбии дониш ва малакаю маҳорати хонандагон эътироф ва бо шаклу намудҳои гуногун вориди таҷрибаи омӯзгорон гардидааст ва ин раванд тақозо менамояд, ки барои имрӯзу ояндаи илми тестология дар ҷумҳурӣ таҳқиқоти арзишманди илмӣ рӯйи кор ояд.

Корҳо барои татбиқи тестгузаронии педагогӣ дар ҶТ ҳанӯз аз соли 2013-ум бо корҳои фаҳмондадиҳӣ, интишор ва паҳн намудани варақаҳои иттилоотӣ, мақолаю дастурҳои таълимӣ ва маҷаллаи илмӣ ва иттилоотию методӣ оғоз гардида буд. Бо вуҷуди ин дар солҳои аввали омодагӣ ва баргузории ИМД ба МТТМОК тавассути ММТНПҶТ дохилшавандагон ба мушкилоти зиёд рӯбарӯ шуданд: якум, низоми нави имтиҳонсупорӣ, дуюм, надоштани малака ва маҳорати истифодаи сомонаи расмии ММТНПҶТ ва хизматрасониҳои интернетӣ, сеюм, надонистани тартиби кор бо саволу масъалаҳои тести навъҳои гуногун ва тартиби пур кардани варақаи ҷавобҳои тест – «варақаи

махсус, ки довталаб дар он ҷавоби саволу масъалаҳои тестро ишора мекунад ё менависад» [86, с. 9]. Инчунин надонистани меъёри холгузорӣ ба саволу масъалаҳои тест, холҳои гузариши фаннӣ, шкалабандӣ, яъне «раванди баргардонидани холҳо ба балҳо, ки пас аз коркарди пурраи варақаҳои ҷавобҳои довталабон ва ҳисоби холҳо ба роҳ монда мешавад» [86, с. 12], озмуни тақсимот ба МТТОК аз мушкилоти дигар буд, ки проблемаҳои мазкур натанҳо довталабон, инчунин падару модарон, омӯзгорон, мутахассисон ва коршиносонро низ ба ташвиш наоварда наметавонист. Аз ин рӯ ба корҳои фаҳмондадиҳӣ тақвият бахшида шуд. Дар ин самт рисола ва мақолаҳои илмию методии донишмандони тестшиноси кишвар С.Ф. Ҷаъфаров [165], Х.И. Икромӣ [131; 132; 133], А.Ш. Шодиниё [133], Н. Мирзоматов [145], Р.С. Назарзода [177], Г.Б. Мухаметов [175], Л.Д. Хусравбеков [180], Х.М. Мирзоаминов [143], Р.Т. Қурбонова [174] ва дигарон, ки дар асоси асарҳо ва мақолаҳои илмии тестшиносони кишварҳои гуногуни олам чун Р. Ингенкамп, Л. Крокер, Ҷ. Алгина, В.С. Аванесов, Б.В. Володин, В.И. Короса, А.Н. Майоров, В.И. Звонников, М.Б. Челишкова, В.А. Болотов, С.П. Мамай, Н.Н. Самилкина, Дж. Бетелл, А. Забулионис, П. Клайн, В.С. Ким, Ю.Э. Краснов, В.А. Векслер, П.Г.Нежнов, С.Ф. Горбов, А.Б. Воронсов, А.Г. Багдасарян, И.А. Валдман, А.В. Мендел, В.В. Гинчук, С.К. Калдибаев, А.Д. Жунусакунова, Л.Н. Акимова, Г. Ярошевский, Е.Ю. Карданова, Г.С. Примбетова ва дигарон навишта шудаанд, нақши муҳим бозиданд. Бо саъю кӯшиши мутахассисони ММТНПҶТ, аз ҷумла диссертант, соли 2013 аввалин дастури таълимию методие, ки ҳамчун адабиёти таълимӣ барои довталабони МТТОК ҶТ таҳия ва нашр шудааст, «Роҳнамои довталаб» [85] мебошад, ки он минбаъд ҳар сол аз нав таҳия шуда, пеш аз имтиҳонот ҳам ба довталабон ва ҳам ба онҳое, ки мехоҳанд дар бораи ИМД маълумот бигиранд, дастрас мегардад.

Дар асоси талаботи бамиёномада ҳанӯз нахустин «Маҷмуаи саволу масъалаҳои тест аз фанни забони тоҷикӣ» (қисми А) [18-М], «Маҷмуаи саволу

масъалаҳои тест аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик» (қисми Б) [17-М] аз тарафи диссертант дар ҳаммуаллифӣ бо Н. Мирзоматов таҳия ва дастраси довталабон гардидааст, ки минбаъд дар таҳияи саволу масъалаҳои тест барои ИМД дар такмилу таҳрири ҳамасолаи муаллиф истифода шуда истодаанд.

Омӯзиши адабиёти илмию методии мавҷуда, таҳлили методҳои арзёбии дониш ва малакаю маҳорати хонандагону довталабон ва натиҷаҳои ИМД ба МТТМОК-и Тоҷикистон аз фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик якчанд омили ба сифати таҳсилот, раванди арзёбӣ ва натиҷаҳои он таъсиррасон, инчунин норасоиҳо ва ихтилофҳо дар баҳогузориро ошкор намуданд, аз ҷумла:

− набудани низоми ягонаи арзёбии дониш ва малакаю маҳорати хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) аз фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик;

− ба тавре ки мебояд мавриди таҳқиқоти илмию амалӣ қарор нагирифтани раванди таҳияи тестҳо, натиҷаҳои бадастомада, моҳияти илмию амалии ин раванд ва баррасию таҳлил нашудани натиҷаҳои ИМД дар сатҳи идораи низоми таҳсилот, аз ҷумла дар сатҳи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВМИ ҶТ) ва сохторҳои илмию методии он, муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, миёна ва олии касбӣ, инчунин мақомоти маҳаллии идоракунии соҳаи маориф дар ноҳия, шаҳр ва вилоятҳои ҶТ;

− вуҷуд доштани таъсири омилҳои инсонӣ дар ин гуна санҷишҳо ва имтиҳонҳо, беадолатӣ ва ихтилофҳо дар баҳогузорӣ, дастрасии нобаробари хонандагон ва довталабон ба имтиҳон, илман асоснок набудани абзори санҷиши объективонаи дониш ва малакаю маҳорати хонандагону довталабон;

− мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор нагирифтани таъсири ин падидаи нави илмию педагогӣ ва иҷтимоӣ дар поён рафтани сатҳи фасод (коррупсия) ҳангоми дохилшавӣ ба МТТМОК;

− мавриди таҳқиқоти илмию амалӣ қарор нагирифтани сабабҳои

дониши сатҳӣ нишон додани аксарияти хатмкунандагони МТМУ, аз ҷумла довталабон дар ИМД аз қисматҳои муҳимми забони тоҷикӣ (фонетика ва имло, лексикология ва фразеология, услубҳои баён, ҳиссаҳои нутқ, роҳҳои калимасозӣ, навъҳои алоқаи калимаҳо дар ибора, хелҳои ҷумлаҳои сода ва мураккаб, таҳлили синтаксии ҷумла) ва адабиёти тоҷик (санъатҳои бадеӣ, жанрҳои адабӣ, фолклор, шарҳи луғат, таҳлили матнҳо ва порчаҳои шеърӣ, таҳлили образҳо ва ғояи асарҳои бадеӣ).

Ҳамин тариқ норасоиҳо ва ихтилофҳо, омилҳои ба сифати таҳсилот, раванди арзёбӣ ва натиҷаҳои он таъсиррасон, ҷорӣ намудани низоми нави имтиҳонҳои дохилшавӣ ба МТТМОК-и ҶТ, ки дар асоси принсипҳои адолату шаффофӣ ва дастрасии баробар сурат мегирад ва низ дар заминаи тестгузаронӣ татбиқ меёбад ва дар он тест ҳамчун абзори илман асоснок ва боэътимоду одилонаи арзёбии дониш ва малакаю маҳорати довталабон ба ҳисоб меравад, муайян намуданд, ки предмети таҳқиқот қарор гирифт.

Мубрамият ва аҳаммияти илмӣ ва назариявию амалии масъалаҳои зикршуда, истифодаи технологияҳои нав дар арзёбии дастовардҳои таълимии донишомӯзон ва то имрӯз мавриди таҳқиқи пурра қарор нагирифтани ин масъала мавзуи таҳқиқотро муайян намуд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Мониторинг ва арзёбии сифати таҳсилот, иштирок дар барномаҳои миллию байналмилалии арзёбии дониши хонандагон яке аз вазифаҳои асосии ММТНПҶТ ба ҳисоб меравад. Иҷрои корҳои илмӣ ва илмию методӣ, ворид намудани технологияҳои инноватсионӣ ва коммуникатсионӣ дар илм ва истеҳсолот, ҷорӣ кардани натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, ташвиқу тарғиби дастовардҳои илм, техника, фарҳанг ва таҳсилоти кишвар ба барномаҳои илмию таҳқиқотӣ ворид карда шуда ва вазифаҳои ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ маҳсуб мешаванд.

Ҳамин тариқ таҳқиқот бевосита ба барнома ва мақсадҳои асосии ММТНПҶТ – гузаронидани пажӯҳишҳо ва арзёбии сатҳи дониши

хонандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ тавассути тестгузаронӣ (бо истифодаи воситаҳо ва методҳои муосири арзёбии дониш ва техникаю технологияҳои пешрафта), барнома ва вазифаҳои илмию таҳқиқотии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» [2], «Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» [1], «Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [4], «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» [5], «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [6] дарҷ шудаанд, робита дорад. Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикршуда масъалаҳои зерин таъкид шудаанд: бунёди заминаи меъёрию методӣ ва инфрасохтори низоми миллии арзёбии сифати таҳсилот, таҳия ва татбиқи низоми самаранок ва механизмҳои институтсионалии арзёбии сифати таълим (дар ҳамаи зинаҳо) дар асоси муносибати босалоҳият, таҳияи чорчӯбаҳои миллии арзёбии сифати таҳсилот, арзёбии сатҳи омодагии хонандагон ва хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ аз рӯйи се самт: натиҷаҳои шахсӣ, натиҷаҳои фаъолияти муназзам ва натиҷаҳои фаннӣ, ки ҳамзамон арзёбии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилот дар ҳамаи зинаҳо ва омода намудани мутахассисони ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯро дар бар мегиранд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот:** нишон додани дараҷаи дониш ва малакаю маҳоратҳои довталабон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик ба воситаи абзори илман асоснок ва аз рӯйи методикаи нави арзёбӣ дар асоси натиҷаҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба МТТМОК-и ҶТ.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

– омӯзиши таҳқиқоти илмӣ оид ба тестология, арзёбиҳои педагогӣ ва таҳияи воситаҳои арзёбӣ;

– нишон додани тартиби таҳияи мушаххасот (матритса)-и тести фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, ки дар ИМД истифода мешавад;

– нишон додани тартиби таҳияи саволу масъалаҳои тест аз фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик барои ИМД дар асоси талаботи назарияи тест;

– таҳқиқи амалии арзёбии сифати тестҳо аз фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик дар асоси назарияи классикии тест;

– муайян намудани дараҷаи дониш ва малакаю маҳоратҳои довталабон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик бо истифода аз абзори илман асоснок;

– ҷамъбасти илмии таҳқиқот дар асоси назарияи ба илм асосёфта ва дар таҷрибаи амалӣ санҷидашудаи тестҳо: арзёбии натиҷаҳои ИМД ба МТТМОК-и ҶТ.

**Объекти таҳқиқот:** саволу масъалаҳои тест аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, ки дар ИМД-и солҳои 2016-2019 истифода шуданд ва натиҷаҳои бадастовардаи довталабон аз ин фанҳои таълимӣ.

**Предмети таҳқиқот:** ҷанбаҳои педагогию психологии тестҳои педагогӣ, раванди таълими фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик дар МТМУ, методикаи арзёбии дастовардҳои довталабон дар асоси санҷишҳои тестӣ.

**Фарзияи таҳқиқот:** дурусту воқеӣ арзёбӣ кардани дастовардҳои довталабон дар ИМД ба баланд бардоштани дараҷаи дониш ва малакаю маҳорати хонандагони МТМУ ва ба такмили раванди таълими фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик дар МТМУ боис мегардад, ба шарте ки:

1) мушахассот (матритса) ва шиносномаи тест дар асоси меъёр ва талабот дуруст таҳия шаванд;

2) саволу масъалаҳои тест ба талаботи стандарти давлатии таҳсилот, барномаи таълимӣ ва китобҳои дарсии амалкунанда мувофиқ бошанд;

3) бо мақсади муайян кардани сифати тестҳо ва саволу масъалаҳои тест таҳлили математикӣ-оморӣ гузаронида шавад;

4) тестҳои таҳияшуда ҳар сол пеш аз истифода аз озмоиши педагогӣ (бо

иштироки хатмкунандагони МТМУ) гузаронида ва бо назардошти натиҷаҳо то оғози ИМД таҳриру такмил дода шаванд;

5) дар курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият ба таълим ба омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик асосҳои илмию амалии таҳияи намудҳои гуногуни тестҳои таълимӣ ва истифодаи бамавриди онҳо машғулиятҳои назариявию амалӣ гузаронида шавад, то ки дар МТМУ низоми ягонаи арзёбии дониш ва малакаю маҳорати хонандагон ҷорӣ гардад;

6) натиҷаҳои ИМД ҳамасола дар сатҳи ВМИ ҶТ ва сохторҳои илмию методии он, муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, миёна ва олии касбӣ, мақомоти маҳаллии идоракунии соҳаи маориф дар ноҳия, шаҳр ва вилоятҳо бо иштироки олимон, коршиносон, намояндагони мақомоти дахлдор, воситаҳои ахбори омма мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода, дар асоси баррасиҳо қарорҳои ҷанбаи илмию амалидошта қабул карда шаванд.

**Марҳала, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқот дар се марҳала гузаронида шудааст.

***Марҳалаи аввал*** (солҳои 2011-2013) омӯзиш ва таҳлили адабиёти махсуси психологӣ-педагогиро дар бар мегирад, ки бо мақсади муқаррар намудани дараҷаи таҳқиқи масъалаи мазкур амалӣ гардид. Дар ин давра асосҳои назариявӣ ва самтҳои асосии таҳқиқот муайян карда шуданд: мубрамӣ, ҳадаф, вазифаҳо, мушахассот (матритса)-и тести фанни забон ва адабиёти тоҷик таҳия гардид. Дар асоси матритса аввалин тестҳо аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик таҳия ва дар байни хонандагони МТМУ-и ҷумҳурӣ озмуда (апробатсия) шуданд. Бо мақсади таҳқиқи масъалаи омодагии довталабон ба имтиҳонҳои дохилшавӣ ба МТОК соли 2013 пилоти генералӣ гузаронида шуд.

***Марҳалаи дуюм*** (солҳои 2014-2015) омӯзиш ва таҳқиқоти минбаъдаи адабиёти илмиеро дар бар мегирад, ки ба ҳалли масъалаҳои санҷишҳои тестӣ ва арзёбии дастовардҳои таълимии довталабон вобастаанд. Дар ин давра

аввалин ИМД ба МТТОК-и ҶТ гузаронида шуданд, ки дар онҳо тестҳои забон ва адабиёти тоҷик ҳамчун абзори боэътимоди арзёбии дастовардҳои таълимии довталабон истифода гардиданд.

***Дар марҳалаи сеюм*** (2016-2019) тестҳои озмудашудаи забон ва адабиёти тоҷик дар ИМД ба МТТМОК-и ҶТ истифода гардиданд. Дар асоси назарияи классикии тестҳо таҳлили оморию психометрии ҳар як саволу масъалаи тест ва тестҳои забон ва адабиёти тоҷик гузаронида шуд. Дар асоси натиҷаҳои таҳлил маводди илмӣ мувофиқи мавзуи таҳқиқот омода гардид.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот** методҳои назариявӣ ва амалиеро дар бар мегирад, ки ба объект ва предмети кор мувофиқанд, аз ҷумла

– омӯзиш ва таҳқиқи адабиёти илмию методӣ доир ба мавзуи таҳқиқшаванда, муқоисаи стандарт, барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ;

– таҳқиқи тестгузаронии педагогӣ, таҷрибаҳои озмоишӣ-муқарраркунанда, ҷустуҷӯиву пилотӣ, мушоҳидаҳои илмӣ, баҳодиҳии ташхисгарон, гузаронидани имтиҳонҳои тестӣ, таҳлили пурраи сифати тест, таҳлили муқоисавии хусусиятҳои санҷиши тестӣ;

– коркарди таҷрибаи педагогӣ, таҳияи марҳала ба марҳалаи тест;

– ташхис ва коркарди оморию психометрии саволу масъалаҳои тест дар асоси назарияи классикии тест ва таҳлили маълумоти бадастомада бо ёрии технологияи нав.

**Сарчашмаи маълумот.** Маълумоти дар таҳқиқот дарҷшуда аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» [2], санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҲҶТ, «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» [5], «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [6], «Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [4], «Тартиби гузаронидани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [7], дастури иттилоотию методии «Роҳнамои

довталаб» [85; 86; 87], «Барномаи имтиҳон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик» [186], стандарт ва барномаҳои таълимии фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, китобҳои дарсӣ аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, инчунин аз асарҳои илмию методии донишмандони варзидаи ватанию хориҷӣ дар соҳаи педагогика, психология, методикаи таълим, филология, философия, сотсиология ва ғайра сарчашма мегирад.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро далелҳои асосноки илмӣ, ки дар натиҷаи имтиҳонҳои тестӣ – яке аз усулҳои аз назари технологӣ пешрафта, боэътимод ва объективонаи арзёбӣ ва назорати сифати таҳсилот, ба даст омадаанд, ташкил медиҳанд. Бартарӣ ва боэътимодии ин усули арзёбӣ дар илман асоснок будани абзори санҷиш – тестҳои стандартишуда, ки боэътиборӣ ва ё коршоямии онҳо дар асоси маълумотҳои оморию психометрии бадастомада муайян карда шудааст, ва роҳҳои арзёбӣ, аз ҷумла фароҳам овардани шароити якхела барои имтиҳонсупорандагон, арзёбии одилона ва объективонаи натиҷаҳо дар асоси талаботу меъёрҳои ягона ва илман асоснокшуда зоҳир мегардад.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Пойгоҳҳои таҷрибавию озмоишии таҳқиқотро марказҳои имтиҳонии ММТНПҶТ – «макони баргузории имтиҳонҳо дар биноҳои муассисаҳои таълимии дар шаҳр ё ноҳияи интихобгардида» [86, с. 10] дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Истаравшан, Конибодом, Панҷакент, Бохтар, Кӯлоб, Хоруғ, ноҳияҳои Рашт, Б. Ғафуров, Восеъ, Данғара, Кӯшониён, Ҷ. Балхӣ ва Шаҳритус ташкил медиҳад.

Таҳқиқот дар асоси иштироки **60 288 нафар** довталаб дар ИМД, аз ҷумла **10 951 нафар дар соли 2016-ум, 17 744 нафар дар соли 2017-ум, 14 685 нафар дар соли 2018-ум** ва **16 908 нафар дар соли 2019-ум** сурат гирифт.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Дар раванди таҳқиқот асосҳои педагогӣ ва психологии ИМД ба МТТМОК-и ҶТ, ки бо истифодаи методҳои тестии арзёбии дониш ва малакаю маҳорати довталабон ба даст омад, таҳлил карда

шуд. Вобаста ба ин бори аввал дар Тоҷикистон

– саволу масъалаҳои тест аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик барои истифода дар ИМД дар асоси мушаххасот (матритса)-и илман асоснок таҳия гардид;

– сифати саволу масъалаҳои тест аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар асоси назарияи классикии тестҳо таҳлил ва коршоямии онҳо муайян карда шуд;

– аз рӯйи барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии амалкунанда маҷмуаи саволу масъалаҳои тест аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик барои хонандагони МТМУ ва довталабоне, ки ба ИМД ба МТТМОК-и ҶТ тайёрӣ мебинанд, таҳия гардид;

– дараҷаи дониш ва малакаю маҳоратҳои довталабон дар ИМД аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик ба воситаи абзори дақиқ ва боэътимоди илмӣ ва аз рӯйи методикаи нав арзёбӣ ва натиҷагирӣ карда шуд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1) асосҳои назариявӣ ва амалии таҳияи тестҳои педагогӣ;

2) асосҳои назариявии таҳлили сифати тест ва арзёбии хусусиятҳои психометрии он;

3) коршоямӣ (боэътимодӣ, боэътиборӣ ва дараҷаи душворӣ)-и саволу масъалаҳои тести забон ва адабиёти тоҷик, ки дар асоси стандарт ва барномаҳои таълимӣ ва барномаи имтиҳон таҳия шудаанд;

4) методикаи арзёбии дониш ва малакаю маҳорати довталабон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик ба воситаи абзори дақиқ ва боэътимоди илмӣ;

5) роҳҳои истифодаи саволу масъалаҳои тести забон ва адабиёти тоҷик, ки коршоямии онҳо дар асоси назарияи классикии тестҳо муайян карда шудааст, дар санҷишҳои педагогӣ дар МТМУ ва баланд бардоштани сифати таҳсилот.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот:**

– дар раванди таҳқиқот мафҳумҳои мушаххаси «тестҳои педагогӣ», «матритсаи тест», «таҳлили оморию психометрии тест» ва «арзёбии дастовардҳои таълимӣ (дониш ва малакаю маҳорат)-и довталабон» муайян карда шуд;

– асосҳои назариявии санҷиши тестӣ ва таҳлили оморию психометрии саволу масъалаҳои тести забон ва адабиёти тоҷик дар асоси назарияи классикии тестҳо таҳия гардиданд, ки ба маводди психологӣ ва педагогӣ такя мекунад;

– натиҷаҳои таҳқиқ барои таҳияи саволу масъалаҳои тести ба талабот ҷавобгӯ замина фароҳам меоранд;

– натиҷаҳои таҳқиқ дар рушди низоми санҷишҳои тестии объективӣ дар муассисаҳои таълимӣ мусоидат менамоянд;

– натиҷаҳои таҳқиқ бо мақсади омода намудани хонандагон барои супоридани ИМД ба МТТМОК дар МТМУ мавриди истифода қарор мегиранд;

– натиҷаҳои таҳқиқот барои беҳтар гардидани таълими фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар МТТУ ва баланд шудани сифати таҳсилот мусоидат менамоянд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Саҳеҳӣ ва асоснокии натиҷаҳои бадастомада ва хулосаҳо бо истифодаи методҳое, ки ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқанд ва дар асоси таҷрибаҳое, ки дар раванди ИМД ба МТТМОК ба даст омадаанд, тасдиқ мешаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Кори диссертатсионӣ ба Шиносномаи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик) (13.00.02.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) ва бандҳои зерини соҳаҳои таҳқиқот мувофиқат мекунад: фасли 1 – **Назария ва методикаи омӯзиш:** банди 1.1 – **Методологияи омӯзиши фанҳои мушаххас** – ҳамкории назария ва методикаи омӯзиш бо соҳаҳои илм, техника ва фарҳанг; –

робитаи мутақобилаи методҳои маърифати илмӣ ва таълимӣ; – рушди методҳои таҳқиқоти педагогӣ бо дарназардошти вижагиҳои соҳаҳои дониш ва дараҷаҳои таҳсилот; банди 1.2 – **Арзиш ва ҳадафҳои омӯзиш** – коркарди ҳадафҳои омӯзиш мутобиқи тағйироти иҷтимоию фарҳангӣ ва иқтисодии муосири рушди ҷомеа; банди 1.3 – **Муҳтавои омӯзиш** – коркарди консепсияҳои муҳтавои фанҳои таълимӣ дар дараҷаҳои гуногуни таҳсилот; – тарҳрезии муҳтаво, методҳо ва шаклҳои ташкилии омӯзиш дар шароити шаклтағйирдиҳӣ, иттилоотисозӣ ва ҷаҳонишавии равандҳои ҷамъиятӣ, фарҳангӣ ва таҳсилотӣ; банди 1.4 – **Таъминоти методӣ ва технологияҳои омӯзиш, сифати омӯзишӣ** – коркарди талаботи методӣ ба насли нави адабиёти таълимӣ; – ташкил ва истифодаи методҳои нав, равишҳои методӣ, воситаҳои техникии омӯзиш дар соҳаҳои гуногуни дониш; – коркарди меъёрҳо ва мониторинги сифати таълими фанҳои омӯзишӣ.

**Саҳми шахсии муаллиф.** Дар асоси таҳлили адабиёти илмию методӣ ва барномаҳои таълим муаллиф матритсаи тести забон ва адабиёти тоҷикро таҳия намуд, ки дар асоси он саволу масъалаҳои тест барои арзёбии дониш ва малакаю маҳоратҳои довталабони дар ИМД иштирокнамуда омода карда шуданд. Аз тарафи муаллиф бори аввал дар ҷумҳурӣ таҳлили натиҷаҳои дастовардҳои таълимии довталабон бо истифода аз методикаи нави арзёбӣ гузаронида, дараҷаи дониш ва малакаю маҳоратҳои довталабон муайян карда шуд. Диссертант аз соли 2011 ин ҷониб дар таҳия, такмил ва таҳрири тестҳои забон ва адабиёти тоҷик барои ИМД, таҳияи дастури иттилоотию методии «Роҳнамои довталаб» бевосита ширкат дошта, дар маҷмуъ 23 дастуру мақолаҳои илмию методиро ба нашр расонидааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия (гузориши нуктаҳои асосии диссертатсия дар конфронсҳо, маҷлисҳо, семинарҳо ва дигар ҳамоишҳои илмӣ).** Нуктаҳои алоҳида ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар Шурои илмӣ ва методии ММТНПҶТ, кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии

омӯзгории Тоҷикистон (ДДОТ) ба номи Садриддин Айнӣ мавриди муҳокима қарор гирифтаанд. Нахустин тавсияҳои илмию методии диссертант ҳанӯз солҳои 2015, 2016 дар шакли нишондодҳои методӣ дар «Маҷмуаи саволу масъалаҳои тести забони тоҷикӣ» ва «Маҷмуаи саволу масъалаҳои тест аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик» дар асоси талаботи ИМД таҳия ва бо тавсияи Шурои илмӣ ва методии ММТНПҶТ чоп шуда буданд, ки минбаъд дар таҳияи тестҳои санҷишии ИМД ба асос гирифта, дар таҷрибаи амалӣ санҷида шуданд. Маҷмуаҳо дар таҳриру такмили нав солҳои 2017-2025 бознашр шудаанд. Инчунин диссертант аз натиҷаҳои таҳқиқот дар як конференсияи ҷумҳуриявӣ ва се конференсияи байналмилалӣ гузориши илмӣ ба тавсиб расонидааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуъ ва мазмуну мундариҷаи диссертатсия 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионӣ (КОА)-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 мақолаи илмию методӣ дар нашрияҳои дигар ва 13 дастури методӣ, ки бевосита нуктаҳои асосии диссертатсияро фарогиранд, нашр шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда (206 номгӯй) ва замимаҳо иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 195 саҳифаи чопи компютерӣ иборат буда, 45 расм, 30 ҷадвал ва 3 замимаро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ ИЛМӢ, НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛИИ ТЕСТҲОИ ПЕДАГОГӢ

## 1.1 Ҷанбаҳои педагогию психологии тести педагогӣ

Имрӯз дар ҳамаи кишварҳои пешрафта тест яке аз муҳимтарин воситаи арзёбии дастоварҳои таълимӣ ба шумор меравад. Доир ба ин масъала донишмандони зиёде таҳқиқот карда, асарҳои илмию методӣ ва дастурҳои омӯзишӣ навиштаанд [63; 64; 65; 66; 168; 58; 59; 193; 194; 173; 150; 151; 175]. Ҳамаи донишмандоне, ки дар ин самт кор кардаанд, дар асоси таҳқиқоти илмӣ ва озмоишҳои педагогӣ тестро дар баробари дигар усулҳои санҷиш босамартарин воситаи санҷиши сифати дониши хонандагон» [181, с. 9] донистаанд, ки нисбат ба дигар шаклҳои субъективии назорат бартарии бегумон дорад ва аз ин шаклҳои арзёбӣ ва назорат «бо объективияти андозагирии натиҷаҳои омӯзиш фарқ мекунад» [153].

Барои фаҳмидани моҳияти тест, муҳим ин аст, ки аввал худи истилоҳҳо ва ё мафҳумҳо шарҳ дода шаванд. Чунки истилоҳ ва ё мафҳум асоси ҳама гуна илмро ташкил медиҳад ва тестшиносӣ низ аз ин истисно нест.

Мувофиқи маъумоти дастрас нахустин пажӯҳишҳои илмӣ доир ба тест ва назарияи он дар охирҳои садаи XIX ва аввалҳои садаи XX дар кишварҳои ғарбӣ дар доманаи илмҳои психология, сотсиология ва педагогика ба вуҷуд омадааст. Ба андешаи донишманди рус В. Аванесов «равоншиносон ва педагогҳои ғарбӣ ин илмро мутаносибан «психометрия» ва «санҷишҳои педагогӣ» меномиданд» [182, с. 3-4]. Аммо худи ин донишманд истилоҳи «тестология»-ро ба ин риштаи илм мувофиқтар медонад, ки «метавонад ҳам дар соҳаи психологияю сотсиология ва ҳам дар педагогика истифода шавад» [184, с. 4].

Мафҳуми «тестология» дорои якчанд маъност: тарҷумаи он аз забони англисӣ «илм доир ба санҷиш» [142] аст, вале онро ба маънои усулҳои ченакҳои педагогӣ, натиҷаҳо ва тафсири онҳо низ метавон фаҳмид. Донишмандон «тестология»-ро «илм дар бораи тест» [184, с. 4] ва ё «илм дар бораи озмоиш ва ё санҷиш» ва ба таври дигар «методи

санҷиши педагогӣ ва тафсири он» [27, с. 5], «усули андозагирию ташхисии аз ҷиҳати илмӣ асоснок» [150] ҳам гуфтаанд.

Масъалаи асосии тестология, бахусус тести педагогиро В. Аванесов «таҳияи тестҳо барои назорати объективонаи омодагии хонандагон, яъне санҷиши дараҷаи дониш, малакаю маҳорат ва тасаввуроти онҳо» [184] донистааст.

Ба андешаи донишмандони ин соҳа тестологияи педагогӣ назарияи методикаи амалии педагогикаи илмист. Мафҳумҳои муҳим ва асосии тестология ҳамчун яке аз назарияҳои методологӣ **андозагирӣ, санҷиш, мундариҷа ва шакли саволу масъалаҳо, боэътимодӣ ва дурустии натиҷаҳои андозагирӣ** ба ҳисоб меравand.

Тести педагогӣ гуфта чиро фаҳмидан мумкин аст? Ба ин савол донишмандони шинохта В. Аванесов, К. Ингенкамп, Ю. Краснов, А. Майоров, М. Челишкова, П. Клайн, Т.М. Балихина ва дигарон ҷавобҳои мушаххас додаанд. Дар асоси ҷавобҳои ин донишмандон В. Ким чунин хулоса мекунад: «Тести педагогӣ низоми саволу масъалаҳои дараҷаи гуногуни душворист, ки имкон медиҳад, то дараҷа ва сохтори омодагии санҷидашавандагон босифат ва самаранок андозагирӣ шавад» [40, с. 19].

Н.С. Михайлова низ назари донишмандони тестшиносро доир ба мафҳуми тест ва шарҳи онро дар асоси санадҳои меъёрии санҷишҳои педагогӣ ба таври муфассал овардааст [71, с. 97-98].

Ба андешаи А.В. Мендел тести педагогӣ «низоми саволу масъалаҳои махсус интихобкардашуда дар шакли тест аст, ки имкон медиҳад, то дастовардҳои таълимии як шахс миқдоран аз рӯйи ин ё он соҳаи дониш арзёбӣ шавад» [67, с. 4]. Албатта тест имкон медиҳад, ки дастовардҳои таълимии на танҳо як шахс, инчунин гурӯҳи хонандагон ва ё дастовардҳои як муассисаи таълимӣ арзёбӣ шавад.

В. Аванесов дуруст таъкид мекунад, ки «калимаи «тест» дар байни омӯзгорон фаҳмишҳои гуногунро ба вуҷуд овардааст. Бархеҳо бар ин

боваранд, ки тест савол ё супориш бо як ҷавоби дуруст аст, ки тахмин карда ёфтан даркор» [184, с. 4]. Бояд гуфт, ки, мутаассифона, чунин фаҳмиши ғайриилмии тестҳо дар муҳити имрӯзаи таълимии мо низ маъмул аст. Ин, аз як тараф, аз фаҳмиши ғалати тест бошад, аз тарафи дигар, натиҷаи амали зараровари истифодаи маҷмуаҳои гуногуни саволу супоришҳост, ки ҳамчун тест ба нашр мерасанд. Ин маҷмуаҳо, ҳарчанд зоҳиран ба тест монанданд, аммо наметавонанд ҳамчун абзори дақиқ барои санҷиш ва арзёбии дараҷаи омодагии хонандагон ва донишомӯзон хидмат кунанд.

Н.М. Опарина, Г.Н. Полина, Р.М. Файзулин ва И.Г. Шрамкова нуқтаи назари В. Аванесовро оварда, таъкид менамоянд, ки «мафҳуми «санҷиши педагогӣ» бояд аз рӯйи ду маънои муҳим баррасӣ карда шавад:

- ҳамчун усули ченкунии педагогӣ;

- ҳамчун натиҷаи татбиқи тест чун як усули ченкунӣ, ки аз маҷмуи маҳдуди саволу масъалаҳо иборат аст» [81].

Аз ин ҷо онҳо чунин хулоса мекунанд: «Тест абзорест, ки аз низоми квалиметрикии тасдиқшудаи саволу масъалаҳои тест, тартиби стандартикунонидаи баргузорӣ ва технологияи пешакӣ таҳияшудаи коркард ва таҳлили натиҷаҳо иборат аст ва он барои чен кардани сифатҳо ва хислатҳои шахс пешбинӣ шудааст, ки тағирёбии он дар ҷараёни таълими систематикӣ имконпазир аст» [81].

Ин таърифи онҳо таркиби тест ва ҳадафи пешбинишудаи онро дуруст инъикос мекунад. Ғайр аз ин дар луғати истилоҳҳо ва дастурҳо таърифҳои дигаре низ доир ба тестҳои психологӣ ва педагогӣ мавҷуданд. Аз ҷумла донишманди рус Т.М. Балихина тести педагогиро чунин таъриф намудааст: «Тести педагогӣ маҷмуи саволу масъалаҳост, ки дараҷаи дастовардҳои таълимӣ, омӯзиш, пешрафт дар фаъолияти таълимӣ ва самаранокии раванди таълимро месанҷад. Фарқи тестҳои педагогӣ аз тестҳои психологӣ дар он аст, ки тестҳои педагогӣ дараҷаи азхудкунии фанни алоҳидаро месанҷад (чен мекунад), аммо тестҳои психологӣ хусусиятҳои психикаро; дар тести

педагогӣ объекти санҷиш ва назорат мушаххас аст: дониш ва малакаю маҳорати хонандагон, раванди таълим... » [19, с. 61].

Албатта, ҳадафи таҳқиқоти мо ҳам тести педагогӣ аст, ки ба воситаи он дараҷаи дастовардҳои таълимӣ, омӯзиш, пешрафт дар фаъолияти таълимӣ ва самаранокии раванди таълим арзёбӣ мешавад. И.В. Абакумова ва И.А. Рудакова низ аз ин таърифи Т.М. Балихина доир ба тести педагогӣ ҷонибдорӣ намудаанд: «тести педагогӣ маҷмуи саволу масъалаҳост, ки дараҷаи дастовардҳои таълимӣ, донишандӯзӣ, раванди фаъолиятҳои таълимӣ ва самаранокии раванди таълимро месанҷад» [8, с. 23].

Навиштаҳои донишмандони дигар ҳам дар бораи тести педагогӣ ҳамин нуқтаи назари Т.М. Балихинаро тасдиқ мекунанд. Ба андешаи В. Казиев [190], А.А. Костина [58], И.Л. Пасховер [199], Е.Г. Тиссен, И.Г. Калугина, А.С. Спирина [203], О.Е. Пермяков ва О.А. Максимова [82] санҷиши педагогӣ ҳамчун як низоми саволу масъалаҳои дорои шакли мушаххас ва душвории афзоянда имкон медиҳад, ки дараҷаи омодагӣ ва дастовардҳои таълимии хонандагон, маҷмуи ҷаҳонбинӣ, дониш ва малакаю маҳоратҳои онҳо дар соҳаи муайян, новобаста аз омӯзгор, холисона ва самаранок арзёбӣ карда шавад.

В. Казиев [190] санҷиши педагогиро маҷмуи се амал медонад: (1) таҳияи тести босифат, (2) санҷиш (гузаронидани тест) ва (3) таҳлили дараҷаи омодагии санҷидашавандагон.

Донишмандони рус Е.Г. Тиссен, И.Г. Калугина, А.С. Спирина [203] тестро ҳамчун як усул ва ё яке аз шаклҳои аттестатсия донистаанд, ки дараҷаи дастоварҳои таълимии донишомӯзон, аз ҷумла дониш, қобилиятҳои зеҳнӣ ва маҳоратҳои амалии онҳоро объективона муайян менамояд.

Дар педагогика тест се вазифаи ба ҳам алоқамандро иҷро мекунад: ташхисӣ, омӯзишӣ ва тарбиявӣ.

- Вазифаи ташхисии тест муайян намудани дараҷаи дониш ва малакаю маҳоратҳои донишомӯзон аст ва ин асоситарин ва возеҳтарин вазифа ба

шумор меравад. Вобаста ба объективияти ташхис тест бар дигар шаклҳои назорати педагогӣ бартарият дорад.

- Вазифаи омӯзишии тест ҳавасманд намудани донишомӯзон аст, ки онҳоро барои аз худ намудани маводди таълим фаро мехонад. Тадбирҳои иловагие, ки аз тарафи омӯзгор андешида мешавад, чун пешниҳод намудани саволу масъалаҳо барои мустақилона тайёрӣ дидан ва ё бо ҳам баррасӣ намудани натиҷаҳои санҷиш, метавонад ин вазифаи тестро тақвият бахшад.
- Вазифаи тарбиявии тест дар назорати даврагӣ ва ногузирии он зоҳир мешавад. Ин фаъолияти донишомӯзонро ба танзим медарорад, онҳоро барои дарёфти камбудиҳо дар фарогирии дониш ва ислоҳи онҳо ёрӣ мерасонад, дар онҳо саъйи рушди қобилиятҳояшонро ташаккул медиҳад.

Аз ин ҳама далелҳо метавон чунин натиҷа гирифт, ки санҷишҳо ба воситаи тестҳои педагогӣ яке аз усулҳои бамеъёрдаровардашуда ва дурусту воқеии (объективии) назорати раванди таълим ва арзёбии дониш, малака ва маҳорати донишомӯзон аст, ки «аз норасоиҳои анъанавии дигар усулҳои назорат ва санҷиши дониш, ба монанди ягона набудани талабот, мавҷуд будани омили инсонӣ (субъективии имтиҳонгирандагон), номуайянии низоми арзёбӣ ва монанди инҳо орӣ мебошад» [148; 150; 198]. Ва низ чунонки Н.М. Саенко зикр мекунад, «вазифаи асосии тести педагогӣ на танҳо санҷиши дониш ва малакаю маҳорати донишомӯзон, инчунин арзёбии сифат ва хусусиятҳои шахсият аст» [179, с. 9-10]. Ба ибораи дигар тестҳои педагогӣ барои ба даст овардани маълумоти дурусту воқеӣ доир ба дараҷаи дониш ва малакаю маҳорати донишомӯзон ёрӣ мерасонанд, ба талаботи стандартҳо мувофиқ будани дараҷаи омодагии хатмкунандагони МТТОК-ро месанҷанд. Ба андешаи З.Г. Нигматов «ба раванди таълим таъсири мусбат мерасонанд, зеро дар такмил ёфтани таълим ва омӯзиш мусоидат менамоянд» [151].

Ба навиштаи Е.А. Михайличев донишмандони тестшиноси ватанӣ дуруст қайд мекунанд, ки «аз рӯйи натиҷаҳои санҷиши тестии дониши хонандагон сифати китобҳои гуногуни дарсӣ ва низомҳои методи таълимро

муқоиса кардан мумкин аст... Дар асоси меъёрҳои ягона муқоиса кардани сифати таҳсилот дар кишварҳои гуногун низ имконпазир мегардад» [72, с. 6].

Вобаста ба ин В. Аванесов аҳаммияти усули санҷиши тестиро бо бартариҳои бешубҳааш нисбат ба дигар усулҳои санҷишҳои педагогӣ шарҳ дода, панҷ афзалияти асосии онро таъкид намудааст [117]. Мо низ ба ҳамин андешаҳои В. Аванесов мувофиқем:

1) эътибори баланди илмии худи тест, ки имкон медиҳад, баҳои объективии дараҷаи омодагии санҷидашавандаҳо ба даст оварда шавад;

2) аз назари технологӣ коршоямии усулҳои санҷиш;

3) дурустӣ ва дақиқии андозагирӣ;

4) мавҷудияти қоидаҳои якхелаи назорати педагогӣ барои ҳамаи иштирокдорон ва тафсири муносиби натиҷаҳои санҷиш;

5) мутобиқати технологияи тестӣ бо дигар технологияҳои муосири таълимӣ.

## 1.2 Таърихи пайдоиш ва рушди тести педагогӣ

Чунонки пештар гуфта шуд, мувофиқи маъумоти дастрас нахустин пажӯҳишҳои илмӣ доир ба тест ва назарияи он дар охирҳои садаи XIX ва аввалҳои садаи XX дар кишварҳои ғарбӣ ба вуҷуд омадааст. «Донишманди англис Ф.Галтон аввалин шуда дар асри XIX мафҳуми «тест»-ро дар робита бо психология ҷорӣ кард ва ҳам ӯ буд, ки ба дастгоҳи математикӣ асос гузошт: вай формулаи ҳисоб кардани коэффитсиенти коррелятсиониро ҷорӣ кард. Аммо тестология ҳамчун назарияи тестҳо бо усулҳои хоси илмии худ дар ибтидои асри XX пайдо шуд. Муаллифони аввалин тестҳои педагогӣ, ки барои чен кардани қобилиятҳои зеҳнии кӯдакон дар солҳои 1908-1911 таҳия шуда буданд, донишмандони фаронсавӣ Алфред Бине ва Теодор Симон ба ҳисоб меравайд» [142]. С.П. Мамай менависад, ки «оғози рушди татбиқи оммавии тестҳо низ ба номи ин донишмандон алоқаманд аст. Онҳо шкалаи

метрикии рушди ақлониро таҳия намуданд, ки дар асри XX бо номи «тести Бине-Симон» маъруф аст» [66, с. 9-10].

Л. Крокер ва Ҷ. Алгина [60] донишмандон Вилгелм Вунд, Эрнст Вебер, Густав Фехнер (Германия), Фрэнсис Галтон, Карл Пирсон, Чарлз Спирман (Британияи Кабир), Алфред Бине, Теофил Симон (Фаронса) Ҷеймс МакКин Кэттэлл, Э.Л. Торндайк, Л.Л. Тёрстоун, Е. Шавэ, Т.Л. Келли (ИМА)-ро аз саромадон ва рушддиҳандагони назарияи тест медонанд. Ба навиштаи онҳо «пас аз нашри маҷаллаҳои касбии англисии «Психометрика» (соли 1930) ва «Андозагириҳои педагогӣ ва психологӣ» (Educational and Psychological Measurement) (соли 1934) ва чопи мақолаҳо дар ин соҳа назарияи тест ба як риштаи комили илм, ки педагогика ва психологияро ба ҳам муттаҳид кардааст, табдил меёбад» [60, с. 29-33].

А.Н. Майоров [65, с. 19-20], Н.М. Опарина, Г.Н. Полина, Р.М. Файзулин ва И.Г. Шрамкова [81] менависанд, ки донишманди амрикоӣ В.А. Макколл дар аввалҳои асри XX тестро ба ду қисм ҷудо мекунад: тести психологӣ (Intelligence Test) барои муайян намудани дараҷаи рушди ақлонӣ ва тести педагогӣ (Educatinal Test) барои санҷиши муваффақияти таълимии хонандагон аз рӯйи ягон фанни таълимӣ дар як давраи муайяни таҳсил ва ё санҷиши усулҳои гуногуни таълим. Вале таҳияи аввалин тести педагогиро ба равоншиноси амрикоӣ Э.Л. Торндайк мансуб медонанд. Ба навиштаи П.А. Шишов [205] ва С.А. Мишко [176] «Э.Л. Торндайкро асосгузори тести педагогӣ мешиносанд, ки тестро ҳамчун воситаи муҳимми низоми таҳсилот дар ИМА татбиқ намуд ва бо нашри рисолаҳои боарзише дар солҳои 1903-1904 ба рушди низоми санҷишҳои педагогӣ ба воситаи тест таъсир гузошт. Ҳамин тариқ аввалин тестҳои педагогӣ барои назорат ва санҷиши объективонаи дониш ва малакаю маҳорати донишомӯзон ба вуҷуд меоянд ва дар байни устодони донишгоҳҳои Англия ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва баъдан дар Русияву Иттиҳоди Шуравӣ шуҳрат меёбанд» [205].

Масъалаи низоми имтиҳонҳо ва абзори назорат ва санҷиши объективонаи дониш ва малакаю маҳорати донишомӯзон дар Императории Русия низ, ба навиштаи А. Забулионис [130], ҳамеша мавриди омӯзиш ва баҳсу таҳқиқи донишмандон будааст. В.М. Кадневский [35; 170] донишманди рус А.П. Нечаевро асосгузори тестшиносӣ дар Русия медонад, ки пас аз таҷрибаомӯзӣ дар Олмон, Швейтсария ва Фаронса дар соли 1898, дар назди Музейи педагогии муассисаҳои таълимии ҳарбӣ Лабораторияи таҷрибавии психологияи педагогиро таъсис медиҳад ва санҷишҳои тестӣ мегузаронад.

Ба таҳқиқи масъалаи назорат ва санҷиши объективонаи дониш ва малакаю маҳорати донишомӯзон аз ибтидои асри XX сар карда равоншиносон ва педагогҳои шинохтае ба монанди С.Г. Галлерштейн, П.П. Блонский, А.П. Болтунов, М.С. Бернштейн, А.М. Шуберт, Г.И. Залкинд, С.М. Василейский ва дигарон машғул шудаанд [91, с. 24; 81].

С.Р. Балуян менависад, ки «дар солҳои 20-уми асри XX, вақте ки тестҳо дар Русияи Шуравӣ дар сатҳи давлатӣ талабот доштанд (пеш аз ҳама дар интихоби довталабон барои низоми таҳсилоти касбӣ), асарҳои зиёде доир ба тавсифи методикаи тест дар кишварҳои алоҳидаи хориҷа ва ё таърихи пайдоиш ва рушди тест дастраси хонандагон гардиданд. Ҳамин тавр дар китоби Н.В. Петровский, ки соли 1925 нашр шудааст, таърихи истифодаи оммавии тестҳо дар интихоби наваскарон барои артиши ИМА оварда шудааст. Дар асарҳо ва дастурҳои методии С.М. Василейский, Э.В. Гурянова, И.Н. Шпилрейн ва бисёр муаллифони дигар низ, ки ба мушкилоти интихоби довталабон ба таҳсилоти касбӣ бахшида шудаанд, дар бораи интихоб ва санҷишу назорати педагогии дониши хонандагон бо истифода аз тестҳо маълумот дода шудааст» [121].

Ба андешаи донишмандони рус Н.М. Опарина, Г.Н. Полина, Р.М. Файзулин ва И.Г. Шрамкова тестҳо танҳо пас аз соли 1925, бо ташкили комиссияи махсуси тест дар назди шуъбаи педагогии Институти методҳои корҳои мактабӣ, аҳаммияти амалӣ пайдо мекунанд. Соли 1926 ин комиссия

дар асоси тестҳои мутахассисони амрикоӣ барои санҷиши дониши мактаббачаҳои шуравӣ аз табиатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, ҳисоб, харитаҳои географӣ ва ғ. тест таҳия менамояд.

Ҳамчунин дар ин вақт (соли 1928) Г.С. Костюк [59] ба назарияи тест ва таҳқиқи шаклҳои тест, ки яке аз масъалаҳои муҳимми санҷишҳои тестии педагогӣ ба ҳисоб меравaнд ва натиҷаи санҷишҳо низ ба онҳо вобаста аст, машғул мешавад.

Ҳамин гуна доираи истифодаи тест барои санҷиши дониши мактаббачагони шуравӣ васеъ мешавад, то он замон, ки дар солҳои 30-юм тестшиносӣ илми буржуазӣ эълон гардид. Ин карахтӣ ва ба гӯшаи фаромӯшӣ супоридани тест то охири солҳои 60-ум ва аввали солҳои 70-ум идома меёбад. Ба навиштаи В. Аванесов [182] дар ин муддат асосан мақолаҳо оид ба зарари тест ва ғайри қобили истифода будани он дар педагогикаи ватанӣ чоп мешуданд, ки сабаби аз доираи таҳқиқоти илмӣ дур мондани тестшиносӣ мегардад. Вале аз соли 1968 сар карда, оҳиста-оҳиста, ин карахтӣ шикаста мешавад. Ҳамин тариқ, ба навиштаи П.А. Шишов [205] соли 1968 дар маҷаллаи «Вопросы психологии» мақолаи М.С. Бернштейн «К методике составления и проверки тестов» чоп мегардад ва соли 1969 А.Я. Шулман рисолаи номзадиро дар мавзуи «Вопросы методики разработки и оценки качества тестов для контроля знаний учащихся» навишта, ҳимоя мекунад. Соли 1978 маҷаллаи «Вопросы психологии» мақолаи В.Аванесов «Проблема психологических тестов» чоп мешавад, ки диққати масъулони Академияи илмҳои педагогиро ба муҳиммии тест дар арзёбии объективонаи дастовардҳои таълимӣ ҷалб мекунад [182].

Ба ҳамин восита дар Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ (ИҶШС) назари донишмандон ба технологияи тест тағйир меёбад ва ба рушди он таваҷҷуҳ зоҳир мешавад. Аввал таҷрибаи тестшиносони ғарбӣ мавриди омӯзиш қарор мегирад ва сипас, бо истифодаи густардаи

мошинаҳои электронии ҳисоббарор (компютерҳои электронӣ), ҳар чи бештар тестҳо таҳия мешаванд ва таҳқиқот сурат мегиранд.

Вобаста ба ин С.А. Мишко менависад, ки «дар солҳои 60-80-ум педагогҳо ва психологҳои шуравӣ бори дигар ба масъалаи санҷишҳои тестӣ рӯй овარданд. Як гурӯҳ донишмандон (Ю.З. Гилбух, С.П. Макушева, В. Митина, М.Л. Монина, В.В. Морозенко, С.К. Фоломкина, И.А. Сатурова ва дигарон) ба омӯзиши масъалаҳои санҷиши тестӣ дар низоми таҳсилоти ИМА машғул шуданд. Диққати онҳоро бештар масъалаҳои методикаи таҳия ва истифодаи тестҳо, таъмини боэътимодӣ ва боэътибории тестҳои психологӣ ва роҳҳои баланд бардоштани онҳо, истифодаи тестҳо барои интихоби довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва интихоби кадрҳои илмӣ ба худ ҷалб намуда буд» [176].

Ниҳоят соли 1988 тест ҳамчун усули санҷиши дараҷаи дониш дар ИҶШС расман эътироф карда мешавад (қарори Кумитаи давлатии маорифи ИҶШС, Кумитаи давлатии меҳнати ИҶШС, Шурои умумииттифоқии маркази иттифоқҳои касаба «Дар бораи тасдиқи Низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии (зермуассисаҳои) такмили ихтисос ва бозомӯзии роҳбарон ва мутахассисони хоҷагии халқ» аз 23 декабри соли 1988, № 544/649/12-7). Мувофиқи ин қарор истифодаи тест дар низоми такмили ихтисос раво дониста шуд [142].

Пас аз барҳам хӯрдани ИҶШС қариб дар ҳамаи ҷумҳуриҳои тозаистиқлол ба имтиҳону санҷишҳои тестӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд. Дар ин кишварҳо ҳуҷҷатҳои меъёрие таҳия гардиданд, ки дар онҳо санҷишҳои тестӣ ҳамчун имтиҳонҳои дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва имтиҳонҳои хатм дар дигар муассисаҳои таълимӣ дарҷ гардиданд ва дар ин замина марказҳои тестӣ оид ба баргузории имтиҳонҳои қабул ба МТТМК ва МТТОК ба фаъолият оғоз карданд. Аз ҷумла Маркази миллии имтиҳонҳои Литва (NEC), Маркази миллии арзёбӣ ва имтиҳонҳои Гурҷистон (NAEC), Маркази миллии тестии Вазорати маориф ва

илми Ҷумҳурии Қазоқистон (ҰТО), Маркази арзёбӣ ва тести Вазорати маориф, илм, фарҳанг ва варзиши Ҷумҳурии Арманистон, Маркази давлатии имтиҳонҳои Ҷумҳурии Озорбойҷон ва ғайра. Ба навиштаи С.Ф. Ҷаъфаров «сабаби ҷорӣ намудани чунин усулу низомҳои имтиҳонот дар ҳар кишвар гуногун аст: дар яке барои пешгирӣ ва аз байн бурдани фасоду ришваситонӣ, дар дигаре бо мақсади санҷиши сифати таҳсилот ва таъмини шаффофияту адолат дар андозагириҳою санҷишҳои педагогист» [165]. Дар баробари ин дар Федератсияи Русия (ФР) марказҳо ва муассисаҳои ихтисосии бисёре таъсис шудаанд, ки ба таҳияи тестҳои педагогӣ ва хусусан ба назорати сифати таҳсилот машғуланд. Яке аз чунин муассисаҳои бузург, ки ба таҳияи маводди назорату андозагирӣ ва меъёрҳои арзёбии натиҷаҳои имтиҳонҳо давлатии хатми муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ва миёнаи умумӣ машғул аст, Муассисаи илмии давлатии буҷетии «Институти федералии андозагириҳои педагогӣ» (ФГБНУ «ФИПИ») ва муассисаи дигар, ки санҷишҳои марказонидаи тестӣ, имтиҳонҳои асосии давлатӣ (ОГЭ) ва имтиҳонҳои ягонаи давлатӣ (ЕГЭ)-ро мегузаронад, Муассисаи давлатии федералии «Маркази федералии тестӣ» ба ҳисоб меравад.

Имрӯз дар ҳамаи давлатҳое, ки тестро ҳамчун воситаи муҳимми назорат ва арзёбии таҳсилот истифода мебаранд, маҷаллаҳои махсуси илмӣ доир ба тест ва методики арзёбии сифати таҳсилот ба нашр мерасанд, аз тарафи олимон таҳқиқоти илмӣ сурат мегиранд. Ба навиштаи Л.Д. Хусравбеков «Аз оғози пайдоиши тест то имрӯз доир ба масъалаҳои таҳлили психометрӣ ва математикӣ-омории тестҳо дар корҳои илмии олимон А. Раш, М.Г. Спирмен, Ҷ. Гласс, Ҷ. Стенли, К. Мюнстерберг, Р. Ингенкамп, Л. Крокер, Ҷ. Алгина, Л.Н. Акимова, М.Б. Челишкова, Г. Ярошевский, Е.Ю. Карданова, Ю.М. Нейман, А. А. Хлебников, Г.С. Примбетова, А.М. Исакова, О.А. Решетникова, И.В. Скопинсев андешаву хулосаҳои илмии ҷолиб зикр гардидаанд» [180].

Албатта ба масъалаҳои таҳлили психометрӣ ва математикӣ-оморӣи тестҳо пеш аз ҳама донишмандони хориҷӣ таваҷҷуҳ зоир намуданд. Дар ин маврид Н.Ф. Ефремова дуруст менависад, ки «дар рушди назария ва амалияи андозагириҳо (санҷишҳо)-и педагогӣ бисёр донишмандони хориҷӣ, дар мадди аввал J.A. Arter, D. Bateson, A. Birnbaum, A. Binet, C.V. Bunderson, R.M. Gagne, R.K. Hambleton, J.L. Hornke, D.K. Inouye, J.P. Keeves, T.L. Kelley, G.G. Kingsbury, R.L. Linn, F.M. Lord, J. Millman, L. Nauels, G. Rasch, M.D. Reckase, J. Spray, H. Swaminathan, M. Waters, D.J. Weiss, R.W. Wood, V.W. Urry, A.R Zara, R.J. Owen, K.J. Patience, C.D. Jensema ва дигарон саҳм гузоштаанд» [29, с. 6].

Масъалаи методикаи таҳияи абзори арзёбии дастовардҳои таълимии донишомӯзон, истифодаи он дар санҷишу имтиҳонҳо ва бо ин роҳ баланд бардоштани сифати таҳсилот дар корҳои олимону коршиносони Федератсия Русия, Белорус, Арманистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва ғайра, ба монанди В.С. Аванесов [9; 10; 115; 116; 117; 183; 184; 185], А.Н. Майоров [63; 64; 65], М.Б. Челишкова [101; 102], В.И. Звонников [30; 31; 32], В.А. Болотов [124], С.П. Мамай [66], Н.Н. Самилкина [91], В.С. Ким [40], Ю.Э. Краснов [193], В.А. Векслер [27], Е.Ю. Карданова [39; 191], А.А. Костина [58], Г.С. Костюк [59], А.В. Мендел [67], А.Г. Багдасарян [120], Ю.А. Баталова, С.С. Бикова [122], И.А. Валдман [125], Н.М. Саенко [179], С.К. Калдибаев [137; 172], А.Д. Жунусакунова [129], Д.Ш. Одинаев [153] ва дигарон дарҷ шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, дар замони истиқлолият, ба санҷишҳои тестӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд. Ба навиштаи донишманди тоҷик Нурилло Мирзоматов «Ин **усули санҷиш ва арзёбии донишу маҳорат** то ба ин наздикиҳо танҳо ҳамчун яке аз усулҳои озмоиш ва пажӯҳиши илми равоншиносӣ – он ҳам бештар дар доираи маҳдуди мутахассисони ҳамин соҳа истифода мегардид.

Истилоҳи “тест” аз солҳои 70-80-уми асри гузашта оҳиста-оҳиста аввал ба луғати қисме аз аҳли маориф дохил шуда, сипас дар имтиҳони ронандаҳо

барои санҷиши донишҳо оид ба қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва тестҳои психологӣ ҳамчун воситаи арзёбӣ ва муайян намудани баъзе масъалаҳои махсус дар соҳаҳои низомӣ гоҳе истифода мегардид. Баъдан он кам-кам ҳангоми қабули имтиҳонҳо дар мактабҳои олӣ ҳам кор фармуда шуд. Таъсири ин намуди санҷиш ба мактабҳо низ андак-андак расида, навъи ҷамъбастӣ ва таълимии он низ гоҳо (вобаста ба фаъолияти баъзе лоиҳаҳо) каму беш, лаҳзавӣ кор фармуда шуд, вале на ҳамеша шакл ва навъу усули беҳтари он истифода мегардид» [145].

Албатта дар методикаи анъанавӣ, дар таҷрибаи омӯзгорони эҷодкор унсурҳои алоҳидаи истифодаи тест дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик ва фанҳои дигар низ мавриди истифода қарор дошт. Намунаи тестҳои аввалин дар асару мақолаҳои илмию методии олимону методистони кишвар, монанди М. Лутфуллоев, С. Аминов, С. Шербоев, М. Маҳкамов, Қ. Хоҷаев, Ш. Исломов, М. Аҳмадов, Т. Салоҳов, А. Мулло, М. Шодӣ, С. Маҳкамов, Д. Шерматов, Т. Бобоев, А. Комилӣ, З. Низомов, В. Зайниддинов ва дигарон дода шудаанд. Масалан методистон Т. Салоҳов, А. Мулло ва М. Шодӣ аз аввалинҳое мебошанд, ки ҳанӯз дар солҳои 90-уми асри гузашта дастури таълимии «Тестҳо аз забон ва адабиёти тоҷик» [90] ва «Дастури методии озмуни тестӣ аз фанни забон ва адабиёти тоҷик» [73]-ро таҳия намудаанд. Албатта дастурҳои номбаршуда дар замони гузариш ба ислоҳоти соҳаи маориф муфид буданд ва омӯзгорон аз рӯйи тестҳои тайёр дониш ва малакаю маҳорати шогирдонашонро аз фанҳои забон ва адабиёт месанҷиданд. Вале дар ин дастурҳо роҳу усулҳои таҳияи тест ва талаботи меъёрӣ ба таҳияи тест, усулҳои ҷамъбасти натиҷаҳо дар мавриди санҷишҳои чамъбастӣ мавриди баррасӣ ва тавсияҳои илмию методӣ қарор нагирифтаанд. Баъдан методист Ҳ. Саидов дар дастури методии худ «Таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи IX» [89] оид ба санҷиши дониш, малака ва маҳорати хонандагон тесте тартиб дод, ки хеле сода ва ба талаботҳои меъёрӣ пурра чавобгӯ намебошад ва дар хусуси омодагии довталабон барои

супоридани имтиҳоноти дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар ишорае низ мавҷуд нест. Ба ҳамин монанд дар аксари шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ методистон ва омӯзгорони алоҳида аз фанҳои таълимӣ тестҳо таҳия намуда, тавассути шуъбаҳои маориф паҳн менамуданд. Ҳарчанд ки тестҳои мазкур ҷанбаҳои қавии илмию методӣ надоранд, вале корҳои мазкур гувоҳи онанд, ки тест ҳамчун воситаи муҳимми арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон эътироф ва бо шаклу намудҳои гуногун вориди таҷрибаи омӯзгорон гардидааст ва ин раванд тақозо менамояд, ки барои имрӯзу ояндаи илми тестология дар ҷумҳурӣ таҳқиқоти арзишманди илмӣ рӯйи кор оянд.

Вале аввалин бор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тест ҳамчун абзори илман асосноки арзёбии дониш ва малакаю маҳорати хонандагон ба таври васеъ соли 2008 дар як таҳқиқот дар доираи татбиқи Лоиҳаи таҷдиди маориф истифода шуд, ки диссертант дар таҳияи саволу масъалаҳои тест ва гузориш аз натиҷаи таҳқиқот саҳм дошт. Дар ин таҳқиқот дастовардҳои таълимии хонандагони синфҳои 4-уми мактабҳои таҳсилашон ба забони тоҷикии дувоздаҳ шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ аз рӯйи фанҳои математика ва забони модарӣ арзёбӣ гардид [28].

Аммо дар ин замина «беҳтарин падидаи замони истиқлол» [132] таъсиси Муассисаи давлатии «Маркази миллии тестӣ» ба ҳисоб меравад (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (№ 114 аз 5-уми марти соли 2008)), ки баъдан, «ба инобати аҳаммияти баланд доштан имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ соли 2014 дар заминаи муассисаи мазкур Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд» [177; 178].

Бунёди ниҳоде чун ММТНПҶТ воқеан ҳам дар ҳаёти илмию фарҳангии Тоҷикистон як воқеаи нодире буд. А.Ф. Нуралиев дуруст навиштааст, ки «Таъсиси Маркази миллии тестӣ, бе шак, аз ҷумлаи муҳимтарину намоёнтарин дастовардҳо дар бахши маорифи мамлакат ба

ҳисоб меравад. Онро метавон ҷаҳише бузург дар соҳаи маориф шуморид» [152].

Таъсиси ин ниҳод тақозои замон буд. Зеро «низоми имтиҳоноти хатми мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва имтиҳонҳои қабул ба мактабҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон на ҷомеаро, на довталабону волидайни онҳоро ва на худи мактабҳои олиро комилан қонеъ гардонида метавонист. Дар давраи имтиҳоноти қабули мактабҳои олӣ рӯйдодҳои номатлуби ришвахорӣ, востагарию хешутаборгарой, фишороварии маъмурӣ, рӯҳӣ, ҷисмонӣ ва ҳоказо ҳамчунон идома доштанд. Низоми мазкур дорои ин ва норасоиҳои дигар буд ва, дар маҷмуъ, боиси нобаробарии дастёбӣ ба таҳсилот (таълим) дар минтақаҳои гуногуни кишвар ва мушкилоти зиёд дар назорати сифати ҷараёни қабули довталабон ба мактабҳои олии касбӣ ва ғайра мегардид» [133].

Вобаста ба ин мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (№ 114 аз 5-уми марти соли 2008) «бояд ниҳоде ташкил мегардид, ки он дар заминаи низоми миллии тестӣ қудрати роҳандозӣ намудани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ (ИМД)-ро ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаю олии касбӣ тибқи талаботи замон ва бо корбурди техникаву технологияи навтарин дошта, ин низомро ҳамчун абзори пурарзишу муътамади миллии арзёбии донишу маҳорати довталабон дар соҳаи маориф ва яке аз нишондиҳандаҳои дастовардҳои инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши мазкур ҷорӣ бигардонад. Ин низом мебоист принсипҳои адолат, шаффофӣ, баробарҳуқуқиро дар меҳвари фаъолияти худ қарор дода, зуҳуроти коррупсиониро дар бахши имтиҳонҳои қабул ба мактабҳои таҳсилоти миёнаю олии касбӣ аз байн мебурд» [152].

Ин нукта дар Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 низ зикр гардидааст [5]. Яке аз вазифаҳое, ки татбиқи он дар ин санад таъкид шудааст, таъмини баробарӣ барои дастрасӣ ба таҳсилоти босифат бо ҷорӣ намудани низоми қабул ба муассисаҳои

таҳсилоти миёна ва олии касбӣ аз рӯи натиҷаҳои санҷиш (тест)-и миллист. «Ташкили Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷорӣ кардани ИМД, ки дар заминаи тест (тестгузаронӣ) татбиқ меёбад, ба ҳалли масъалаҳои зикргардида равона гардид» [133].

Дар ин замина шарҳи ин нукта зарур аст, ки ИМД чӣ гуна низом аст? Мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ «Имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ низоми ба таври мутамарказ баргузор намудани имтиҳонҳои дохилшавӣ ва тақсимоти довталабон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифодаи шаклу усули муосири арзёбии дониш ва техникаю технологияҳои пешрафта, тибқи равандҳои стандартишудаи баргузории имтиҳонҳо, коркард, таҳлил ва пешниҳоди натиҷаҳо мебошад.

Имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ бар асоси принсипҳои зерин ташкил ва баргузор мешаванд: воқеият (объективӣ), шаффофият, адолат, мустақилияти равандҳои баргузории имтиҳонҳо ва таъмини дастёбии баробари довталабон барои имтиҳонсупорӣ» [7].

Масъалаи дигаре, ки ҳамчун самти дорои бартарии Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 [5] ба он ишора шудааст, ташкили Низоми миллии арзёбии сифати таҳсилот (НМАСТ) аст.

Бинобар навиштаи И.Х. Каримова ва С.Ф. Ҷаъфаров «Вазифаҳои асосие, ки дар назди НМАСТ гузошта шудаанд, инҳоянд: татбиқи арзёбии институтсионалии сифати таҳсилот дар ҳамаи зинаҳои он; ҷорӣ намудани раванди арзёбии дохилӣ ва берунии сифати таҳсилот, дастовардҳои таълимии хонандагон; таҳияи низоми нишондиҳандаҳои таҳсилот; такмил додани абзорҳои стандартишудаи арзёбӣ, ки дараҷаи дониши хонандагонро муайян мекунанд; ташкили инфрасохтор барои арзёбии сифати таҳсилот; баланд бардоштани талаботи тахассусӣ ба вазифаҳои роҳбарикунандаи муассисаҳои таълимӣ» [139].

Бояд гуфт, ки ин вазифаҳои дар назди НМАСТ гузошташуда, мақсад ва вазифаҳои оинномавии ММТНПҶТ низ ҳаст: гузаронидани пажӯҳишҳо ва арзёбии сатҳи дониши хонандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ тавассути тестгузаронӣ; ташкили мониторинг ва арзёбии сифати таҳсилот ва иштирок дар барномаҳои байналмилалии арзёбии дониши хонандагон.

Инчунин таъкид кардан бамаврид аст, ки «Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли фаъолияти худ бо мусоидати Ҳукумати Ҷумҳурӣ ҳамаи шароиту имкониятҳоро барои дастрасии баробари хоҳишмандони таҳсилоти касбӣ ва арзёбии одилонаи донишу маҳорати довталабон муҳайё кард» [157].

Дар ин замина пажӯҳишҳо ва мақолаҳои илмию методии донишмандон ва мутахассиони соҳаи тестшиносӣ ва арзёбиҳои педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон И.Х. Каримова [139], С.Ф. Ҷаъфаров [139; 165], Х.И. Икромӣ [131; 132; 133], А.Ш. Шодиниё [133], Н. Мирзоматов [145; 146], Р.С. Назарзода (Назаров) [147; 148; 149; 150; 177; 178], Л.Д. Хусравбеков [163, 180], Х.М. Мирзоаминов [143], Г.Б. Мухаметов [175], Р.Т. Қурбонова [174], З.Б. Абдуллоева [168], Д. Таирова [159], Ш.И. Ҳакимова [164] ва дигарон доир ба ин самти фаъолияти ММТНПҶТ ва тарзу усулҳои санҷишҳои педагогӣ хеле муҳим мебошанд. Корҳои ин донишмандону мутахассисон хеле судманд буда, аз ташкили мактаби тестшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дарак медиҳад.

Бо саъю кӯшиши мутахассисони ММТНПҶТ, аз ҷумла диссертант, соли 2013 аввалин дастури иттилоотию методии «Роҳнамои довталаб» [85] ҳамчун адабиёти таълимию методӣ доир ба тест ва навъҳои он, меъёри баҳогузорӣ ба тестҳои педагогӣ, тартиби супоридани имтиҳонҳои тестӣ таҳия ва нашр шуд. Ин дастур минбаъд ҳар сол аз нав таҳия ва такмил дода шуда, пеш аз имтиҳонҳо дастраси омӯзгорону хонандагон ва алоқамандони ИМД мегардад.

Дар асоси талаботи бамиёномада ҳанӯз соли 2015 нахустин «Маҷмуаи саволу масъалаҳои тест аз фанни забони тоҷикӣ (қисми А)» ва соли 2016 «Маҷмуаи саволу масъалаҳои тест аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик (қисми Б)» аз тарафи диссертант дар ҳаммуаллифӣ бо Н. Мирзоматов таҳия ва дастраси довталабон гардидааст, ки минбаъд дар таҳриру такмили ҳамасолаи муаллиф ҳамчун замина дар таҳияи тестҳо барои ИМД истифода шуда истодаанд.

## 1.3 Таснифоти саволу масъалаҳои тест, талабот ва зинаҳои таҳияи абзори арзёбии дастовардҳои таълимӣ

Чунонки гуфта шуд, тест маҷмуи саволу масъалаҳои стандартикунонидашуда аст, ки ба воситаи он ба дараҷаи дониш, малака ва маҳоратҳои шахс ва ё шахсони санҷидашаванда (имтиҳонсупоранда) баҳо дода мешавад. Ва ё «низоми саволу масъалаҳои бо шакли стандартист, ки иҷрои он дар шароити барои ҳамаи санҷидашавандагон (имтиҳонсупоранда) баробар сурат мегирад, қобили андозагирии миқдорист, имкон медиҳад, то дараҷаи ташаккули дониш ва малакаю маҳорати шахси санҷидашаванда муқаррар карда шавад» [19, с. 86].

Дар санади меъёрии ҳуқуқии ММТНПҶТ «Тартиби гузаронидани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [7] тест ҳамчун абзори бамеъёрдаровардашудаи (стандартишудаи) арзёбии воқеии дастовардҳои таълимии (дониш ва малакаю маҳорати) довталабон таъриф шудааст. Яъне тест маҷмуи саволу масъалаҳост ва ё низоми саволу масъалаҳои стандартишуда мебошад ва он аз навъ ва шаклҳои гуногун иборат аст.

Дар адабиёти ватанию хориҷӣ ба таснифоти тестҳои педагогӣ (ба навъ ва шаклҳо тақсим намудани саволу масъалаҳои тест) муносибати ягона вуҷуд надорад. И.Л. Пасховер менависад, ки «аксар вақт барои тасниф нуктаҳои ибтидоии зерин асос гирифта мешаванд:

- Аз рӯйи дараҷаи назорат: тестҳои дохилшавӣ, ҷорӣ, мавзуӣ, аттестатсияи мобайнӣ ва ниҳоӣ.
- Аз рӯйи мундариҷа: якхела (гомогенӣ), ки дар асоси мундариҷаи яке аз фанҳо ва гуногун (гетерогенӣ), ки дар асоси мундариҷаи якчанд фан таҳия шудааст.
- Аз рӯйи шакли пешниҳод: варақаӣ (бланкавӣ), компютерии маъмулӣ ва компютерии созгор.
- Аз рӯйи методологияи шарҳи натиҷаҳо: ба стандарт нигаронидашуда ва ба меъёр нигаронидашуда» [199].

Донишмандони тестшинос Л.А. Ломова ва Д.Г. Гарипов [195] низ бар ин андешаанд, ки тестҳои педагогиро аз рӯйи шарҳи натиҷаҳо асосан ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд:

1) ба стандарт нигаронидашуда;
2) ба меъёр нигаронидашуда.

Ба навиштаи ин донишмандон тестҳои мансуб ба гурӯҳи 1-ум бештар барои муқоисаи натиҷаи дастовардҳои фардии хонандагон ва ё гурӯҳи алоҳидаи хонандагон ва муассисаҳо, интихоби хонандагон барои идомаи таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ ва гузариш ба зинаи дигари таҳсилот истифода мешаванд.

Донишманди рус А.А. Костина [58] тестҳоеро, ки дар низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии кабӣ истифода мешаванд ба тестҳои *дохилшавӣ, ҷорӣ, мавзуӣ*, инчунин тестҳои *аттестатсияи мобайнӣ* ва *хатм (ҷамъбастӣ)*» тақсим кардааст.

Е.А. Михайличев қайд мекунад, ки «мувофиқи маълумоти баъзе муҳаққиқон то 300 номгӯйи навъҳо ва шаклҳои гуногуни тестҳо ва хусусиятҳои муҳимму фарққунандаи онҳо мавҷуданд» [72, с. 36]. Инчунин дар адабиёти илмии педагогӣ низ як қатор истилоҳҳое оварда шудаанд, ки муродифи ҳам истифода мешаванд. Масалан, ба навиштаи Н.М. Саенко «тестҳои дидактикӣ», «тестҳои таълимӣ», «тестҳо барои санҷиши дониш ва

малакаю маҳоратҳо» ва ё «тестҳои дастовардҳои таълимӣ», «тестҳои дастовардҳо», «тестҳои муваффақият дар таҳсил», «тестҳои санҷишӣ» ва ғайра» [179, с.11].

Аммо аз рӯйи мундариҷа ва тарзи ҷавоб додан ба саволу масъалаҳои тест донишмандон онҳоро ба навъҳои **кушода** ва **пӯшида** тақсим намудаанд, ки ҳар навъ дорои якчанд шакл аст. А.Н. Майоров [65, с. 83] навъ ва шаклҳои саволу масъалаҳои тестро дар як ҷадвал (расми 1) чунин тасвир намудааст:




**Расми 1**. **Таснифоти саволу масъалаҳои тест (А.Н. Майоров)**

Вале таснифоти В.С. Ким [40] дигаргунатар аст, ки мо онро дар расми 2 нишон додем.




**Расми 2. Таснифоти саволу масъалаҳои тест (В.С. Ким)**

Т.И. Шамова, С.Н. Белова, И.В. Илина, Г.Н. Подчалимова ва А.Н. Худин, агарчи бо таснифоти А.Н. Майоров мувофиқанд [103, с. 91], вале таснифоти В.С. Аванесовро низ (расми 3) дар баробари он аз таснифоти беҳтарин донистаанд [103, с. 90-91]:




**Расми 3. Таснифоти саволу масъалаҳои тест (В.С. Аванесов)**

Донишмандони дигари Русия, аз ҷумла Н.С. Михайлова, М.Г. Минин, Е.А. Муратова ва Б.В. Илюхин [71, с. 72] дар асоси навиштаҳои В. Аванесов ва А.А. Костина [58, с. 14] дар асоси навиштаҳои тестшиносони ватанию хориҷӣ бе ҷудо кардан ба навъи кушода ва пӯшида саволу масъалаҳои тестро ба чунин шаклҳо тақсим намудаанд:

1. Саволу масъала бо интихоби ҷавоб (дар адабиёти англисию амрикоӣ истилоҳи «multiplechoice item» маъмул аст) чунин шакли саволу масъалаи тест аст, ки шахси тестсупоранда (имтиҳонсупоранда) бояд ҷавоб(ҳо)и дурустро аз байни якчанд варианти пешниҳодшуда интихоб намояд.

2. Саволу масъалаи шакли кушода (дар адабиёти англисию амрикоӣ истилоҳҳои «free-response item , open-response item , limited-responseitem» ва ғайраҳо мавҷуданд) як шакли саволу масъалаи тестист, ки дар он шахси тестсупоранда бояд худаш ҷавоби дурустро пешниҳод кунад, масалан, матни асосиро бо унсуре пурра намояд, ки сухани дуруст ҳосил шавад.

3. Саволу масъала барои муайян намудани мувофиқат (англисӣ – «matching item») чунин шакли саволу масъалаи тест аст, ки ба тестсупоранда пешниҳод мешавад, то мувофиқати байни унсурҳои ду сутунро муайян намояд.

4. Саволу масъала барои муайян намудани пайдарпайии дуруст (англисӣ – «equences») чунин шакли саволу масъалаи тестист, ки ба тестсупоранда пешниҳод мешавад, то пайдарпайии дурусти унсурҳо, ҳодисаҳо, амалиётро муайян намояд.

Ҳамин гуна таснифотро дар навиштаҳои донишмандони тестшинос И.В. Абакумова [8], П. Андерсен ва Ҷ. Морган [16], М.Б. Челишкова [101; 102], Ю.Э. Краснов [193], В.А. Малсев [142], С.П. Мамай [66], Д.Ш. Одинаев [153], С.Г. Шеретов [109], Н.В. Носачёва [197], С.А. Семеновская [93], Н.В. Турковская ва Г.Ф. Абдрахманова [161] А.Д. Жунусакунова [129], Н.Ф. Ефремова [29], В.А. Векслер [27], О.В. Давидова [188], Л.А. Драчук,

П.Э. Драчук, М.В. Пешикова [128], Н.А. Сеногноева [94; 158], Е.А. Сердобинсева, Т.А. Наумова [201], Д. Таирова [159], Т.А. Кабанова, В.А. Новиков [34], В. Казиев [190], С.Г. Калашникова [171], Е.Ю. Карданова [39; 191], Е.Г. Тиссен, И.Г. Калугина, А.С. Спирина [203], Н.В. Шмагринская [181], Л.А. Ломова, Д.Г. Гарипов [195], Н.В. Фомина [204] ва дигарон низ дидан мумкин аст.

Илова бар таснифоте, ки зикр шуд, А.В. Мендел [67] шакли саволу масъалаҳои навъи пӯшида ва кушодаро чунин шарҳ додааст:

– **саволу масъалаи пӯшида** – чунин шакли саволу масъалаест, ки ду ва ё бештар ҷавоби рақамгузоришуда дорад ва аз байни онҳо як ва ё якчанд ҷавоби дуруст интихоб карда мешавад;

– **саволу масъала бо интихоби бештар** – шакли саволу масъалаи пӯшида аст, ки ду ва ё якчанд ҷавоби дуруст дорад;

– **саволу масъалаи кушода** – саволу масъала аст бе нишон додани вариантҳои имконпазири ҷавобҳо;

– **саволу масъала бо ҷавоби кӯтоҳ** – шакли саволу масъалаи кушода аст, ки дар он тестсупоранда мустақилона ҷавобро тартиб дода, онро бо як-ду калима, ягон рамз ё аломат ва ё бо рақам менависад;

– **саволу масъалаи нақли/иншои озод** – шакли саволу масъалаи кушода аст, ки тестсупоранда ҷавобро озодона таҳия мекунад;

– **саволу масъалаи пурра кардан** – саволу масъалаест, ки дар он гузоштани калима ва ё рамз (аломат)-и партофташуда ва пурра кардани тасдиқот ва ё ҷумла талаб карда мешавад;

– **саволу масъалаи муайян кардани мувофиқат** – саволу масъалаест, ки ҳангоми иҷрои он зарур аст мувофиқати байни унсурҳои ду ё чанд маҷмуа муайян карда шавад;

– **саволу масъалаи муайян намудани пайдарпайии дуруст** – саволу масъалаест, ки ҳангоми иҷрои он пайдарпайии дурусти амалиёт ва ҳодисаю воқеаҳо муайян карда мешавад;

– **саволу масъалаҳои мувозӣ (параллелӣ)** – саволу масъалаҳое, ки дараҷаи душвориашон вобаста ба як бахши фан якхела аст;

– **саволу масъалаҳои фасетӣ** – саволу масъалаҳое, ки аз рӯйи якдигар бо иваз намудани як ё якчанд калима, аломат ва ё рақам сохта мешаванд. Ин саволу масъалаҳо аз рӯйи шакл гуногун, вале аз назари муҳтаво ва душворӣ ба ҳам монанданд.

Доир ба талаботи таҳияи абзори арзёбии дастовардҳои таълимӣ (тест) адабиёти илмӣ ва дастурҳои методии зиёде таълиф шудаанд. Аз ҷумлаи манобеи аслии дониши назарӣ доир ба талабот ва тарзи таҳяи тест навиштаҳои В.С. Аванесов [184], А.Н. Майоров [63; 65], Е.А. Михайличев [72], М.Б. Челишкова [101], В.И. Звонников [31], Н.Ф. Ефремова [29], Ҷ. Бетелл, А. Забулионис [24], В. Ким [40], Е.Ю. Карданова [191], О.Е. Пермяков, О.А. Максимова [82] ва дигарон, ба ҳисоб мераванд, ки дар ин диссертатсия ба онҳо таваҷҷуҳ шудааст.

Илова бар корҳои таҳқиқотӣ, ки дар ин замина сурат гирифтаанд, донишмандони рус Н.С. Михайлова, М.Г. Минин, Е.А. Муратова ва Б.В. Илюхин [71, с. 68] корҳои илмии донишмандон В.С. Аванесов, А.Н. Майоров, Е.А. Михайличев, М.Б. Челишкова, Н.Ф. Ефремоваро, ки дар рушди тестшиносӣ саҳми арзанда гузоштаанд ва маҷаллаҳое чун **«Педагогические измерения», «Педагогическая диагностика», «Вопросы тестирования в образовании»**-ро, ки дар ФР нашр мешаванд, барои мутахассисоне, ки ба омӯзиш ва таҳияи тестҳои педагогӣ машғуланд, муҳим медонанд.

Ҳамаи донишмандони тестшинос бар ин андешаанд, ки ҳангоми таҳияи саволу масъалаҳои тест якчанд талаботи муҳим бояд риоя карда шавад. Аз ҷумла В.С. Аванесов талаботи зеринро номбар кардааст [184, с. 48]:

- шакли мантиқии баёни фикр;
- дурустии шакл;
- кӯтоҳӣ;

- мавҷудияти ҷойи муайян барои ҷавоб;
- дуруст ҷойгиркунии унсурҳои саволу масъала;
- ягонагии тартиби баҳодиҳии ҷавобҳо;
- ягонагии дастур барои ҳамаи тестсупорандагон;
- мувофиқати дастурҳо ба шакл ва мундариҷаи саволу масъала.

Ҳамин гуна талаботро донишманди ӯзбекистонӣ Д.Ш. Одинаев [153] дар 18 банд пешниҳод намудааст, ки мо ба 10-тои он ишора мекунем.

1. Мазмуни саволу масъала бояд ба талаботи барнома ҷавобгӯ бошад ва мундариҷаи таълимро инъикос намояд.

2. Саволу масъала бояд як андешаи комилро дар бар гирад.

3. Ҳангоми таҳияи саволу масъалаҳо калимаҳои "баъзан", "аксар вақт", "ҳамеша", "ҳама", "ҳеҷ гоҳ"-ро боэҳтиёт истифода бояд бурд.

4. Саволу масъала бояд возеҳу равшан навишта шавад, аз истифодаи калимаҳои **калон, на он қадар калон, хурд, бисёр, кам, камтар, зиёдтар** ва ғайра худдорӣ бояд кард.

5. Аз иборахо ё ҷумлаҳои муқаддимавӣ, ки бо ғояи асосӣ робитаи суст доранд, канорагирӣ бояд кард...

6. Ҷавобҳои нодуруст бояд оқилона ва моҳирона интихоб карда шаванд; набояд ягон иштибоҳ ё ишорае ба назар расад.

7. Аз додани саволҳои назарфиреб канорагирӣ бояд кард (ба эҳтимоли зиёд хонандагон/донишҷӯёни қобилиятнок ё бодониш, ки ба таври кофӣ медонанд, гумроҳ карда шаванд ва ба дом афтанд; ва ин ҳам хилофи ҳадафи санҷиш – муайян кардани дараҷаи дониш ва фаҳмиш аст).

8. Ҳама вариантҳои ҷавоб бояд аз ҷиҳати грамматикӣ бо қисми асосии саволу масъала мувофиқат кунанд...

9. Ҷавоби саволу масъалаи додашуда набояд аз ҷавобҳои қаблӣ вобаста бошад.

10. Ҷавобҳои дуруст ва нодуруст бояд аз ҷиҳати мундариҷа, сохтор ва шумораи умумии калимаҳо якранг бошанд...

Илова бар ин талаботи умумӣ вобаста ба ҳар шакли саволу масъалаи тест талаботи ҷудогона мавҷуд аст. Ин талабот ба таври муфассал дар навиштаҳои донишмандон А.Н. Майоров [63; 64; 65], В.И. Звонников, М.Б. Челишкова, Н.Н. Найденова, Н.Ф. Ефремова [29; 31; 32], Н.А. Батурин, Н.А. Курганский, Н.Н. Мелникова [22; 123], Ҷ. Бетелл, А. Забулионис [24], К. Ингенкамп [33], Т.А. Кабанова, В.А. Новиков [34], В. Казиев [188], В.С. Ким [40], П. Клайн [57], Л.А. Ломова, Д.Г. Гарипов [193], И.Л. Пасховер [199], Н.М. Опарина, Г.Н. Полина, Р.М. Файзулин, И.Г. Шрамкова [81], О.В. Давидова [188], Н.Т. Кудинова [194], О.Е. Пермяков, О.А. Максимова [82] ва дигарон нишон дода шудааст, ки мо дар кори худ аз онҳо истифода намудем. Аз ҷумла чанд талаботи муҳим ва иловагиро дар таҳияи саволу масъалаҳои навъи кушода ва пӯшида (шаклҳои муайян кардани мувофиқат ва интихоби ҷавоби дуруст) С.Г. Шеретов [109] зикр намудааст.

**Талабот ба саволу масъалаи муайян кардани мувофиқат.**

1. Гурӯҳи аввал бояд ҳадди аққал 2 унсурро дар бар гирад.

2. Шумораи унсурҳои гурӯҳи дуюм бояд аз шумораи аввал зиёд бошад, аммо на зиёдтар аз 2 маротиба ва на зиёдтар аз 8-то бошад.

3. Гурӯҳи дуюм бояд дистрактор (варианти нодурусти ҷавоб) дошта бошад.

**Талабот ба саволу масъалаи кушода.**

1. Ҳар як саволу масъала бояд танҳо як пурра карданро ҳадаф қарор диҳад, ки ҷойи он бо нуқтаҳо нишон дода шудааст.

2. Танҳо ҷойи унсури асосӣ, ки донистани он муҳимтар аст, холӣ гузошта шавад.

3. Беҳтар аст, ба қадри имкон, ҷойи холӣ барои унсури асосӣ дар охири саволу масъала гузошта шавад.

**Талабот ба саволу масъалаи пӯшида.**

1. Ҳама ҷавобҳо ба як саволу масъала бояд тақрибан дарозии якхела дошта бошанд.

2. Калимаҳои такрорӣ дар ҷавобҳо бояд дар матни асосии саволу масъала гузошта шаванд.

3. Ҳеҷ яке аз дистракторҳо набояд хулосаи қисман дуруст бошад ва дар шароити муайяни иловагӣ ба ҷавоби дуруст табдил ёбад.

4. Ҳама ҷавобҳо бояд аз рӯйи сохт мувозӣ бошанд ва аз ҷиҳати грамматикӣ бо қисми асосии саволу масъала мувофиқат кунанд.

Бояд гуфт, ки таҳия тест раванди бисёрзина аст. Дар баробари талаботи зикршуда зинаҳои таҳияи тест низ бояд риоя карда шаванд. Раванди асосноки илмии таҳияи тест якчанд зинаро дар бар мегирад. А.Н. Майоров [65] доир ба 17 зинаи таҳияи тест аз назари донишмандони голландӣ, 3 зинаи пешниҳоднамудаи донишмандони британӣ ва 16 зинаи пешниҳоднамудаи худаш маълумот додааст. Дар ҷойи дигар ӯ аз таҷрибаи чандинсолаи худ зинаҳои асосии таҳияи тестро 17-то зикр менамояд [64, с. 27-28].

Бинобар зарурат надоштани зикр ва шарҳи ҳамаи зинаҳои таҳияи тест мо дар кори худ дар бораи 4 зинаи муҳимтарини зерин маълумот медиҳем:

**(1) банақшагирӣ:** *муайян кардани мақсад: чиро месанҷем, чӣ гуна месанҷем?;*

**(2) таҳияи саволу масъалаҳои тест:** *омӯхтани Стандарти давлатии таҳсилот, нақша ва барномаҳои таълими фан; тартиб додани матритсаи тест; таҳияи меъёри холгузорӣ, навиштани барномаи санҷиш (имтиҳон); ташкили пойгоҳи додаҳо (база)-и саволу масъалаҳои тест; тартиб додани саволномаҳо (вариантҳо)-и тест дар асоси матритса;*

**(3) озмоиш (апробатсия):** *муайян кардани майдони озмоиш (муассисаи таълимӣ, синф); озмоиш; таҳлили натиҷаҳо: таҳлили оморӣ ва психометрии саволу масъалаҳои тест*

**(4) ислоҳ ва такмили саволу масъалаҳо:** *таҳрир ва такмили саволу масъалаҳои тест бо дар назар гирифтани натиҷаи озмоиш; интихоби саволу масъалаҳои ба талабот ҷавобгӯ; тадвин ё ба тартиб овардани варианти ниҳоии саволномаи тест (воситаи арзёбӣ).*

Чунонки дида мешавад, ҳар зина ба ҳам пайванди ногусастанӣ дорад ва дар доираи ҳар кадом боз якчанд кори дигар низ иҷро карда мешавад, ки риоя нагардидани талаботи як зина раванди таҳияи тестро халалдор месозад. Барои халадор нашудани раванди таҳия ва мураттаб сохтани тести хуб зарур аст, ки ҳамаи зинаҳо тай шаванд.

1. **Банақшагирӣ** зинаи аввал ва муҳим аст, ки дар ин ҷо мақсади санҷиш (ё имтиҳон) муайян карда мешавад. Яъне санҷиш барои чӣ пешбинӣ шудааст: муайян намудани дараҷаи дониш ва малакаю маҳорати хонандагон аз ягон боб ё мавзуъҳои мушаххаси фанни таълимӣ, олимпиадаи фаннӣ, дараҷаи аз худ кардани барномаи таълим (аттестатсияи хонандагон), интихоби беҳтаринҳо барои дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва ё чизи дигар? Ва ин санҷиш чӣ тавр бояд сурат гирад? Ҳамин ки мақсади санҷиш ва роҳандозии он муайян гардид, вобаста ба мақсадҳо саволу масъалаҳои тест таҳия карда мешаванд. А.Н. Майоров ин мақсадҳоро ба таври муфассал шарҳ додааст [65, с. 43-45].

**2. Раванди таҳия** аз омӯхтани Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ, нақша ва барномаҳои таълими фан оғоз меёбад. Дар ин раванд ба назар гирифтани талаботи Стандарт ва соатҳои барои омӯзиши мавзуъҳо ҷудошуда низ зарур аст. Бо омӯхтан ва таҳлили барномаи таълим аз рӯйи он мушаххасот (матритса)-и тест тартиб дода мешавад.

Мушаххасот ё матритсаи тест бахшҳои муҳимми мундариҷаи фанни таълимиро, ки барои арзёбии дастовардҳои таълимии хонандагон интихоб мегарданд, дар бар мегирад [163; 184; 187]. Яъне вобаста ба мақсадҳо дар матритсаи тест ҳамаи бобҳо ва мавзуъҳои муҳим нишон дода мешаванд. Саволу масъалаҳои тест низ танҳо дар доираи бобҳо ва мавзуъҳое таҳия мегарданд, ки дар матритса дода шудаанд.

Бояд гуфт, ки донишмандони соҳаи тест барои муайян намудани мундариҷаи тест ва таҳияи матритса ба назар гирифтани дараҷа ва ё навъи амалҳои (равандҳои) омӯзишию маърифатиро таъкид намудаанд. Вобаста ба

ин низомҳои зиёде, ки дар таҳияи матритсаи тест аҳаммият доранд, пешниҳод шудаанд, вале машҳуртарини онҳо таксономияи Блум (Блум Бенҷамин Сэмюэл) аст [31, с. 78; 79, с. 24; 113; 114, с. 18]. Донишмандон бо такя ба таксономияи Блум ба назар гирифтани равандҳои омӯзишию маърифатии *дониш (дар хотир гирифтан), фаҳмиш (фаҳмидан), истифода бурдан/татбиқ кардан, таҳлилу баҳодиҳӣ ва эҷод карданро* дар таҳияи матритсаи тест зарур медонанд [184, с. 42; 60, с. 114; 97, с. 46], ки дар расми 4 дода шудааст.

| | |
|---|---|
| Эҷод кардан | 6 |
| Баҳо додан | 5 |
| Таҳлил кардан | 4 |
| Истифода бурдан | 3 |
| Фаҳмидан | 2 |
| Дар хотир гирифтан | 1 |

**Расми 4. Таксономияи Бенҷамин Блум**

Пас аз таҳияи матритсаи тест бояд барномаи имтиҳон ё санҷиш навишта шавад. Дар барнома мақсади имтиҳон (санҷиш) аз фанни таълимӣ, талабот ба дониш ва малакаю маҳорати хонанда (аз рӯйи кадом бобҳо ва мавзуъҳо дастовардҳои таълимии ӯ санҷида мешавад), шумора ва навъи саволу масъалаҳои тест, меъёри холгузорӣ ва вақти иҷрои тест шарҳ дода мешавад [186].

Дар асоси матритсаи тест саволу масъалаҳо таҳия мегарданд. Пас аз таҳия саволу масъалаҳои тест таҳрир ва ташхис (тақриз) мешаванд. Дар ин раванд дақиқкорӣ ва масъулиятшиносии муҳаррирон ва муқарризон (*гурӯҳи муқарризон бояд аз омӯзгорони ботаҷриба, мутахассисон ва донишмандони соҳаи маориф иборат бошанд*) зарур аст, зеро дурустии саволу масъалаҳо, мувофиқати онҳо ба матритсаи тест, дурустии калидҳо (ҷавобҳои дурусти саволу масъалаҳо) бори дигар дар ҳамин раванд санҷида мешавад. Инчунин дар ҳамин зина навиштани дастури иҷрои тест ва таҳияи варақи ҷавобҳо аз корҳои муҳим ба шумор мераванд.

Пас аз таҳияи саволу масъалаҳои мувофиқ ба матритса ва таҳриру ташхис саволномаҳои тест (вариантҳо) барои озмоиш ва истифода дар санҷиш (имтиҳон) тартиб дода мешаванд.

**3. Озмоиш (санҷиш) ва таҳлили натиҷаҳо.** Бо мақсади муайян намудани коршоямӣ саволу масъалаҳои тест озмоиш карда мешаванд. Ба навиштаи В.С. Ким, агар шумораи иштирокчиёни озмоиш зиёд бошад (аз 200 то 300 нафар барои ҳар варианти саволнома), натиҷаҳои ба дастомада дурусту воқеӣ хоҳанд буд [40, с. 120]. М.Б. Челишкова низ ҳамин андешаро баён намуда, бо такя ба донишмандон Гилфорд ва Нюнелли шумораи иштирокчиёни озмоишро 200 ва на камтар аз 300 нафар донистааст [101, с. 328].

Мувофиқи назарияи классикӣ ва муосири тест пас аз озмоиш аз рӯйи ҳар саволу масъала ва ҳар варианти саволнома маълумоти оморӣ ва психометрӣ таҳия мегардад.

Ҳамин тариқ ҳар як саволу масъалаи тест таҳлил ва натиҷагирӣ мешавад. Чунин тарзи таҳлил имкон медиҳад, ки сифати ҳар саволу масъала, **ҳамчун абзори санҷиши дониш ва малакаю маҳорати хонандагон** муайян карда шавад.

**4. Ислоҳ ва такмили саволу масъалаҳо** дар асоси натиҷаи таҳлилҳои оморӣ ва психометрии онҳо сурат мегирад. Ба назар гирифтани сифати ҳар саволу масъала муҳим аст. Саволу масъалаҳое, ки натиҷаи дилхоҳ надодаанд (саволу масъалаҳое, ки ҳеҷ кас иҷро накардааст ва ё баръакс ҳама ба он ҷавоби дуруст додаанд [128]), бознигарӣ ва таҳриру такмил мешаванд. Дар асоси саволу масъалаҳои мувофиқ ва такмилшуда варианти ниҳоии саволномаи тест тартиб дода мешавад.

### 1.4 Меъёрҳои сифати абзори арзёбии дастовардҳои таълимӣ

Тестшиносон тасдиқ мекунанд, ки дурустию дақиқии натиҷаи санҷишҳои тестӣ ба сифати маводди тест (саволу масъалаҳо) вобаста аст. Аз ин лиҳоз, «талаб кардани сертификатсияи тестҳои дар раванди таълим

истифодашавандаро, хусусан тестҳое, ки дар санҷишҳои ҷамъбастӣ ва имтиҳонҳои хатм истифода мешаванд, ҳатмӣ медонанд. Сифати тестҳо аз рӯйи хусусиятҳои омории ҳамаи саволу масъалаҳо ва вариантҳои саволномаҳои тест бо усулҳои математикӣ ва оморӣ, ки дар тестшиносӣ истифода мегарданд, муайян карда мешавад» [194].

Мувофиқи навиштаҳои донишмандони тестшинос [24; 29; 39; 57; 60; 65; 66; 158] сифати тест ва сифати саволу масъалаҳо аз рӯйи чанд нишондод муайян карда мешавад, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

1) *боэътимодии тест (α **(alpha)-коэффитсиент**);*
2) *боэътиборӣ ва ё асоснокии тест;*
3) *дараҷаи душвории саволу масъалаи тест (**p-value**);*
4) *неруи фарқгузорӣ (дискриминативӣ)-и саволу масъала (**D**).*

Дар ин ҷо *боэътимодӣ* ва *боэътиборӣ* нишондиҳандаи сифати тест, *дараҷаи душворӣ* ва *неруи фарқгузорӣ* нишондиҳандаи сифати саволу масъалаҳои тест ба ҳисоб меравconfigured [65, с. 154-177; 66, с. 9-20; 158].

Т.М. Балихина [19] илова бар боэътимодӣ ва боэътиборӣ боз фаҳмо будани дастур ва мундариҷаи саволу масъалаҳо ба тестсупоранда, коркарди технологии натиҷаҳо, камхарҷию самаранокӣ, яъне бо сарфи ҳадди ақали вақт ва кӯшиш барои таҳия, баргузорӣ, санҷиш ва коркарди тест ба даст овардани маълумоти бештар дар бораи тестсупоранда ва дақиқию дурустии натиҷаҳороро аз вижагиҳои муҳимми сифати тест донистааст.

Дар бораи ин нишондодҳои муҳимтарини сифати тест ва саволу масъалаҳои тест Л. Крокер, Ҷ. Алгина [60], В.С. Аванесов [117], А.Н. Майоров [65], В.И. Звонников, М.Б. Челишкова [31; 102], Н.Ф. Ефремова [29], Е.Ю. Карданова [39], Л.Н. Акимова [11], Н.А. Батурин, Н.А. Курганский [22], Н.Н. Мелникова [123], Ҷ. Бетелл, А. Забулионис [24], Т.М. Балихина [19], С.П. Мамай [66], Н.В. Носачёва [197], С.Г. Шеретов [109], М.В. Бовтрукевич, А.В. Киреенко [187], Г.С. Примбетова, А.М. Искакова [155], Н.Н.Самилкина [91], Н.А. Сеногноева [94], С.А.

Семеновская [93] ва дигарон дар навиштаҳояшон маълумоти дақиқ ва муфассал додаанд, ки дар ин диссертасия ба онҳо ишораҳо шудааст. Вале мо зарур донистем, ки дар диссертатсияи худ дар бораи ҳар нишондод ба таври кӯтоҳ сухан гӯем.

**Боэътимодии тест** яке аз нишондодҳои сифати он буда, дараҷаи саҳеҳӣ, мувофиқати дохилии саволу масъалаҳо ва дақиқии натиҷаҳои ба дастовардаро нишон медиҳад. Дараҷаи боэътиомдии тест нишон медиҳад, ки саволу масъалаҳо то кадом дараҷа бо ҳам алоқаманданд ва натиҷаҳои бадастоварда устувор, агар тестро бори дигар ва дар ҳар ҳолате ҳам истифода барем, боз ҳамон натиҷа ва ё натиҷаҳои ба ҳам наздикро ба даст меорем [67, с. 20]. Аз ин маълум мешавад, ки натиҷаҳои бадастоварда саҳеҳ ва дақиқанд.

Дараҷаи боэътимодӣ ***(α (alpha)-коэффитсиент)*** дар тестшиносӣ аз 0 то 1 ҳисоб карда мешавад. Агар нишондиҳандаи боэътимодӣ ҳамон қадар баланд бошад, сифати тест хуб аст. Дар ҷадвали 1-ум нишондодҳо барои муайян намудани боэътимодии тест, ки дар тестшиносӣ ҳамчун меъёр қабул шудааст [112; 24, с. 17], дода мешавад.

**Ҷадвали 1.**

**Шарҳи коэффитсиенти боэътимодӣ**

| *α-коэффитсиент* | **Сифати тест** |
|---|---|
| 0,95 – 0,99 | Аъло ва гоҳе чунин иттифоқ меафтад. |
| 0,90 – 0,95 | Баланд, барои санҷиши шахсони воқеӣ коршоям аст. |
| 0,80 – 0,90 | То андозае баланд, барои санҷиши шахсони воқеӣ коршоям аст. |
| 0,70 – 0,80 | Хуб, барои санҷиши гурӯҳи калон мувофиқ аст, на барои санҷиши шахсони алоҳида. |
| ≤ 0,70 | Ғайриқаноатбахш ва нохуб аст. |

Аммо С.П. Мамай бо истифодаи усули тестгузаронии такрорӣ (усули тест-ретест), ки яке аз се усули маъмули муайян намудани боэътимодии тест аст, ҷадвали шкалаи мувофиқати коэффитсиенти боэътимодӣ ва сифати тестро дар чунин шакл (ҷадвали 2) пешниҳод намудааст [66, с. 16]:

**Ҷадвали 2.**

**Шкалаи мувофиқати коэффитсиенти боэътимодӣ ва сифати тест**

| ***Бузургии коэффитсиенти боэътимодӣ*** | **Сифати тест** |
|---|---|
| 0,000 – 0,599 | Тамоман бад |
| 0,600 – 0,699 | Ғайриқаноатбахш |
| 0,700 – 0,799 | Қаноатбахш |
| 0,800 – 0,899 | Хуб |
| 0,900 – 0,949 | Бениҳоят хуб |
| 0,950 ва беш аз ин | Аъло |

**Боэътиборӣ ва ё асоснокӣ** (англ. validity – боаҳаммият будан, дуруст, асоснок ва бодалел будан, коршоям будан) дигар аз нишондиҳандаи муҳимми сифати тест аст.

Тестро он вақт метавон боэътибор ё асоснок донист, ки он аз рӯйи сохтор ва муҳтаво ба ҳадафи ниҳоӣ (яъне, чиро бояд бисанҷад?) мувофиқ бошад. Ин мафҳум нишон медиҳад, ки абзори санҷиш (тест) то кадом дараҷа (хуб) метавонад вазифаи дар пеш гузоштташударо анҷом диҳад ва ё барои санҷиши он чӣ ки пешбинӣ шудааст, мувофиқат кунад.

Дар байни донишмандони тестшинос доир ба навъҳои боэътибории тест ва роҳҳои муайн намудани онҳо андешаи ягона вуҷуд надорад. Донишманди украинӣ Л.Н. Акимова [11] аз рӯйи андешаҳои И.С. Носс доир ба ду типпи асосӣ – дохилӣ ва зоҳирӣ ва ёздаҳ навъи боэътибории тест маълумот медиҳад. Аммо донишманди рус А.Н. Майоров [65] дар бораи се навъи боэътибории тест – меъёрӣ, конструктӣ (консептуалӣ) ва мундариҷавӣ

маълумот додааст, ки ҳар кадоме аз ин навъҳо бо роҳҳои гуногун муайян карда мешаванд.

Ба андешаи ҳамаи мутахассисони соҳаи тест яке аз роҳҳои маъмули муайян намудани боэътибории мундариҷавии тест ташхис аст, ки аз тарафи мутахассисон (ё ташхисгарон) ба таври гурӯҳӣ ва ё алоҳида сурат мегирад.

Боэътибории мундариҷавӣ барои ҳамаи тестҳои педагогӣ татбиқ карда мешавад. «Агар мутахассис (ва ё истифодабарандаи тест) исбот карда тавонад, ки тест ҳамаи ҷанбаҳои асосии мундариҷаи фанро инъикос намудааст, пас метавон гуфт, ки он аз назари мундариҷа боэътибор аст» [58, с. 15].

Ҳамин гуна бояд дар назар дошт, ки боэътимодӣ ва боэътиборӣ (асоснокӣ) ду нишондиҳандаи сифати тестанд, ки бо ҳам сахт алоқаманданд.

**Дараҷаи душвории саволу масъалаи тест *(p-value)*** нишондиҳандаи муҳимми сифат ва коршоямии он аст. Дараҷаи душворӣ нишондиҳандаи ҷойи ҳар саволу масъала дар тест ва низ ҳиссаи иштирокчиёни санҷиш ё имтиҳон аст, ки ба саволу масъала дуруст ҷавоб додаанд. Яъне, ***p*** баробар аст ба шумораи нафароне, ки ба савол/масъала ҷавоби дуруст додаанд: дараҷаи душворӣ аз рӯйи ҳиссаи иштирокдорони санҷиш, ки ба саволу масъалаи мушаххас дуруст ҷавоб додаанд, ҳисоб карда мешавад.

Ба навиштаи тестшиносон [31; 24] коэффитсиенти ***p*** низ аз 0 то 1 ҳисоб карда мешавад. Агар нишондиҳанда ба 1 наздиктар бошад, дараҷаи душвории савол/масъала поинтар аст, яъне ин савол/масъала осон аст ва ба он қариб ҳамаи иштирокчиёни санҷиш (имтиҳон) ҷавоб додаанд. Агар нишондиҳанда наздиктар ба 0 аст, пас савол/масъала душвор ҳисобида мешавад, зеро бештари иштирокчиён натавонистаанд ба он ҷавоб диҳанд. Дар ҷадвали 3-юм нишондодҳо барои муайян намудани дараҷаи душвории саволу масъала, ки дар тестшиносӣ ҳамчун меъёр қабул шудааст, дода мешавад.

**Ҷадвали 3.**

**Нишондиҳандаи дараҷаи душвории саволу масъалаи тест**

| *p-value* | **Шарҳ** |
|---|---|
| 0,90 – 1 | Хеле осон, ҳама ба саволу масъала ҷавоб додаанд. |
| 0,70 – 0,89 | Осон, бештари иштирокчиён ба саволу масъала ҷавоби дуруст додаанд. |
| **0,31 – 0,69** | **Миёна, нишондиҳандаи мувофиқ аст.** |
| 0,20 – 0,30 | Душвор, бештари иштирокчиён натавонистаанд ба саволу масъала ҷавоби дуруст диҳанд. |
| 0 – 0,19 | Хеле душвор, қариб ҳеҷ кас ба саволу масъала ҷавоб надодааст. |

Ба андешаи В.Н. Майоров [65] ин гуна муайян намудани дараҷаи душвории саволу масъалаҳои тест дар амал дуруст бошад ҳам, вале он аз камбудӣ холӣ нест. Ӯ бо муқоисаи натиҷаи ду саволу масъалаи тест, ки мувофиқи ҷадвали 3-юм нишондиҳандаи яке 0,25 (25%) ва нишондиҳандаи дуюм 0,75 (75%) аст, хулоса мекунад, ки ин нишондиҳандаҳо на зиёд шудани дараҷаи душворӣ, балки кам шудани он аст: саволу масъала бо нишондиҳандаи 75% аз саволу масъала бо нишондиҳандаи 25% осонтар аст. Аз ин рӯ ӯ барои нишон додани дараҷаи душвории саволу масъала ҳисоби баръаксро пешниҳод менамояд, яъне аз рӯйи ҳиссаи иштирокдорони санҷиш, ки натавонистаанд ба саволу масъала дуруст ҷавоб диҳанд. Бузургии бо ин роҳ ҳосилшуда **индекси дараҷаи душворӣ** номида шуд. Нишондиҳандаи дараҷаи баръакси душворӣ бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$\boldsymbol{U = 100\left(1 - \frac{n}{N}\right)} \qquad (1.1)$$

ки дар ин ҷо $\boldsymbol{U}$ индекси душворӣ бо фоиз, $\boldsymbol{n}$ шумораи иштирокдорони санҷиш, ки ба саволу масъала дуруст ҷавоб додаанд ва $\boldsymbol{N}$ шумораи умумии иштирокдорони санҷиш аст.

Ба андешаи ӯ, агар саволу масъалаҳои дар боло зикршударо бо ин формула ҳисоб кунем, чунин нишондиҳандаҳоро ба даст меорем [65, с. 155]:

$$\boldsymbol{U_1 = 100\left(1 - \frac{50}{200}\right) = 100(1 - 0{,}25) = 75\%}, \qquad (1.2)$$

$$U_2 = 100\left(1 - \frac{150}{200}\right) = 100(1 - 0,75) = 25\% \quad (1.3)$$

Мувофиқи ҷадвали 3-юм саволу масъалаҳои хеле осон ($p \geq 0,90$) ва хеле душвор ($p \leq 0,19$) ва ё аз рӯйи индекси дараҷаи душворӣ $U = 10\%$ (хеле осон) ва $U = 81\%$ (хеле душвор) барои истифодаи минбаъда коркард ва ё аз тест берун карда мешаванд, зеро бо ин гуна саволу масъалаҳо, ба тавре ки бояд, наметавон дониш ва малакаю маҳорати хонандагонро арзёбӣ намуд.

**Неруи фарқгузорӣ** (– $D$)-и саволу масъала дар робита бо дараҷаи душвории он аз муҳимтарин нишондиҳандаи дигари сифати тест аст. Неруи фарқгузорӣ ё дискриминативӣ нишон медиҳад, ки саволу масъала то кадом дараҷа метавонад хонандагони муваффақро аз хонандагони камдиниш ҷудо намояд. Яъне, ин нишондиҳанда имкон медиҳад, то хонандагоне, ки дониши хуб доранд ва ё сустхонанд, вобаста ба дараҷаи омодагиашон мушаххас карда шаванд.

Нишондиҳандаи неруи фарқгузории саволу масъаларо дар ҳудуди аз -1 то +1 ҳисоб мекунанд. Ин нишондиҳанда аз рӯйи формулаи махсус бо дар назар гирифтани фарқи байни ҷавоби 27%-и имтиҳонсупорандагони фаъол (беҳтаринҳо) ва 27%-и имтиҳонсупорандагони ғайрифаъол (сусттаринҳо) ҳисоб карда мешавад [65, с. 165]. Саволу масъалае, ки нишондиҳандаи он наздик ба **0** аст ($\mathbf{D \leq 0,19}$) ва ё манфӣ, ба талабот ҷавобгӯ нест. Ин гуна саволу масъаларо пурра ба таври дигар бояд тартиб дод ва ё аз баҳри он баромадан беҳтар аст. Донишмандони шинохтаи соҳаи тестшиносӣ А.Н. Майоров, Ҷ. Бетелл ва А. Забулионис нишондиҳандаи мувофиқ ва қаноатбахши индекси дискриминатсияро $\geq \mathbf{0,30}$ медонанд [65, с. 165; 24, с. 57].

Л. Крокер ва Ҷ. Алгина шарҳи Эбел (Ebel R.L.)-ро ба нишондиҳандаи неруи фарқгузории саволу масъалаи тест ҳамчун меъёри пазируфташуда овардаанд [60, с. 422], ки мо онро дар ҷадвали 4-ум нишон додем.

**Ҷадвали 4.**

**Нишондиҳандаи неруи фарқгузории саволу масъалаи тест**

| Нишондиҳанда | Шарҳ |
|---|---|
| **D ≥ 0,40** | Саволу масъала хуб месанҷад – неруи фарқгузории он қаноатбахш аст. |
| **0,30 ≤ D ≤ 0,39** | Саволу масъаларо каме тасҳеҳ (ислоҳ) бояд кард ва ё ниёзе ба тасҳеҳ нест. |
| **0,20 ≤ D ≤ 0,29** | Саволу масъала каме норасоӣ дорад – бояд бознигарӣ шавад. |
| **D ≤ 0,19** | Саволу масъала корношоям аст – онро пурра аз дигар бояд сохт ва ё аз он сарфи назар бояд кард. |

Ба андешаи А.Н. Майоров муайян намудани неруи фарқгузорӣ барои он зарур аст, ки пеши роҳи истифодаи саволу масъалаҳои корношоям гирифта шавад. Ӯ аз чанд норасоӣ дар саволу масъалаҳои тест ёд мекунад, аз ҷумла:

1) печидагии аз ҳад зиёд ва нофаҳмӣ дар матни савол,

2) номуайянии шарти масъала ва возеҳ будани ҳалли масъала,

3) вобаста будани ҷавоби саволу масъала ба хотира, на ба дараҷаи рушди малакаю маҳорат,

4) бемаънӣ ва ё ғайривоқеӣ будани вариантҳои ҷавобҳо,

5) мавҷуд будани ду ва ё зиёда ҷавоби дуруст [65, с. 161-162].

Ба андешаи ӯ, агар саволу масъалаҳои тест дорои ин гуна норасоиҳо бошанд, имкони ба ин саволу масъалаҳо ҷавоб додан (ё ҷавоб надодан)-и ҳам хонандагоне, ки дониши хуб доранд ва ҳам сустхонҳо баланд аст. Аз ин рӯ беҳтар аст, ки ин гуна саволу масъалаҳо аз тест берун карда шаванд ва ё дигарбора таҳрир ва коркард шаванд.

## ХУЛОСАИ БОБИ 1

Аз он чӣ дар боби 1 гуфта шуд, метавон чунин хулоса баровард:

1) нахустин пажӯҳишҳои илмӣ доир ба тест ва назарияи он дар охирҳои садаи XIX ва аввалҳои садаи XX дар кишварҳои ғарбӣ ба вуҷуд омадааст;

2) масъалаи омӯзиши тестология ва таҳияи тест дар Русия ва ИҶШС аз нимаи дуюми солҳои 20-уми асри XX оғоз шудааст;

3) ба санҷишҳои тестӣ дар ҶТ асосан дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд;

4) аввалин бор дар ҶТ тест ҳамчун абзори арзёбии дониш ва малакаю маҳорати хонандагон ба таври васеъ соли 2008 дар як таҳқиқот дар доираи татбиқи Лоиҳаи таҷдиди маориф истифода шуд;

5) ташкили ММТНПҶТ ва ҷорӣ кардани ИМД дар заминаи тест (тестгузаронӣ) ба рушди тест дар Тоҷикистон мусоидат намуд;

6) тести педагогӣ маҷмуи саволу масъалаҳо бо дараҷаи гуногуни душворӣ ва шакли мушаххас аст, ки ба воситаи он дастовардҳои таълимӣ (дониш ва малакаю маҳорат)-и хонандагон назорат ва арзёбӣ мешавад;

7) вазифаи асосии тести педагогӣ таҳияи тестҳо барои назорати объективонаи омодагии донишомӯзон – дониш, малакаю маҳорат ва ҷаҳонбинӣ, инчунин рушди зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва фарҳангӣ, қобилияти эҷодкорӣ ва дараҷаи тарбия ва рушди ҳиссию эмотсионалии онҳост;

8) саволу масъалаҳои тест бояд дар доираи барномаҳои таълим ва дар асоси сарчашмаҳои боэътимод – асарҳои илмию методӣ ва китобҳои дарсӣ таҳия шаванд ва дар такмили барномаҳои таълим ва китобҳои дарсӣ ва пешрафти маънавиёти хонандагон мусоидат намоянд;

9) тестро ба навъҳои кушода ва пӯшида тақсим намудаанд, ки ҳар навъ дорои якчанд шакл аст;

10) ҳангоми омода намудани тест талабот ва зинаҳои таҳияи саволу масъалаҳо бояд риоя шавад;

11) риоя нагардидани яке аз талабот ва зинаҳо раванди таҳияи тестро халалдор месозад ва ба сифати тест таъсири манфӣ мерасонад;

12) тест ҳамон вақт босифат ва коршоям ҳисобида мешавад, ки боэътимодӣ ва боэътибории он ва дараҷаи душворию неруи фарқгузории саволу масъалаҳо ба меъёрҳои муқарраршуда мувофиқ бошад;

13) санҷиш ва назорати тестӣ аҳаммияти муҳимми таълимӣ дорад: ба омӯзиши ҳамаҷонибаи барнома, такмили дониш ва малакаю маҳорат ва рушди манфиатҳои маърифатии донишомӯзон мусоидат мекунад;

14) санҷиш ва назорати объективии тестӣ дар раванди таълим аҳаммияти бузурги тарбиявӣ дорад: он масъулияти ҳам донишомӯзон ва ҳам омӯзгоронро баланд бардошта, донишомӯзонро ба дақиқкорӣ ва омӯзгоронро ба масъулятшиносӣ дар иҷрои вазифаҳои таълимӣ вомедорад, дар онҳо сифатҳои хуби ахлоқиро ташаккул медиҳад ва ҷомеаи солимро ба вуҷуд меорад;

15) истифодаи дуруст ва бомақсади санҷишҳои тестӣ ва назорати муттасили фаъолияти таълимии донишомӯзон ба беҳтар шудани сифати таълим мусоидат менамояд.

# БОБИ 2. ТЕХНОЛОГИЯИ ТАҲИЯ ВА ТАҲЛИЛИ АБЗОРИ АРЗЁБИИ ДАСТОВАРДҲОИ ТАЪЛИМИИ ДОВТАЛАБОН

## 2.1 Тартиби таҳияи абзорҳои арзёбӣ дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ

Абзорҳои арзёбии дастовардҳои таълимии хонандагону донишҷӯён ва мониторинги самаранокии таҳсилот вобаста ба мақсадҳо бо тарзу усулҳои ба худ хос дар асоси талаботи стандартҳои таҳсилот ва барномаҳои таълим, дастурҳои методӣ таҳия мешаванд. Ин абзорҳо гуногун буда метавонанд, ба монанди супоришҳо дар шакли тест, машқҳо, супоришҳои амалӣ, инчунин вазифаҳое, ки ба донишомӯзон дар шакли корҳои назоратӣ ва амалии ташхисӣ, моделсозии компютерӣ пешниҳод карда мешаванд.

Таҳияи саволу масъалаҳои тест барои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба МТТМОК-и кишвар низ, ки яке аз самтҳои асосии фаъолияти ММТНПҶТ ба шумор меравад, дар асоси методикаи махсус сурат мегирад. Пеш аз ҳама таҳия ва таҳлили саволу масъалаҳои тест аз мутахассисе, ки дар ин самт кор мекунад, дониши хуби педагогию психологӣ, малакаю маҳорат ва масъулиятро талаб менамояд. Онҳо, ки мехоҳанд ба таҳия ва таҳлили саволу масъалаҳои тест машғул шаванд, пеш аз ҳама бояд аз назария ва методикаи таҳияи тест огоҳ бошанд [163; 164; 168; 16; 122; 22; 123; 27], тарзи тартиб додани қолаб (матритса)-и тест ва дар асоси он таҳия намудани саволу масъалаҳоро донад. Дар сурати ба ин кор даст задани нафароне, ки аз назария ва методикаи таҳияи тест огоҳ нестанд, тарзи тартиб додани мушаххасот (матритса)-и тестро намедонанд, саволу масъалаҳои тести нодуруст ва ғайриилмӣ таҳия мешаванд. Чунонки донишмани рус Н.Ф. Ефремова менависад, «... ҳангоми нодуруст таҳия намудани тестҳо... имкон дорад, ки натиҷаҳои манфӣ ба даст ояд. Аз ин рӯ зарур аст, ки тестҳо аз ташхису санҷиши тахассусӣ ва таҳиягарону истифодабарандагони он аз омӯзиши мувофиқ гузаронида шаванд» [29, с. 6].

Чунонки гуфта шуд, таҳия ва таҳлили саволу масъалаҳои тест раванди

бисёрзина аст. Дар ин раванд омӯхтан ва ба назар гирифтани талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ, нақша, стандарт ва барномаҳои таълими фан (соатҳои барои омӯзиши мавзуъҳо ҷудошуда); тартиб додани матритсаи тест; таҳияи меъёри холгузорӣ, навиштани барномаи санҷиш (имтиҳон); ташкили пойгоҳи додаҳо (база)-и саволу масъалаҳои тест; тартиб додани саволномаҳо (вариантҳо)-и тест дар асоси матритса ва таҳлили оморию психометрии саволу масъалаҳои тест аз қадамҳои муҳимтарин ба шумор мераванд.

Дар ин замина зикри ин нукта низ зарур аст: то соли 2020 дар низоми ИМД ду қисми имтиҳон – қисми А (имтиҳони умумӣ) ва қисми Б (имтиҳони ихтисос) дар асоси тест (санҷиши тестӣ) гузаронида мешуд. Дар имтиҳони қисми А тести забони тоҷикӣ, ки барои санҷиши дараҷаи дониш, салоҳиятҳои забонӣ ва малакаю маҳорати муоширати довталабон пешбинӣ шудааст, дар баробари тести **математика** ва тести **таърихи халқи тоҷик ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ**, сарфи назар аз ихтисос(ҳо)-и интихобнамуда, супоридани он барои ҳамаи довталабон ҳатмӣ дониста мешуд. Вале дар имтиҳони қисми Б довталаб аз рӯйи талаботи гурӯҳи ихтисосҳои интихобнамудааш аз се фан имтиҳон месупорад. Бояд гуфт, ки дар низоми ИМД «ихтисосҳои аз рӯйи фанҳои имтиҳон ба ҳам наздик ё монанд, ки дар доираи талаботи ИМД дар як гурӯҳ муттаҳид карда шудаанд» [86, с. 9], гурӯҳи ихтисосҳо ном доранд. Вобаста ба ин дар гурӯҳи ихтисосҳои 3-юм (филология, педагогика ва санъат) китобчаи тест аз се тест иборат аст: *забон ва адабиёт, таърих* ва *забони хориҷӣ* ва довталабон аз ин фанҳо имтиҳон месупоранд.

Дар асоси талаботи низом, барои довталабоне, ки ихтисоси «забон ва адабиёти ӯзбек»-ро интихоб кардаанд, тести 1-уми имтиҳони қисми Б (забон ва адабиёт) **забон ва адабиёти ӯзбек** аст. Довталабони дигар вобаста ба забони имтиҳонсупории интихобкардаашон тести 1-уми қисми Б-ро аз **забон ва адабиёти тоҷик** (агар забони имтиҳонсупорӣ тоҷикӣ

бошад) ё **забон ва адабиёти рус** (агар забони имтиҳонсупорӣ русӣ бошад) месупоранд [86, с. 48-49].

Азбаски қисми бештари саволу масъалаҳои тести забони тоҷикӣ дар имтиҳони қисми А дар асоси «Барномаи таълими забони давлатӣ (тоҷикӣ) барои синфҳои II-IX мактабҳои таълимашон ғайритоҷикӣ» (2004) ва «Барномаи таълими забони давлатӣ (тоҷикӣ) барои синфҳои X-XI мактабҳои таълимашон ғайритоҷикӣ» (2008), «Барномаи таълими забони давлатӣ дар синфҳои 2-11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» (соли 2017), ки аз ҷониби ВМИ ҶТ тасдиқ гардидааст ва мавзуъҳои китобҳои дарсии «Забони давлатӣ» таҳия гардидаанд, мо дар таҳқиқоти худ аз таҳлили саволу масъалаҳо ва натиҷаи дастовардҳои довталабон аз рӯйи ин тест сарфи назар намудем. Таҳқиқоти мо дар асоси натиҷаҳои дастовардҳои таълимии довталабон аз рӯйи тести забон ва адабиёти тоҷик дар имтиҳони қисми Б, ки барои довталабони гурӯҳи ихтисосҳои 3-юм (филология, педагогика ва санъат) имтиҳони ихтисос ба ҳисоб меравад ва саволу масъалаҳои тест барои арзёбии дониш ва малакаю маҳоратҳои забонӣ ва адабии довталабон дар асоси «Барномаи таълими забони тоҷикӣ барои хонандагони синфҳои V-XI» [20], «Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI» [4] ва «Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои V-XI» [21] таҳия шудаанд, сурат гирифт.

Вобаста ба ин дар раванди таҳия ва таҳлили абзори арзёбии дониш ва малакаю маҳоратҳои забонӣ ва адабии довталабони гурӯҳи ихтисосҳои 3-юм (филология, педагогика ва санъат) – саволу масъалаҳои тести забон ва адабиёти тоҷик қадам ба қадам ин ҳама зинаҳо тай карда шуданд.

Бо мақсади тартиб додани матритсаи тест, ки дар таҳияи тест яке аз қадамҳои асосӣ ба ҳисоб меравад, пеш аз ҳама Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [4], нақша, стандарт ва барномаҳои таълим (соатҳои барои омӯзиши мавзуъҳои забон ва адабиёти тоҷик ҷудошуда) омӯхта шуданд ва дар асоси ин санадҳо ҷадвалҳои 5-ум ва 6-ум таҳия гарид.

Дар ин ҷадвалҳо тақсими соатҳо барои омӯзиши мавзуъҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик мувофиқи «Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI» [20], «Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI» [3] ва «Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои V-XI» [21] дар таносуби фоиз дода шудааст.

**Ҷадвали 5.**

## Тақсими соатҳо барои омӯзиши мавзуъҳои забони тоҷикӣ тибқи барномаи таълим

| Т/р | Бобҳо/мавзуъҳо | Синфҳо / соатҳои таълим | | | | | | | Ҷамъи соатҳо | % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | V | VI | VII | VIII | IX | X | XI | | |
| 1 | **Таърихи забони тоҷикӣ.** | | | | | 6 | | 6 | **12** | **2%** |
| 2 | **Фонетика (овозшиносӣ). Имло ва талаффузи солим.** | 13 | | | | | 17 | 5 | **35** | **7%** |
| 3 | **Лексика ва лексикология. Воҳидҳои фразеологӣ.** | 6 | | 14 | | 2 | 4 | 12 | **38** | **7%** |
| 4 | **Грамматика. Морфология (сарф).** Калимасозӣ. | 44 | 59 | 50 | | | 44 | 9 | **206** | **38%** |
| 5 | **Грамматика. Синтаксис (наҳв) ва аломатҳои китобат.** | 14 | | | 44 | 32 | | 12 | **102** | **19%** |
| 6 | **Услубшиносӣ. Матн, моҳият ва сохтори маъноиву грамматикии он. Муоширaт, ҳусни баён** | 15 | 25 | 20 | 14 | 15 | 23 | 53 | **165** | **26%** |
| 7 | **Санъатҳои бадеӣ дар забон** | | | | | | 6 | | **6** | **1%** |
| **Ҳамагӣ** | | **89** | **80** | **81** | **54** | **51** | **85** | **96** | **536** | **100%** |

**Ҷадвали 6.**

**Тақсими соатҳо барои омӯзиши мавзуъҳои адабиёти тоҷик тибқи барномаи таълим**

| Т/р | Бобҳо/мавзуъҳо | Синфҳо / соатҳои таълим | | | | | | | Ҷамъи соатҳо | % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | V | VI | VII | VIII | IX | X | XI | | |
| 1. | Адабиёти шифоҳӣ (фолклор) | 6 | 5 | 4 | | | | | 15 | 3% |
| 2. | Ҳаёти адабӣ. Вазъи адабиёти тоҷик дар асрҳои VIII - XXI | | | | 6 | 6 | 18 | 10 | 40 | 8% |
| 3. | Адабиёти давраи қадим | | | | 6 | | | | 6 | 1% |
| 4. | Адабиёти классикӣ | 34 | 40 | 31 | 46 | 79 | 66 | | 296 | 57% |
| 5. | Адабиёти давраи нав | 17 | 11 | 24 | | | | 78 | 130 | 25% |
| 6. | Мафҳумҳои адабӣ | 2 | 2 | 4 | 4 | 6 | 7 | 5 | 30 | 6% |
| | Ҳамагӣ | 59 | 58 | 63 | 62 | 91 | 91 | 93 | 517 | 100% |

Азбаски дар низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ, бахусус дар имтиҳонҳои солҳои 2016-2019, фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик на имтиҳони алоҳида, балки ҳамчун як фанни имтиҳонӣ дар як тест дода шудаанд, мо низ, бо мақсади тартиб додани матритсаи тести забон ва адабиёти тоҷик, маълумоти ҷадвалҳои 5-ум ва 6-умро дар як ҷадвал (ҷадвали 7) муттаҳид намудем.

**Ҷадвали 7.**

**Тақсими соатҳо барои омӯзиши мавзуъҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик тибқи барномаҳои таълим**

<table>
<tr><th rowspan="2">Т/р</th><th rowspan="2">Бобҳо/мавзуъҳо</th><th colspan="7">Синфҳо/соатҳои таълим</th><th rowspan="2">Ҷамъи соатҳо</th><th rowspan="2" colspan="2">%</th></tr>
<tr><th>V</th><th>VI</th><th>VII</th><th>VIII</th><th>IX</th><th>X</th><th>XI</th></tr>
<tr><td>1</td><td>Таърихи забони тоҷикӣ</td><td></td><td></td><td></td><td></td><td>6</td><td></td><td>6</td><td>12</td><td>1,11%</td><td rowspan="4">23,13%</td></tr>
<tr><td>2</td><td>Фонетика (овозшиносӣ). Имло ва талаффузи солим</td><td>13</td><td></td><td></td><td></td><td></td><td>17</td><td>5</td><td>35</td><td>3,24%</td></tr>
<tr><td>3</td><td>Лексика ва лексикология. Воҳидҳои фразеологӣ</td><td>6</td><td></td><td>14</td><td></td><td>2</td><td>4</td><td>12</td><td>38</td><td>3,52%</td></tr>
<tr><td>4</td><td>Услубшиносӣ. Матн, моҳият ва сохтори маъноиву грамматикии он. Муоширати, ҳусни баён</td><td>15</td><td>25</td><td>20</td><td>14</td><td>15</td><td>23</td><td>53</td><td>165</td><td>15,26%</td></tr>
<tr><td>5</td><td>Грамматика. Морфология (сарф). Калимасозӣ</td><td>44</td><td>59</td><td>50</td><td></td><td></td><td>44</td><td>9</td><td>206</td><td>19,06%</td><td rowspan="2">28,49%</td></tr>
<tr><td>6</td><td>Грамматика. Синтаксис (наҳв) ва аломатҳои китобат</td><td>14</td><td></td><td></td><td>44</td><td>32</td><td></td><td>12</td><td>102</td><td>9,44%</td></tr>
</table>

**Ҷадвали 7.** Идома

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **7** | **Адабиёти шифоҳӣ (фолклор)** | 6 | 5 | 4 | | | | | **15** | **1,39%** | **8,97%** |
| **8** | **Мафҳумҳои адабӣ: вазнҳои шеъри тоҷикӣ; навъҳои адабӣ; санъатҳои бадеӣ** | 2 | 2 | 4 | 4 | 6 | 13 | 5 | **36** | **3,33%** | |
| **9** | **Ҳаёти адабӣ. Адабиёти тоҷик дар давраи қадим ва асрҳои VIII-XXI** | | | | 12 | 6 | 18 | 10 | **46** | **4,26%** | |
| **10** | **Адабиёти классикӣ** | 34 | 40 | 31 | 46 | 79 | 66 | | **296** | **27,38%** | **39,41%** |
| **11** | **Адабиёти давраи нав** | 17 | 11 | 24 | | | | 78 | **130** | **12,03%** | |
| **Ҳамагӣ** | | **151** | **142** | **147** | **120** | **146** | **185** | **190** | **1081** | **100%** | |

Хусусияти хоси ҷадвали 7-ум ин аст, ки дар он бобҳо ва мавзуъҳое, ки соатҳои омӯзишашон бо таносуби фоиз камтар аст, бо ҳам муттаҳид карда шуданд. Чунин тарзи кор барои тартиб додани матритсаи тест хеле муҳим аст, зеро матритса бахшҳои асосии мундариҷаи фанни таълимиро, ки барои арзёбии дониш ва малакаю маҳорати хонандагон интихоб мегарданд, дар бар мегирад. Яъне, вобаста ба мақсадҳо дар матритсаи тест ҳамаи бобҳо ва мавзуъҳои асосӣ нишон дода мешаванд. Саволу масъалаҳои тест низ танҳо дар доираи бобҳо ва мавзуъҳое таҳия мегарданд, ки дар матритса дода шудаанд [186; 163].

Чунонки пештар гуфта шуд, донишмандони соҳаи тест барои муайян намудани мундариҷаи тест ва таҳияи матритса ба назар гирифтани дараҷа ва ё навъи амалҳои (равандҳои) омӯзишию маърифатиро таъкид намудаанд. Вобаста ба ин низомҳои зиёде пешниҳод шудаанд, вале машҳуртарини онҳо таксономияи Бенҷамин Блум аст, ки дар он равандҳои омӯзишию маърифатӣ ба *дониш (дар хотир гирифтан), фаҳмиш (фаҳмидан), истифода бурдан (татбиқ кардан), таҳлил, баҳодиҳӣ ва эҷод кардан* тақсимбандӣ шудаанд [97, с. 46; 114, с. 18].

Ҳангоми таҳияи матритсаи тести фанҳое, ки ба низоми ИМД дохил гаштаанд, аз ҷумла фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, аз рӯйи таксономияи Блум асосан *донишу фаҳмиш ва малакаю маҳорати истифодаи дониши азхудкарда* ба назар гирифта шуд. Яъне саволу масъалаҳои тест асосан барои санҷиши донишу фаҳмиш ва малакаю маҳорат пешбинӣ гардидаанд. Дар ҷадвали 8-ум матритсаи тести забон ва адабиёти тоҷик дода шудааст.

**Ҷадвали 8.**

**Матритса аз рӯйи шумора ва таносуби саволу масъалаҳои тест**

| № т/р | Бахшҳо | Дониш ва фаҳмиш | Малакаю маҳорат | % (*a*) | ≠ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Фонетика ва имло<br>Лексикология ва фразеология<br>Услубшиносӣ ва матн | 1<br>1<br>1<br>1 | 1 | 25 ± 2% | 5 |
| 2 | Грамматика:<br>*морфология*<br>*синтаксис* | 2<br>2 | 2 | 30 ± 2% | 6 |
| 3 | Фолклор. Ҳаёти адабӣ<br>Мафҳумҳои адабӣ | 1<br>1 | 1 | 15 ± 2% | 3 |
| 4 | Адабиёти классикӣ<br>ва давраи нав | 1<br>1 | 2<br>2 | 30 ± 2% | 6 |
| **% (*b*)** | Ҳамагӣ | 60 ± 2% | 40 ± 2% | 100% | |
| ≠ | | 12 | 8 | | 20 |

Чунонки аз ҷадвали 7-ум бармеояд, 51,62%-и соатҳо барои омӯзиши мавзуъҳои забони тоҷикӣ ва 48,38% барои омӯзиши мавзуъҳои адабиёти тоҷик ҷудо шудаанд. Вобаста ба ин, бо риояи таносуби соатҳои омӯзиши забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик, 20 саволу масъалаи тести забон ва

адабиёти тоҷик чунон тақисмбандӣ карда шуд, ки қисми бештари саволу масъалаҳо ба бахшҳои забони тоҷикӣ дахл доранд. Ин ҳолатро мо дар ҷадвали 8-ум дида метавонем. Мувофиқи ин ҷадвал 11 саволу масъала ( $55 \pm 2\%$ )* доир ба мавзуъҳои забони тоҷикӣ (5 саволу масъала дар доираи бахши 1-ум (*фонетика ва имло, лексикология ва фразеология, услубшиносӣ ва матн*) ва 6 саволу масъала дар доираи бахши 2-юм (*морфология ва синтаксис*)) ва 9 саволу масъала ( $45 \pm 2\%$ ) ба мавзуъҳои адабиёт (3 саволу масъала дар доираи бахши 3-юм (*фолклор, ҳаёти адабӣ, мафҳумҳои адабӣ*) ва 6 саволу масъала дар доираи бахши 4-ум (*адабиёти классикӣ ва давраи нав*)) дода шудааст.

Вобаста ба дараҷа ва ё навъи амалҳои (равандҳои) омӯзишию маърифатӣ 12 саволу масъала (60%) барои санҷиши донишу фаҳмиш ва 8 саволу масъала (40%) барои санҷиши малакаю маҳорати довталабон пешбинӣ гардидааст.

Хусусияти хоси матритса ин аст, ки дар он шумораи холи ба ҳар саволу масъала, ки барои санҷиши донишу фаҳмиш ва малакаю маҳорат пешинӣ гардидааст, дар таносуби фоиз ба нақша гирифта мешавад. Агар матритсаи тести забон ва адабиёти тоҷикро аз рӯйи таносуби холҳо (ҷадвали 9-ум) аз назар гузаронем, мебинем, ки 23%-и холҳо (8 хол аз 35 холи имконпазири ҳадди аксар) ба бахши 1-ум, 26% (9 хол) ба бахши 2-юм, 17% (6 хол) ба бахши 3-юм ва 34% (12 хол) ба бахши 4-ум дода мешавад. Барои санҷиши донишу фаҳмиш 34% (12 хол) ва барои санҷиши малакаю маҳорат 66%-и холҳо (23 хол) пешбинӣ шудааст.

---

* Дар матритса таносуб ҳамеша бо $\pm 2\%$ дода мешавад, зеро имкон дорад, ки ҳангоми таҳия ва ҷобаҷогузории саволу масъалаҳо (вобаста ба зарурати мавзуъҳо) гоҳе то 2%-и он аз як бахш ба бахши дигар гузарад.

**Ҷадвали 9.**

**Матритса аз рӯйи саволу масъала ва таносуби холҳо**

| № т/р | Бахшҳо | Дониш ва фаҳмиш | Малакаю маҳорат | % (*a*) | ≠ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Фонетика ва имло<br>Лексикология ва фразеология<br>Услубшиносӣ ва матн | 1(●)*<br>2 (●)<br>3 (●)<br>4 (●) | 16 (⬤) | 23 ± 2% | 8 |
| 2 | Грамматика:<br>*морфология*<br>*синтаксис* | 5 (●), 6 (●)<br>7 (●), 8 (●) | 9 (●), 17 (⬤) | 26 ± 2% | 9 |
| 3 | Фолклор. Ҳаёти адабӣ<br>Мафҳумҳои адабӣ | 10 (●)<br>11 (●) | 18 (⬤) | 17 ± 2% | 6 |
| 4 | Адабиёти классикӣ<br>ва давраи нав | 12 (●)<br>13 (●) | 14 (●), 19 (⬤)<br>15 (●), 20 (⬤) | 34 ± 2% | 12 |
| **% (*b*)** | **Ҳамагӣ** | **34 ± 2%** | **66 ± 2%** | 100% | |
| ≠ | | 12 | 23 | | 35 |

## 2.2 Навъ, шаклҳо ва меъёри холгузорри тестҳои забон ва адабиёти тоҷик

Саволу масъалаҳои тест (абзори арзёбии дастовардҳои таълимии довталабон) дар ИМД дар ду навъ таҳия шудаанд: **саволу масъалаҳои пӯшида** ва **кушода** [86, с. 52-53; 87, с. 63-65]. Вале дар тестҳои забон ва адабиёти тоҷик танҳо ду шакли саволу масъалаҳои пӯшида – (1) *бо интихоби як ҷавоби дуруст* ва (2) *муайян кардани мувофиқат* истифода шуд [186; 41-56].

Бояд гуфт, ки шакли 1-уми саволу масъалаҳои тести забон ва адабиёти тоҷик ҳамон саволу масъала бо интихоби ҷавоб аст, ки дар адабиёти англисию амрикоӣ бо истилоҳи «multiplechoice item» ёд шудааст. Ин ки дар низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ин шакли саволу масъала «**бо**

---

* Ин аломат нишондиҳандаи арзиши саволу масъалаи тест аст, яъне (●) = 1 хол ва (⬤) = 4 хол.

**интихоби як ҷавоби дуруст**» ном бурда мешавад, такя бар навиштаи донишманди тестшинос В. Аванесов шудааст. Ӯ менависад: «Агар ба саволу масъала ҷавобҳои тайёр барои интихоб дода шавад (одатан як ҷавоби дуруст ва дигарҳояш нодуруст), пас беҳтар, ки онҳо **саволу масъала бо интихоби як ҷавоби дуруст** номида шаванд» [9, с. 49].

Ҳамин гуна дар шакли **саволу масъалаи тест бо интихоби як ҷавоби дуруст** ба ҳар савол ё масъала чор гуна (вариант)-и ҷавоб дода мешавад. Аз ин ҷавобҳо танҳо яктояш дуруст аст, ки онро бояд интихоб кард. Бо интихоби ҷавоби дуруст довталаб доирачаи гунаи дахлдорро бояд ишора намояд, яъне пурра ранг кунад (●). Масалан, агар ҷавоби дурусти савол ё масъала гуна (вариант)-и **С** бошад, довталаб онро дар варақаи ҷавобҳои тест (замимаи 2) бояд чунин ишора кунад (расми 5-ум):




**Расми 5. Тарзи ишораи ҷавоби дурусти саволу масъала бо интихоби як ҷавоби дуруст**

**Саволу масъала барои муайян кардани мувофиқат.** «Дар чунин шакл ба ҳар унсур (калима, ибора, ҷумла ва ғ.), ки дар сутуни чап дода шудааст, аз сутуни рост унсури мувофиқ бояд интихоб карда шавад. Довталаб ба чор унсури сутуни чап аз панҷ унсури сутуни рост, ки яктоаш зиёдатист, ҷавоби мувофиқро интихоб менамояд» [86, с. 52-53; 87, с. 63-65]. Масалан, агар довталаб ба унсури A ҷавоби рақами 1, ба унсури B рақами 4, ба унсури C рақами 3 ва ба унсури D рақами 5-ро мувофиқ ҳисобад, бояд онро дар варақаи ҷавобҳои тест чунин ишора намояд (расми 6-ум):




**Расми 6. Тарзи ишораи ҷавобҳои дурусти саволу масъала барои муайян кардани мувофиқат**

Ҷавоби дурусти ҳар саволу масъалаи тест арзиш дорад, ки онро бо **хол** ҳисоб мекунанд. Чунин тарзи баҳогузорӣ ва меъёри санҷиш имкон медиҳад, ки дараҷаи дастовардҳои таълимӣ дуруст ва ба теври объективӣ арзёбӣ шаванд. Ба андешаи муҳаққиқи рус В.П. Беспалко «шкалаи панҷбалае, ки имрӯз дар муаасисаҳои таълимӣ истифода мешавад, меъёри воқеии андозагирии дониши хонандагон нест, зеро наметавонад хусусиятҳои объективии сохтори фанни таълимӣ ва он сифатҳои психофизикии хонандагонро, ки дар натиҷаи омӯзиш ба даст меоянд, инъикос намояд» [23, с. 56].

Мо ба андешаи ин донишманд мувофиқ ҳастем, зеро баланд гардидани сифат ва самаранокии раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ талаб мекунад, ки тарзи нави андозагирии сифати таҳсилот (баҳогузорӣ ба дониш ва малакаю маҳорати донишомӯзон) таҳия карда шавад ва чунин меъёри андозагирӣ бояд бузургие бошад (бояд бо рақамҳои ягона ифода карда шавад), ки аз истифодаи он натиҷаи дурусту объективӣ ба даст ояд.

С.А. Мишко низ бар ин андеша аст, ки «чунин тарзи баҳогузорӣ ба дониши хонандагон имрӯз аз бисёр ҷиҳат на назарияпардозон ва на дастандаркорони таҳсилотро қонеъ намесозад, зеро он бештар ба зеҳният ва шахсияти омӯзгор вобаста аст, дар он меъёри дақиқи баҳодиҳӣ (арзёбӣ) вуҷуд надорад» [176].

Ҳамин гуна дар низоми ИМД ба ҳар саволу масъалаи тест вобаста аз шакли он меъёри холгузорӣ (ҷадвали 10-ум) муайян карда шудааст [186, с. 14; 85, с. 69; 86, с. 58-60; 87, с. 69-70], ки имкон медиҳад, то довталабон аз рӯйи қобилияташон дуруст тақсимбандӣ ва дараҷаи дастовардҳои таълимиашон ба таври объективӣ арзёбӣ шаванд.

**Ҷадвали 10.**

**Меъёри холгузорӣ вобаста аз шакли саволу масъалаи тест**

| № т/р | Шакли саволу масъалаи тест | Хол |
|---|---|---|
| 1 | Бо интихоби як ҷавоби дуруст | 1 |
| 2 | Муайян кардани мувофиқат | 4 |

Чунонки аз маълумоти ин ҷадвал бармеояд, ба ҷавоби дурусти саволу масъалаи шакли якум (*бо интихоби як ҷавоби дуруст*) **як хол** дода мешавад, ба ҷавоби нодуруст хол дода намешавад. Чунин тарзи холгузориро дар тестшиносӣ арзёбии дугона (дихотомӣ) меноманд [193; 27, с. 15].

Дар саволу масъалаҳои тести шакли дуюм (*муайян кардани мувофиқат*) ба ҳар ҷавоби дуруст **якхолӣ** дода мешавад. Агар довталаб мувофиқатро дар байни 4 унсури сутуни аввал ва 5 варианти ҷавобҳои пешниҳодшуда дуруст муайян кунад, **чор хол**ро соҳиб мегардад [86, с. 58; 87, с. 69].

Вобаста ба шакли саволу масъалаҳо ва меъёри холгузорӣ миқдори саволу масъалаҳо ва шумораи имконпазири бештарини холҳои тести забон ва адабиёти тоҷик дар ҷадвали 11-ум дода шудааст [86, с. 59; 186].

**Ҷадвали 11.**

**Миқдори саволу масъала ва шумораи имконпазири бештарини холҳо (ШИБХ)**

<table>
<tr><th rowspan="3">Тест</th><th colspan="3">Миқдор ва шакли саволу масъалаҳо</th><th rowspan="3">ШИБХ</th></tr>
<tr><th rowspan="2">Ҳамагӣ</th><th colspan="2">аз ҷумла</th></tr>
<tr><th>бо интихоби як ҷавоби дуруст</th><th>муайян кардани мувофиқат</th></tr>
<tr><td>Забон ва адабиёти тоҷик</td><td>20</td><td>15</td><td>5</td><td>35</td></tr>
</table>

Он гуна ки дар ҷадвали 11-ум дида мешавад, тести забон ва адабиёти тоҷик аз 15-то саволу масъала бо интихоби як ҷавоби дуруст ва 5-то муайян намудани мувофиқат иборат аст. ШИБХ 35 аст.

Дар ҷадвали 12-ум тақсимбандии саволу масъалаҳо аз рӯйи шаклашон, яъне 15-то бо интихоби як ҷавоби дуруст ва 5-то муайян намудани мувофиқат, дар таносуби фоиз нишон дода шудааст [186].

**Ҷадвали 12.**

**Тақсимбандии саволу масъалаҳо аз рӯйи фоиз**

| № т/р | Шакли саволу масъала | Миқдори саволу масъала аз рӯйи фоиз |
|---|---|---|
| 1 | Савол бо интихоби як ҷавоби дуруст | 75 ± 2% |
| 2 | Муайян кардани мувофиқат | 25 ± 2% |

## 2.3 Арзёбии сифати тестҳои забон ва адабиёти тоҷик

Тавре ки дар бахши сеюми боби 1-ум зикр гардид, мувофиқи назарияи классикӣ ва муосири тест пас аз озмоиш ва ё имтиҳон аз рӯйи ҳар саволу масъала ва ҳар варианти саволномаи тест маълумоти оморӣ ва психометрӣ таҳия мегардад. Яъне, сифати саволу масъалаҳо – коршоямии онҳо аз рӯйи чанд нишондод муайян карда мешавад. Дар таҳқиқоти худ мо доир ба *боэътимодӣ, боэътиборӣ* ва ё *асоснокии тест* ва *дараҷаи душворию неруи фарқгузории саволу масъалаҳои тести* забон ва адабиёти тоҷик маълумот медиҳем, ки аз муҳимтарин нишондиҳандаҳои сифатанд.

**Боэътимодӣ ва боэътибории тестҳои забон ва адабиёти тоҷик.** Дар расми 7-ум оид ба коэффитсиенти боэътимодии чанд варианти тести забон ва адабиёти тоҷик, ки дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавии солҳои 2016-2019 истифода шуданд, маълумот дода шудааст.




**Расми 7. Коэффитсиенти боэътимодӣ**

Коэффитсиенти боэътимодии тестҳои забон ва адабиёти тоҷик ба он нишондод, ки дар тестшиносӣ ҳамчун нишондиҳандаи қаноатбахш (0,70-0,79) ва ё хуб (0,80-0,89) пазируфта шудааст [66, с. 16; 101, с. 336], мувофиқ мебошад. Чунонки дида мешавад, нишондиҳандаи тести варианти 3-юм дар имтиҳони соли 2016 нисбатан паст, вале нишондиҳандаи ҳамаи тестҳои

дигар аз 0,80 баланд аст.

Паст шудани коэффитсиенти боэътимодӣ ба якчанд омил вобаста мебошад. Яке аз чунин омилҳои асосӣ, ки донишмандони тестшинос ба он ишора мекунанд, ҷавоби тахминии имтиҳонсупорандагон ба саволу масъалаҳо аст [65, с. 175; 101, с. 341; 103, с. 100]. Ба андешаи ин донишмандон омили тахмин ҷавоб додан коэффитсиенти боэътимодии тестро моҳиятан поён мебарад, бавежа вақте хонандагоне имтиҳон месупоранд, ки дараҷаи донишашон паст аст ва бинобар надоштани дониши кофӣ бештар ба саволу масъалаҳои тест тахминӣ ҷавоб медиҳанд.

Дар мавриди тахминан ҷавоб додан ба саволу масъалаи тест донишмандон, аз ҷумла донишманди рус А.А. Костина [58], як масъалаи дигарро низ зикр намудаанд – ассотсиатсия дар саволу масъала, яъне дар мундариҷаи саволу масъала мавҷуд будани ишора ё роҳнамоӣ ба ҷавоби дуруст. Ва ё А.Н. Майоров ба нуктаҳои дигар низ ишора мекунад: «*фаҳмо набудан ё духӯрагии савол, ҷой доштани субъективизм дар баҳогузорӣ ва нодуруст ҳисоб кардани холҳо, нодурустӣ ва нофаҳмо будани дастури иҷрои тест, хастагӣ, саҳлангорӣ ва беаҳаммиятии имтиҳонсупорандагон*» [65, с. 175-176].

Вале, чунонки аз натиҷаи таҳлилҳо бармеояд, саволу масъалаҳои тести забон ва адабиёти тоҷик дуруст ва мувофиқи талабот таҳия шудаанд: дар мундариҷаи саволу масъалаҳо ҳеҷ гуна ишораҳо ва ё роҳнамоӣ ба ҷавоби дуруст вуҷуд надорад, духӯрагӣ дар саволу масъалаҳо дида намешавад, субъективизм дар холгузорӣ ҷой надорад (коркарди варақаи ҷавобҳои довталабон аз рӯйи меъёри ягона ба воситаи технологияҳои навтарин сурат мегирад), дастури иҷрои тест (замимаи 1) дақиқу фаҳмо навишта шудааст (ҳатто пеш аз оғози имтиҳон то бист дақиқа дар асоси дастури иҷрои тест кори фаҳмондадиҳӣ ва ё дастурдиҳӣ гузаронида мешавад).

Таҳлили тестҳои забон ва адабиёти тоҷик нишон медиҳад, ки дар паст гардидани сифати тест, бахусус поён рафтани коэффитсиенти боэътимодӣ,

таъсири омили тахмин ҷавоб додан ва низ саҳлангорӣ ва беаҳаммиятии довталабон ҳангоми иҷрои тест ва пур кардани варақаи ҷавобҳо (замимаи 3) – риоя нагардидани қоидаи пур кардани варақаи ҷавобҳои тест, ки сабаби холи камтар гирифтани онҳо гардидааст, бениҳоят калон мебошад. Бояд гуфт, ки барномаи махсуси компютерии «Довталаб» ҳангоми хондани варақаи ҷавобҳои тест қайду ишораҳои беҷо (барзиёд) ё нодуруст гузошта ва хатзада, ҷавобҳои ислоҳшударо ба ҳисоб намегирад [86, с. 60; 87, с. 71].

Ин ҷо дар мисоли таҳлили як варианти тести забон ва адабиёти тоҷик (ҷадвалҳои 13-ум ва 14-ум), ки дар ИМД-и соли 2016 [47] истифода шуда ва коэффитсиенти боэътимодиаш 0,79 аст, мебинем, ки чӣ гуна омили тахмин ҷавоб додан ба саволу масъалаҳои тест ба паст шудани боэътимодии тест таъсир расонидааст.

**Ҷадвали 13.**

**Маълумоти омории саволу масъалаҳо бо интихоби як ҷавоби дуруст**

| **Рақами саволу масъала** | **0** | **A** | **B** | **C** | **D** | **Дараҷаи душворӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **1** | 2% | 6% | 9% | <u>74%</u> | 10% | **0,74** |
| **2** | 2% | <u>37%</u> | 24% | 15% | 22% | **0,37** |
| **3** | 2% | 31% | <u>14%</u> | 41% | 13% | **0,14** |
| **4** | 2% | 17% | <u>66%</u> | 9% | 6% | **0,66** |
| **5** | 2% | <u>42%</u> | 18% | 18% | 20% | **0,42** |
| **6** | 2% | 22% | 22% | <u>21%</u> | 33% | **0,21** |
| **7** | 2% | 20% | <u>26%</u> | 39% | 14% | **0,26** |
| **8** | 2% | 48% | 19% | <u>23%</u> | 9% | **0,23** |
| **9** | 2% | 10% | 27% | 34% | <u>27%</u> | **0,27** |
| **10** | 2% | <u>49%</u> | 9% | 10% | 30% | **0,49** |
| **11** | 2% | 20% | 8% | <u>57%</u> | 14% | **0,57** |

| Давоми ҷадвали 13. | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **12** | 2% | 41% | 39% | 8% | 10% | **0,39** |
| **13** | 2% | 24% | 15% | 12% | 47% | **0,47** |
| **14** | 2% | 13% | 31% | 36% | 18% | **0,36** |
| **15** | 2% | 11% | 21% | 9% | 58% | **0,58** |

**Ҷадвали 14.**

**Маълумоти омории саволу масъалаҳо барои муайян намудани мувофиқат**

| **Рақами саволу масъала** | **0** | **A** | **B** | **C** | **D** | **Дараҷаи душворӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **16** | 27% | 36% | 23% | 7% | 7% | **0,33** |
| **17** | 26% | 42% | 23% | 6% | 4% | **0,30** |
| **18** | 16% | 30% | 30% | 16% | 9% | **0,43** |
| **19** | 43% | 35% | 16% | 5% | 1% | **0,22** |
| **20** | 23% | 33% | 25% | 8% | 10% | **0,37** |

Аз маълумоти оморӣ бармеояд, ки саволу масъалаҳои тести рақамҳои 3, 6, 7, 8, 9, 17 ва 19 барои ин гурӯҳи довталабон душвор аст ва бештари онҳо натавонистаанд ба ин саволу масъалаҳо ҷавоби дуруст диҳанд. Бинобар ин ҷавобҳоро тахминан интихоб намудаанд. Аммо дараҷаи душвории саволу масъалаҳои 2, 10, 12, 14, 16, 18 ва 20 миёна бошад ҳам, нишонаи тахмин ҷавоб додан ба онҳо ба назар мерасад.

Тахминан интихоб намудани ҷавобро мо дар мисоли ду саволи ин тест дида мебароем. Саволи 6-уми тест ин тавр дода шудааст [47, с. 3]:

**6. Исмҳои мураккабро ишора кунед:**

**A)** навозиш, хониш  **C)** нағмасарой, чаҳ-чаҳ

**B)** даҳ-понздаҳ, форамтар  **D)** амонихоҳ, дилнишин

Бояд гуфт, ки ҷавоби саволҳои 1-9-умро довталабон бояд аз рӯйи матни додашуда муайян менамуданд. Аз маълумоти ҷадвали 13-ум бармеояд, ки 21%-и довталабон ба ин савол аз рӯйи матн ҷавоби дурустро муайян намудаанд (варианти С-ро интихоб кардаанд), вале 22% варианти А, 22% варианти В ва 33%-и дигар варианти D-ро ҳамчун ҷавоби дуруст гирифтаанд. Ҳамагӣ 2% ба савол ҷавоб надодаанд. Тавре ки мебинем, довталабон дар байни чор варианти ҷавоб қариб як хел тақсим шудаанд: 22%, 22%, 21% ва 33%. Ҳамин гуна тақсим шудани довталабон худ нишонаи тахмин ҷавоб додан ба савол аст.

Саволи 7-уми тест ин тавр дода шудааст [47, с. 4]:

7. **Кадом аъзои ҷумла чида шудааст:** ***Вай осудагӣ, хуррамӣ, шодмониро тараннум мекард?***

**A)** ҳол **B)** пуркунанда **C)** хабар **D)** мубтадо

Дуруст аст, ки ҷавоби ин савол варианти **B** (пуркунанда) аст. Вале ин вариантро ҳамагӣ 26%-и довталабон (ҷадвали 13) интихоб намудаанд. 2% ба савол ҷавоб надодаанд. Мутаносибан 20%, 39% ва 14%-и довталабон дар байни ҷавобҳои A, C ва D тақсим шудаанд.

Тахмин ҷавоб додани довталабон ба ин савол аз хатти каҷи он (расми 8) маълум мешавад. Тавре ки мебинем, довталабон асосан дар байни ҷавобҳои В ва С тақсим шудаанд: ҳам гурӯҳи довталабони сусту миёна (гурӯҳҳои 5-ум, 4-ум ва 3-юм) ва ҳам гурӯҳи довталабони муваффақ (гурӯҳҳои 2-юм ва 1-ум). Табиист, ки гурӯҳи довталабони сусту миёна (мутаносибан 48%, 47% ва 45%) варианти С-ро танҳо ба хотири **хабар** будан интихоб намудаанд, аммо як қисми гурӯҳи довталабони муваффақ (мутаносибан 36% ва 19%) бе андешидан рӯйи савол тахминан варианти С (хабар), 20% ва 18% вариати А (ҳол), 16% ва 12% варианти D (мубтадо)-ро ҷавоби дуруст гирифтаанд.




**Расми 8. Хатти каҷи савол**

Мутаассифона чунин тарзи ҷавоб ба ҳамаи он саволу масъалаҳое, ки дар боло номбар шуданд дахл дорад. Чунин тарзи ҷавоб додан ба саволу масъалаҳо сабаби паст шудани коэффитсиенти боэътимодии тест гардидааст. Ба андешаи Т.М. Балихина «тестро бояд ҳам хонандагони фаъол (доно) ва ҳам суст (камдониш) иҷро намоянд, вагарна ин ҳолат метавонад ба паст шудани боэътимодии тест сабаб шавад» [19, с. 50].

Ва низ, чунонки аз таҳлили натиҷаҳо бармеояд, дар ҷавоб додан ба як қисми саволу масъалаҳои тест ҳиссаи муайяни довталабон дар байни вариантҳои нодурусти ҷавобҳо қариб баробар тақсим шудааст. Ин гуна натиҷаҳоро низ донишмандони тестшинос Линда Крокер ва Ҷеймс Алгина нишонаи тахминӣ будани ҷавоби имтиҳонсупорандагон медонанд [60, с. 436].

**Дараҷаи душворӣ ва неруи фарқгузории саволу масъалаҳои тести забон ва адабиёти тоҷик.** Агар дараҷаи душвории саволу масъалаҳои тести забон ва адабиёти тоҷикро, ки дар имтиҳонҳои солҳои 2016-2019 истифода шудаанд, аз рӯйи ҷадвали 3 (**Нишондиҳандаи дараҷаи душвории саволу масъалаи тест**) арзёбӣ кунем, он миёна дониста мешавад, зеро нишондиҳандаи дараҷаи душворӣ дар ҳудуди **0,30-0,70** аст (расмҳои 9-16).




**Расми 9. Дарачаи душвории саволу масъалаҳои тести соли 2016**

Чунонки дар расми 8 дида мешавад, коэффитсиенти душвории қисми бештари саволу масъалаҳои тести ин варианти дар имтиҳони соли 2016 истифодашуда миёна, дар ҳудуди аз 31% то 60% аст. Фақат нишондиҳандаи саволи 8-ум ≥0,70 ва нишондиҳандаи саволи 9-ум ≤0,20 аст, ки аз рӯйи меъёр аввалӣ осон ва дуюмӣ хеле душвор ба шумор меравад. Аммо саволу масъалаҳои 1, 2, 4, 7, 18 ва 20-ум, ки дар байни хатҳои сурх ва сабз қарор доранд, аз рӯйи меъёри қабулшуда душворанд, зеро бештари довталабон натавонистаанд ба онҳо ҷавоби дуруст диҳанд. Агар ин маълумотро бо нишондиҳандаи дарачаи баръакси душворӣ ва ё **индекси дарачаи душворӣ** нишон диҳем, чунин шаклро мегирад (расми 10):




**Расми 10. Индекси душвории саволу масъалаҳои тести соли 2016**

Чунин ҳолат дар нишондиҳандаҳои саволу масъалаҳои тест (намунаи вариантҳо)-и дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавии солҳои 2017-2019 истифодашуда низ ба назар мерасад (расмҳои 11-16):




**Расми 11. Дарачаи душвории саволу масъалаҳои тести соли 2017**




**Расми 12. Индекси душвории саволу масъалаҳои тести соли 2017**

Чунонки дар расмҳои 11 ва 12 дида мешавад, дар байни саволу масъалаҳои тести соли 2017 саволу масъалаҳои 3-юм ва 19-ум барои довталабон осон ва саволу масъалаҳои 1-ум, 6-ум ва 9-ум барои онҳо хеле душвор ба ҳисоб мераванд. Дараҷаи душворӣ ва индекси душвории дигар саволу масъалаҳо миёна аст.




**Расми 13. Дараҷаи душвории саволу масъалаҳои тести соли 2018**




**Расми 14. Индекси душвории саволу масъалаҳои тести соли 2018**

Мувофиқи маълумоти расмҳои 13 ва 14 дар байни саволу масъалаҳои тести соли 2018 саволу масъалаҳои барои довталабон осон дида намешавад. Як қисми саволу масъалаҳо (№№1, 2, 8, 11 ва 15, ки дар байни хатҳои сурх ва сабз қарор доранд) барои ин гурӯҳи довталабон душвор ва се саволу масъалаи дигар (№№3, 7 ва 20) хеле душвор будааст.




**Расми 15. Дараҷаи душвории саволу масъалаҳои тести соли 2019**




**Расми 16. Индекси душвории саволу масъалаҳои тести соли 2019**

Айнан ҳамон ҳолатҳоеро, ки дар саволу масъалаҳои имтиҳони соли 2018 ба назар расид, дар саволу масъалаҳои тести имтиҳони соли 2019 низ мушоҳида мекунем. Мувофиқи маълумоти расмҳои 15 ва 16 саволу масъалаҳои №№ 3, 7, 8 ва 11 барои ин гурӯҳи довталабон душвор ба ҳисоб мераванд.

Дар асоси маълумоти додашуда, чунонки гуфта шуд, метавон ба ин натиҷа расид, ки дараҷаи душвории саволу масъалаҳои тести забон ва адабиёти тоҷик, ки дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавии солҳои 2016-2019 истифода шуданд, аз рӯйи меъёр миёна аст.

Донишманди рус М.Б. Челишкова алоқамандии байни нишондиҳандаи дараҷаи душворӣ ва неруи фарқгузории саволу масъалаи тестро зикр намудааст. Ӯ менависад: «Саволу масъалаҳои дорои неруи баланди фарқгузорӣ одатан нишондиҳандаи миёнаи душворӣ доранд, зеро пеш аз аз ҳама, барои ҳамин гуна савлу масъалаҳо неруи баланди фарқгузорӣ хос аст» [101, с. 313].

Мо чунин нишондодро дар намунаи як варианти саволномаи забон ва адабиёти тоҷик дар ИМД-и соли 2017 дида метавонем (расми 17).




**Расми 17. Нишондидҳандаи неруи фарқгузории саволу масъалаҳои тест**

Чунонки дида мешавад, нишондиҳандаи неруи фарқгузории қариб ҳамаи саволу масъалаҳо баланд ва мувофиқи меъёр мебошад, ба ғайр аз саволу масъалаҳои 8-ум ва 13-ум, ки нишондиҳандаашон **0,20 ≤ D ≤ 0,29** аст. Ин саволу масъалаҳо каме норасоӣ доранд ва барои истифода дар санҷишҳои минбаъда бояд таҳрир ва бознигарӣ шаванд.

Вобаста ба ин метавон гуфт, ки саволу масъалаҳои тести забон ва адабиёти тоҷик, ки нишондиҳандаи миёнаи душворӣ доранд, аз назари неруи фарқгузорӣ коршоямаңд: метавонанд довталабони бо дастовардҳои баланди таълимиро аз довталабоне, ки натиҷаи дастоварҳои таълимиашон қонеъкунанда нест ҷудо намояд.

Дар ин замина боз ҳам М.Б. Челишкова менависад, ки «нишондиҳандаи неруи фарқгузории саволу масъалаҳои тестро одатан бо тавсифи боэътиборӣ (коршоямӣ) айният медиҳанд (яке медонанд), чунки бо коршоямии он саволу масъалаҳо барои расидан ба ҳадафи гузошташудаи андозагирӣ хизмат мекунанд. Барои тестҳои ба меъёр нигаронидашуда чунин тафсир комилан табиӣ ба назар мерасад, зеро мақсади асосии таҳияи онҳо фарқгузории (ҷудо намудани) хонандагон аз рӯйи дараҷаи омодагиашон мебошад» [101, с. 312].

Агар **боэътиборӣ ва коршоямии тестҳои забон ва адабиёти тоҷикро дар асоси тақсимоти довталабон аз рӯйи холҳои бадастовардаашон** баррасӣ намоем, онҳоро метавонем аз рӯйи мақсади таҳия пурра ба талабот

мувофиқ донем. Тестро он вақт метавон боэътибор ё асоснок донист, ки он аз рӯйи сохтор ва муҳтаво (мундарича) ба ҳадафи ниҳоӣ (яъне, чиро бояд бисанчад?) мувофиқ бошад. Яъне боэътибории тест ба унвони тавоноии он дар расидан ба мақсади дар пеш гузошташуда ва дурустии қарорҳои дар асоси натиҷаҳо баровардашуда ба назар гирифта мешавад. Аз ин нуқтаи назар метавон гуфт, тестҳое, ки дар ИМД-и солҳои 2016-2019 истифода шуданд, аз ҷумла тестҳои забон ва адабиёти тоҷик, ҳамчун абзори муътамад барои санҷиши дониш ва малакаю маҳорати довталабон аз рӯйи меъёрҳои умумии эътирофшуда таҳия гардидаанд. Дар баробари ин пойгоҳи ягонаи додаҳо – натиҷаҳои имтиҳонсупории довталабон, ки «таҳлили фаврии маълумот ва омодасозии маълумоти омории дақиқу муътамадро барои қабули қарорҳои дахлдор таъмин мекунад» [133], барои бартараф кардани мушкилу камбудиҳои ҷойдошта ҷиҳати мусоидат кардан дар баланд бардоштани сифати таҳсилот ёрӣ мерасонад.

Инчунин бояд гуфт, ки ин тестҳо дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақшаю барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсии амалкунанда, барномаи имтиҳон ва матритсаи фан таҳия, тартиб ва рамзгузорӣ (кодификатсия – тақсимоти саволу масъалаҳои тест мувофиқи мундарича ва қисматҳои фанни таълимӣ (имтиҳонӣ)) шудаанд, ки ин «асоснокӣ (боэътиборӣ)-и мундариҷавӣ ва сохтории онҳоро таъмин месозад» [143].

Дар асоси ҷавоби довталабон ба саволу масъалаҳои тести забон ва адабиёти тоҷик бо истифода аз барномаҳои махсуси оморию психометрӣ миқдори ҷавобҳои дуруст ва холҳои бадастовардаи довталабон ҳисоб карда шуд. Ба андешаи донишманди рус В. Аванесов [169] чунин тарзи кор, мувофиқи назарияи классикии андозагириҳои психологию педагогӣ, имкон медиҳад, то коршоямии ҳар як саволу масъалаи тест муайян карда шавад ва тақсимоти дурусти натиҷаҳо ба даст ояд.

Донишмандони рус А.Г. Колгатин ва Л.С. Колгатина [192] низ ба ин андешаанд, ки яке аз равишҳои имконпазир дар муайян кардани меъёри универсалии сифати натиҷаҳои санҷиш (имтиҳон) эҳтимолияти дуруст

ҷойгир кардани санҷидашуда (имтиҳонсупоранда)-гон аз рӯйи натиҷаҳои бадастовардаашон мебошад.

Дар ҷадвалҳои 15-18 ва расмҳои 19-22 тақсимоти довталабони дар имтиҳонҳои солҳои 2016-2019 иштирокнамуда аз рӯйи холҳои бадастовардаашон бо нишон додани тавсифҳои оморӣ, аз ҷумла **шумораи довталабон, холи миёна**[*], **медиана**[**], **мода**[***], **доманаи хол**[****], **холи камтарин, холи бештарин** ва **ҷамъи холҳои довталабон** дода шудааст.

Одатан чунин ҳисоб мекунанд, ки тестҳои ба стандарт нигаронидашудаи хуб тақсимоти холҳои фардиро он гуна таъмин мекунад, ки нишондиҳандаи холи миёна дар байн ва дигар нишондиҳандаҳо дар атрофи он ҷамъ мешаванд. Намунаи чунин тақсимоти дуруст (симметрӣ) дар расми 18 оварда шудааст, ки қариб 70%-и қимати нишондиҳандаҳо дар мобайн ва дигар нишондиҳандаҳо дар ду гӯшаи тақсимот ҷой гирифтаанд [31, с. 133; 101, с. 232].




**Расми 18. Тақсимоти дуруст ва мувофиқи холҳо**

Ба андешаи донишмандон В.И. Звонников ва Б. Челишкова тестҳои хуб тартибдодашудаи ба стандарт нигаронидашуда тақсимоти хонандагонро аз рӯйи холҳояшон чунон таъмин намояд, ки дар расми 18 нишон дода шудааст ва ё ба он монанд бошад: вақте мода ва нишондиҳандаи холи миёна баробар ва ё ба ҳам наздик аст ва дигар натиҷаҳо дар атрофи онҳо ҷойгир шудаанд

[*] Қиматест, ки бо ҷамъ кардани холҳои бадастовардаи довталабон ва тақсими он ба шумораи умумии довталабон ҳисоб карда мешавад.

[**] Қиматест, ки тақсимотро (аз ҷумла масоҳатро) ба ду қисми баробар (50/50) ҷудо мекунад.

[***] Нишондиҳандаест, ки дар ҷадвали тақсимоти довталабон ва ё хонандагон аз рӯйи холи бадастовардаашон шумораи онҳо аз ҳама бештар ба назар мерасад.

[****] Шумораи холи ниҳоии бадастовардаи довталабон дар ҷадвали тақсимот аст.

[31, с. 134].

Боз ҳам ба андешаи ҳамин донишмандон дар амал ба даст овардани чунин тақсимоти дурусту идеалии холҳо имкон надорад, вале муҳим ин аст, ки натиҷаҳо ба ҳамин гуна тақсимоти симетрӣ наздик бошанд. Дар чунин ҳолат ба тарафи рост ва ё ба тарафи чап майл кардани мода нисбат ба холи миёна имкон дорад. Ба тарафи чап ва ё ба тарафи рост майл кардани мода ва ҳам холи миёна нишон медиҳад, ки саволу масъалаҳои тест мутаносибан душвор ё осонанд.

Вақте мо натиҷаи тестҳои забон ва адабиёти тоҷикро, ки дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавии солҳои 2016-2019 истифода шудаанд, аз назар мегузаронем (ҷадвалҳои 15-18 ва расмҳои 19-22), мебинем, ки дар ҳама ҳолатҳо медиана, мода ва нишондиҳандаи холи миёна баробар ва ё ба ҳам наздиканд. Чунонки гуфта шуд, барои тақсимоти нормалӣ қиматҳои мода, медиана ва холи миёна тақрибан ба ҳамдигар баробаранд [143].

**Ҷадвали 15.**

**Маълумоти омории тести забон ва адабиёти тоҷик (соли 2016)**

| Тавсифи оморӣ | Нишондиҳанда |
|---|---|
| Шумораи довталабон | 10 951 |
| Холи миёна | 12,65 |
| Медиана | 12,00 |
| Мода | 12,00 |
| Доманаи хол | 31,00 |
| Холи камтарин | 0,00 |
| Холи бештарин | 35,00 |
| Ҷамъи холҳо | 138543,25 |




**Расми 19. Тақсимоти довталабон аз рӯйи холи бадастоварда**

Мувофиқи маълумоти ҷадвали 15 ва расми 19 холи миёна барои 10 951 нафар довталаби дар ИМД-и соли 2016 иштироknamуда 12,65 аст. Аз 35 холи бештарин холи ниҳоии бадастовардаи довталабон (4 нафар) 31 аст. Қимати медиана ва модаи тест ба 12 баробар аст.

**Ҷадвали 16.**

**Маълумоти омории тести забон ва адабиёти тоҷик (соли 2017)**

| **Тавсифи оморӣ** | **Нишондиҳанда** |
|---|---|
| Шумораи довталабон | 17 744 |
| Холи миёна | 14,77 |
| Медиана | 15,00 |
| Мода | 14,00 |
| Доманаи хол | 35,00 |
| Холи камтарин | 0,00 |
| Холи бештарин | 35,00 |
| Ҷамъи холҳо | 262007,84 |




**Расми 20. Тақсимоти довталабон аз рӯйи холи бадастоварда**

Аз маълумоти ҷадвали 16 ва расми 20 бармеояд, ки холи миёна барои 17 744 нафар довталаби дар ИМД-и соли 2017 иштироккнамуда 14,77 аст. Шумораи холи ниҳоии бадастовардаи довталабон (1 нафар) 35 аст. Қимати медиана ва модаи тест мутаносибан ба 14 ва 15 баробар аст.

**Ҷадвали 17.**

**Маълумоти омории тести забон ва адабиёти тоҷик (соли 2018)**

| Тавсифи оморӣ | Нишондиҳанда |
|---|---|
| Шумораи довталабон | 14 685 |
| Холи миёна | 14,83 |
| Медиана | 15,00 |
| Мода | 15,00 |
| Доманаи хол | 33,00 |
| Холи камтарин | 0,00 |
| Холи бештарин | 35,00 |
| Ҷамъи холҳо | 217765,17 |




**Расми 21. Тақсимоти довталабон аз рӯйи холи бадастоварда**

Чунонки дар ҷадвали 17 ва расми 21 дида мешавад, ки холи миёнаи 14 685 нафар довталаби дар ИМД-и соли 2018 иштироконамуда 14,83 аст. Шумораи холи ниҳоии бадастовардаи довталабон (1 нафар) 33 аст. Қимати медиана ва модаи тест ба ҳам баробар – 15 аст.

**Ҷадвали 18.**

**Маълумоти омории тести забон ва адабиёти тоҷик (соли 2019)**

| **Тавсифи оморӣ** | **Нишондиҳанда** |
|---|---|
| Шумораи довталабон | 16 908 |
| Холи миёна | 15,72 |
| Медиана | 15,00 |
| Мода | 15,00 |
| Доманаи хол | 35,00 |
| Холи камтарин | 0,00 |
| Холи бештарин | 33,00 |
| Ҷамъи холҳо | 265875,00 |




**Расми 22. Тақсимоти довталабон аз рӯйи холи бадастоварда**

Мувофиқи маълумоти ҷадвали 18 ва расми 22 холи миёнаи 16 908 нафар довталаби дар ИМД-и соли 2019 иштироканамуда 15,72 аст. Шумораи холи ниҳоии бадастовардаи довталабон (2 нафар) 35 аст. Қимати медиана ва модаи тест ба ҳам баробар – 15 аст.

Тавре ки аз нишондодаҳои ҷадвалҳои 15-18 ва расмҳои 19-22 бармеояд, тестҳои забон ва адабиёти тоҷик дар ИМД-и солҳои 2016-2019 тақсимоти холҳои фардии довталабонро дуруст таъмин намудааст: дар ҳама маврид қиматҳои мода, медиана ва холи миёна ба ҳам наздик ва ё баробаранд. Ин ки қиматҳои мода, медиана ва холи миёна дар тести соли 2016 аз қимати холи миёнаи тест (17,5 хол аз 35 холи бештари имконпазир) камтар аст (12), он гуна ки пештар гуфта шуд, саволу масъалаҳои тест барои ин гурӯҳи довталабон душвортар будааст: ба тарафи чап майл кардани мода ва холи миёна ба назар мерасад. Чунин дараҷаи душвории саволу масъалаҳои тест (андаке ба тарафи чап майл кардани мода ва холи миёна) дар натиҷаи имтиҳонҳои солҳои 2017, 2018 ва 2019 низ дида мешавад. Вале ин дараҷаи душворӣ ба сифат ва босамарию коршоямии тест, ҳамчун абзори санҷиши дониш ва малакаю маҳорати довталабон, таъсири ҷиддӣ надоштааст.

Аз рӯйи маълумоти омории тестҳои забон ва адабиёти тоҷик метавон

ба чунин натиҷа расид, ки таҳиягарон ҳангоми таҳияи саволу масъалаҳои тест талаботи таҳияро хуб риоя намудаанд ва миқдори саволу масъалаҳои дараҷаи душвориашон ба талаботи назарияи тест мувофиқро низ дуруст интихоб ва ҷобаҷо кардаанд. Аз ин рӯ тақсимоти холҳоро ба тақсимоти нормалӣ (симметрӣ) наздик ҳисобидан мумкин аст.

Вобаста ба ин тестҳои забон ва адабиёти тоҷик, ки дар ИМД-и солҳои 2016-2019 истифода шудаанд, дар асоси принсипи функсионалӣ боэътибор (коршоям) ва босамар дониста мешаванд ва ин имкон медиҳад, ки ба дониш ва малакаю маҳорати довталабон аз рӯйи дараҷаи аз худ кардани мундариҷаи фанни таълимӣ баҳои дурусту воқеӣ диҳем.

Дар муқоиса бо тестҳои забон ва адабиёти тоҷик, ки дар ИМД истифода шудаанд, мехоҳем ба тестгунаҳое ҳам ишора намоем, ки ҳамасола аз ҳар фанни таълимӣ аз тарафи шахсони огоҳу ноогоҳ аз тест дар китобу маҷмуаҳо ба нашр мерасанд. Омӯзгорону хонандагон ҳам аз ин маҷмуаҳо дар санҷишҳо ва барои омодагӣ ба имтиҳонҳо истифода мебаранд. Дар бораи бемасъулиятии муаллифони ин маҷмуаҳо ва бемаънӣ будани ин гуна “тестҳо”, ки се намунаашро дар зер меорем, мутахассисон чанд бор гуфтаю навиштаанд [145; 146], вале масъулони соҳаро аз ин парвое нест.

Ба “тестҳо”-и зерин диққат медиҳем:

*1. Устод С. Айнӣ (?) дар огоз (?) кадоме аз ин тахаллусҳоро пазируфта буд?*

А) Ҷунунӣ

Б) Азиз

В) Доно.

*2. Модари Қаҳрамони Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров кадом шоира аст?*

А) Мавҷуда Ҳакимова

Б) Розия Озод

В) Ҳадиса Қурбонова.

*3. Кадом шоира духтари шоҳ буд?*

А) Робия

Б) Зебуннисо

В) Гулрухсор.

Дар чанд соли охир чунин анъана шудааст, ки ҳангоми навиштани китобҳои дарсӣ дар охири ҳар боб ва ё мавзуъ саволу масъалаҳои тест дода мешаванд. Ин тарзи кор гӯё барои расонидани ёрӣ ба омӯзгор ва санҷидани дониши хонандагон анҷом дода шудааст. Мутаассифона "саволҳои тестӣ"-и дар китобҳои дарсӣ додашуда ҳам ба монанди ҳамин "тестҳо"-и зикршудаанд. Ду намуна:

2) «Ҷомеъ-ул- ҳикоёт»-ро дар кадом сол иншо кардааст?

а) 1210, 1233.

б) 1234.

в) 1236. [69, с. 124]

16. Номи дигари "Баҳориёт"-ро пайдо кунед:

А) "Мушу гурба"; B) "Калила ва Димна"; C) "Тӯтинома";

D) "Уштурнома"; E) "Ҳайвонотнома"; [96, с. 97]

Вобаста ба ин савол ба миён меояд, ки ин "тестҳо" чиро месанҷанд, дар асоси кадом талаботу меъёрҳо таҳия шудаанд? Кадоме аз ин "тестҳо" аз озмоиш гузашта, таҳлили оморию психометрӣ шудаанд ва коршоямиашон муайян гардидааст? Дуруст аст, ки ҳеҷ яке аз саволҳо. Бинобар ин ҳеҷ кадоми ин саволҳоро намешавад тест номид. Ин саволҳо чизеро намесанҷанд ва ба ягон талаботи тест ҷавобгӯй нестанд. Ба андешаи мо пешниҳод кардани ин гуна "тестҳо" на ёрӣ расонидан ба омӯзгору хонанда дар омӯзонидану азхуд кардани мавзуъ, балки таҳқири илми муҳимме чун тестшиносӣ ва мусоидат намудан дар паст гардидани завқ, дараҷаи дониш ва малакаю маҳорати хонандагон бавежа ва умуман сифати таҳсилот аст.

Ин гуна муносибати рӯякӣ ба тест ва санҷишҳои тестӣ дар байни ҷомеа фаҳмиши нодурустро дар бораи тест ба вуҷуд овардааст, ки гӯё сабаби паст гардидани дараҷаи дониш ва малакаю маҳорати хонандагон истифодаи сартосарии тест дар муассисаҳои таълимӣ аст. Онҳое, ки ин гуна

мепиндоранд, дар ҷойи худ ҳақҳ ҳам ҳастанд. Зеро аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки донишомӯзон (ва довталабон) барои супоридани санҷишу имтиҳонҳо на ба омӯхтану азхуд кардани мавзуъҳои дар барномаи таълим додашуда, балки бештар ба қориазёд кардани тестҳо машғул мешаванд. Ба ин кор ҳатто худи омӯзгорон низ мусоидат мекунанд, ки натиҷаашро (паст будани дараҷаи дониш ва малакаю маҳорати довталабон – хатмкардагони мауссисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ) мо дар таҳқиқот нишон додем.

Дар ин замина имрӯз зарур аст, ки низоми таҳияи тест, баргузории санҷишҳо ва арзёбии натиҷаҳо дар ҳамаи намуди муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ бояд ба низоми кори ММТНПҶТ мувофиқ гардонида шавад. Зеро танҳо ба воситаи абзори илман асоснок ва низоми боэътимоди арзёбӣ метавонем ба дониш ва малакаю маҳоратҳои донишомӯзон баҳои дуруст диҳем ва сифати таҳсилотро объективона арзёбӣ намоем.

## ХУЛОСАИ БОБИ 2

Аз он чӣ дар боби 2 гуфта шуд, метавон чунин хулоса баровард:

1) саволу масъалаҳои тести забон ва адабиёти тоҷик бо дар назар гирифтани талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ дар ҶТ, нақша, стандарт ва барномаҳои таълими фан ва дар асоси матритсаи тест таҳия шудааст;

2) матритсаи тести забон ва адабиёти тоҷик мувофиқи талаботи таҳияи тест тартиб дода шудааст ва бахшҳои асосии мундариҷаи фанни таълимиро, ки барои арзёбии дониш ва малакаю маҳорати довталабон интихоб гардидаанд, дар бар мегирад;

3) тестҳои забон ва адабиёти тоҷик дар ду шакли саволу масъалаҳои пӯшида – (1) *бо интихоби як ҷавоби дуруст* ва (2) *муайян кардани мувофиқат* таҳия гардидаанд;

4) вобаста ба шакли саволу масъалаҳо меъёри холгузорӣ, миқдори саволу масъалаҳо ва шумораи имконпазири бештарини холҳои тести забон ва адабиёти тоҷик дар асоси “Барномаи имтиҳон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик” муайян шудааст;

5) коэффитсиенти боэътимодии тестҳои забон ва адабиёти тоҷик ба он нишондод, ки дар тестшиносӣ ҳамчун нишондиҳандаи қаноатбахш (0,70-0,79) ва ё хуб (0,80-0,89) пазируфта шудааст, мувофиқ аст;

6) дараҷаи душвории саволу масъалаҳои тести забон ва адабиёти тоҷик, ки дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавии солҳои 2016-2019 истифода шуданд, аз рӯйи меъёр миёна аст (0,30-0,70);

7) тестҳои забон ва адабиёти тоҷик, ки дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавии солҳои 2016-2019 истифода шуданд, аз рӯйи сохтор ва муҳтаво (мундариҷа) боэътибор ва коршоямаанд;

8) маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки тестҳои забон ва адабиёти тоҷик ҳамчун тестҳои ба стандарт нигаронидашуда тақсимоти довталабонро аз рӯйи холҳои бадастовардаашон мувофиқи мақсад таъмин намудаанд;

9) тестҳои забон ва адабиёти тоҷик аз рӯйи меъёрҳои умумии эътирофшуда дуруст таҳия гардида, барои санҷиши дастовардҳои таълимӣ (дониш ва малакаю маҳорат), андозагирӣ ва арзёбии қобилиятҳои довталабон абзори муътамад ба ҳисоб меравconfigurations.

# БОБИ 3. МЕТОДИКАИ АРЗЁБИИ ДАСТОВАРДҲОИ ТАЪЛИМИИ ДОВТАЛАБОН АЗ ФАНҲОИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК

## 3.1. Таҳлили умумии натиҷаҳои бадастовардаи довталабон дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ

Он гуна ки дар ҷадвали 8-ум (матритса аз рӯйи шумора ва таносуби саволу масъалаҳои тест) дида шуд, шумораи саволу масъалаҳо аз рӯйи бахшҳои асосии мундариҷаи фанҳо, бо риояи таносуби соатҳои омӯзиши забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик, тақсимбандӣ шудаанд. Аз 20 саволу масъалаи тест 11 саволу масъала дар доираи мавзуъҳои забони тоҷикӣ (5 саволу масъала дар доираи бахши 1-уми матритса (*фонетика ва имло, лексикология ва фразеология, услубшиносӣ ва матн*) ва 6 саволу масъала дар доираи бахши 2-юм (*морфология ва синтаксис*)) ва 9 саволу масъала дар доираи мавзуъҳои адабиёт (3 саволу масъала дар доираи бахши 3-юм (*фолклор, ҳаёти адабӣ, мафҳумҳои адабӣ*) ва 6 саволу масъала дар доираи бахши 4-ум (*адабиёти классикӣ ва давраи нав*)) ба назар гирифта шудааст.

Дар расми 23 муқоисаи натиҷаи дастоварди довталабон аз рӯйи ҳар бахши матритсаи тест дода шудааст.




**Расми 23. Муқоисаи натиҷаҳо аз рӯйи бахшҳои матритса**

Аз маълумоти дар расм додашуда бармеояд, ки ҳиссаи иҷрои саволу масъалаҳои тести ҳамаи бахшҳои матритса (ба истисной бахши 1-ум – *фонетика ва имло, лексикология ва фразеология, услубшиносӣ ва матн* дар соли 2016) аз 50% камтар аст. Ҳатто натиҷа аз рӯйи баъзе бахшҳо ба ҳисоби миёна 30-36%-ро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳандаҳо бозгӯи онанд, ки дониши довталабон аз рӯйи ҳар бахши матритса миёна аст ва дараҷаи азхуд кардани мавзуъҳои барномаҳои таълими забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик умуман ба талаботи меъёр (≥50%) ҷавобгӯй нест. Албатта ин наметавонад хулосаи ниҳоӣ бошад, зеро ба андешаи донишмандони рус В.И. Звонников ва Б. Челишкова [31, с. 173] барои баровардани хулосаи ниҳоӣ ва дақиқ ба назар гирифтани дигар омилҳо низ, аз ҷумла «вазъи иҷтимоию иқтисодии ба натиҷаҳо иҷрои тест таъсиррасон» умуман ва «сустии базаи моддию техникии раванди таълим, дараҷаи пасти тахассусии ҳайати омӯзгорон, дараҷаи баланди бекорӣ дар байни падару модарон»-и довталабон ба вежа зарур аст. Ин андеша дар мавриди таҳқиқоти миллии арзёбии сифати таҳсилот комилан дуруст аст. Аммо мақсади ИМД дигар аст, бинобар ин дар ин ҷо омилҳои зикршуда мавриди таҳқиқ қарор намегиранд. Бо вуҷуди ин бар асоси натиҷаҳои дар ИМД бадастомада ба дараҷаи омодагии довталабон ба имтиҳон, дониш ва малакаю маҳорати онҳо аз ин ва ё он бахши фанни таълимӣ (аз худ намудани мавзуъҳои дар барномаи таълим додашуда) метавон баҳо дод.

Дараҷаи пасти омодагии довталабон ба имтиҳон, қаноатбахш набудани дониш ва малакаю маҳорати онҳо аз фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷикро аз рӯйи натиҷаи фоизи иҷрои саволу масъалаҳои як варианти тест дар ИМД-2017 (расми 24) низ дидан мумкин аст.

Фоизи иҷрои тестро, ки аз рӯйи ҳар бахши матритса мутаносибан ба 43,67%, 30,66%, 36,44% ва 38,19% баробар аст (дар расми 24), агар аз рӯйи индекси душвории саволу масъалаҳо баррасӣ намоем, он 56,33%, 69,34%, 63,56% ва 61,81%-ро ташкил медиҳад. Ин душвор будани саволу масъалаҳои

тест барои ин гурӯҳи довталабон ва нокифоя будани дараҷаи дониш ва малакаю маҳорати онҳоро нишон медиҳад.




**Расми 24. Фоизи иҷрои як варианти тест**

Дигар нишондиҳандаи дараҷаи дониш ва малакаю маҳорати довталабон холи гузариши тест аст. Дар низоми ИМД ба «шумораи ҳадди ақал (минималӣ)-и ҳар сол муайяншавандаи холҳо, ки барои роҳ ёфтан ба озмуни тақсимот довталабро зарур аст, вобаста аз гурӯҳҳои ихтисосҳо аз ҳар субтест онҳоро ба даст оварад», [86, с. 11] холи гузариш гуфта мешавад. Мувофиқи банди 201-уми «Тартиби гузаронидани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [7] холҳои гузаришро барои ҳар тести қисмҳои имтиҳон дар доираи гурӯҳи ихтисосҳо ҳар сол ВМИ ҶТ дар мувофиқа бо ҲҶТ муқаррар менамояд.

Холи гузариши тести забон ва адабиёти тоҷик дар ИМД-и солҳои 2014-2019 дар расми 25 дода шудааст.




**Расми 25. Холи гузариши тести забон ва адабиёти тоҷик**

Агар ба холи гузариши тести забон ва адабиёти тоҷик дар ИМД-и солҳои 2014-2019 дар муқоиса бо ШИБХ-ҳои ин тест (**35 хол**) назар кунем, мутаносибан 14,29%, 14,29%, 20,00%, 22,86%, 17,14% ва 20,00%-и онро ташкил медиҳад. Ҳатто мебинем, ки холи гузариш дар имтиҳони соли 2018-ум нисбат ба холи гузариш дар имтиҳони соли 2017-ум 5,71% паст шудааст. Ин нишондиҳандаҳоро ин гуна метавон шарҳ дод: агар довталаб аз шумораи имконпазири бештарини холҳо 14,29% ё 20,00%, 22,86% ва ё 17,14%-и холҳоро ба даст орад, ҳуқуқ дорад, ки дар озмуни тақсимот иштирок намояд. Албатта ин тарзи кор (муайян кардани холи гузариш) барои ҷалби шумораи бештари довталабон ба озмуни тақсимот ва пур кардани нақшаи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии кишвар дуруст аст. Вале чунин натиҷаро вобаста ба арзёбии дастовардҳои таълимии довталабон наметавон қонеъкунанда номид ва ҳам ҷойи андеша аст, ки чаро холи гузариши тести забон ва адабиёти тоҷик аз 5-8 зиёд нест? Танҳо дар он вақт метавон натиҷаҳоро қаноатбахш номид, ки холи гузариш ва ё зинаи пешрафт (дараҷаи муваффақият дар таҳсил) аз 14 то 20 хол (40-57%-и шумораи имконпазири бештарини хол)-ро ташкил диҳад.

Дар барномаи таълими адабиёти тоҷик [21] низ омадааст, ки «**баҳо сатҳи дониши хонандагонро муайян сохта меъёри дониши хонандагон мебошад**». Ва ҳам мувофиқи талаботи тартиби гузариш ба низоми нави

баҳогузорӣ, чунонки А. Байзоев навиштааст «**баҳо бояд сатҳи дониш, маҳорату малака ва қобилияти хонандаро то ҳадди имкон аниқ ифода кунад**» [18,54,56]. Маълум аст, ки дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии Тоҷикистон барои муайян намудани дараҷаи дониши хонандагон низоми панҷбаллӣ (вале асосан чорбаллӣ)-и баҳо истифода мешавад: баҳои 2 (ғайриқаноатбахш), 3 (қаноатбахш), 4 (хуб) ва 5 (аъло). Вале дар вақти санҷишҳои тестӣ ба натиҷаҳои кори хонандагон аввал хол гузошта мешавад, ки баъдан онро ба баҳои чор ё панҷбаллӣ бармегардонанд. Вобаста ба ҳамин донишмандони рус Ю.А. Баталова ва С.С. Бикова зимни як таҳқиқот дар асоси санадҳои меъёрӣ баргардонии хол ба баҳоро аз рӯйи фоизи иҷрои тест ва холи гирифтаи донишомӯз ин гуна баён намудаанд: «баҳои “қаноатбахш” дар он вақт гузошта мешавад, ки донишомӯз аз холи умумии тест (шумораи имконпазири бештарини хол) аз 40% то 59%-и холро соҳиб шуда бошад, баҳои “хуб” барои гирифтани 60%-79% ва баҳои “аъло” барои гирифтани 80%-100%-и холҳо гузошта мешавад» [122].

Аммо дар шкалабандии баллҳои имтиҳони ягонаи давлатӣ (ИЯД)-и ФР дар соли 2018 ва баргардонии он ба баҳои панҷбаллӣ аз фанни забони русӣ [206] ин тавр муайян шудааст (ҷадвали 19):

**Ҷадвали 19.**

**Шкалабандии холҳои тести забони русӣ**

| Хол | Балли тест | Баҳо | Хол | Балли тест | Баҳо | Хол | Балли тест | Баҳо | Хол | Балли тест | Баҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 3 | | 16 | 36 | | 33 | 57 | | 45 | 72 | |
| 2 | 5 | | 17 | 38 | | 34 | 59 | | 46 | 73 | |
| 3 | 8 | | 18 | 39 | | 35 | 60 | | 47 | 76 | |
| 4 | 10 | 2 | 19 | 40 | 3 | 36 | 61 | 4 | 48 | 78 | 5 |
| 5 | 12 | | 20 | 41 | | 37 | 62 | | 49 | 80 | |
| 6 | 15 | | 21 | 43 | | 38 | 64 | | 50 | 82 | |
| 7 | 17 | | 22 | 44 | | 39 | 65 | | 51 | 85 | |

**Давоми ҷадвали 19.**

| | | |
|---|---|---|
| 8 | 20 | |
| 9 | 22 | |
| 10 | 24 | |
| 11 | 26 | |
| 12 | 28 | |
| 13 | 30 | |
| 14 | 32 | |
| 15 | 34 | |

| | | |
|---|---|---|
| 23 | 45 | |
| 24 | 46 | |
| 25 | 48 | |
| 26 | 49 | |
| 27 | 50 | |
| 28 | 51 | |
| 29 | 53 | |
| 30 | 54 | |
| 31 | 55 | |
| 32 | 56 | |

| | | |
|---|---|---|
| 40 | 66 | |
| 41 | 67 | |
| 42 | 69 | |
| 43 | 70 | |
| 44 | 71 | |

| | | |
|---|---|---|
| 52 | 87 | |
| 53 | 89 | |
| 54 | 91 | |
| 55 | 94 | |
| 56 | 96 | |
| 57 | 98 | |
| 58 | 100 | |

Агар ҷадвали 19-ро аз рӯйи хол ва фоизи он аз ШИБХ (58 хол) тағйир диҳем, он чунин шаклро мегирад (ҷадвали 20):

**Ҷадвали 20.**

**Баргардонии холҳои тести забони русӣ ба баҳо аз рӯйи фоизи ШИБХ**

| Хол | Фоиз аз ШИБХ | Баҳо |
|---|---|---|
| 1 | 1,72 | |
| 2 | 3,45 | |
| 3 | 5,17 | |
| 4 | 6,90 | |
| 5 | 8,62 | |
| 6 | 10,34 | |
| 7 | 12,07 | |
| 8 | 13,79 | **2** |
| 9 | 15,52 | |
| 10 | 17,24 | |
| 11 | 18,97 | |
| 12 | 20,69 | |
| 13 | 22,41 | |
| 14 | 24,14 | |
| 15 | 25,86 | |

| Хол | Фоиз аз ШИБХ | Баҳо |
|---|---|---|
| 16 | 27,59 | |
| 17 | 29,31 | |
| 18 | 31,03 | |
| 19 | 32,76 | |
| 20 | 34,48 | |
| 21 | 36,21 | |
| 22 | 37,93 | |
| 23 | 39,66 | |
| 24 | 41,38 | **3** |
| 25 | 43,10 | |
| 26 | 44,83 | |
| 27 | 46,55 | |
| 28 | 48,28 | |
| 29 | 50,00 | |
| 30 | 51,72 | |
| 31 | 53,45 | |
| 32 | 55,17 | |

| Хол | Фоиз аз ШИБХ | Баҳо |
|---|---|---|
| 33 | 56,90 | |
| 34 | 58,62 | |
| 35 | 60,34 | |
| 36 | 62,07 | |
| 37 | 63,79 | |
| 38 | 65,52 | **4** |
| 39 | 67,24 | |
| 40 | 68,97 | |
| 41 | 70,69 | |
| 42 | 72,41 | |
| 43 | 74,14 | |
| 44 | 75,86 | |

| Хол | Фоиз аз ШИБХ | Баҳо |
|---|---|---|
| 45 | 77,59 | |
| 46 | 79,31 | |
| 47 | 81,03 | |
| 48 | 82,76 | |
| 49 | 84,48 | |
| 50 | 86,21 | |
| 51 | 87,93 | |
| 52 | 89,66 | **5** |
| 53 | 91,38 | |
| 54 | 93,10 | |
| 55 | 94,83 | |
| 56 | 96,55 | |
| 57 | 98,28 | |
| 58 | 100,00 | |

Муҳаққиқи қирғиз С. Калдибаев [137] низ назари олимони Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба муайян намудани коэфитсиенти аз худ кардани маводди таълим (К)-ро дар асоси санҷишҳои тестӣ шарҳ дода, арзёбии дониши хонандагонро аз рӯйи баҳои панҷбаллӣ ин тавр нишон додааст:

агар $0,85 \leq К \leq 1$ аст, баҳои “5”;

$0,70 \leq К < 0,85$ – баҳои “4”;

$0,55 \leq К < 0,70$ – баҳои “3”;

$К < 0,55$ аст, баҳои “2” гузошта мешавад.

Бо дар назар гирифтани нуқтаи назари донишмандон Ю.А. Баталова ва С.С. Бикова ва аз рӯй ҷадвали 20 дар асоси ҷадвали шкалабандии баллҳои ИЯД-и ФР дар соли 2018 мо ҷадвали баргардонии холҳои тести забон ва адабиёти тоҷик ба баҳоро (мутаносибан ҷадвалҳои 21-22) таҳия намудем. Аммо бинобар баланд будани нишондиҳандаҳои коэффитсиенти азхудкунӣ, ки донишмандони қирғиз нишон додаанд (ҳам дар мавриди баҳои “5” (беш аз 85%) ва ҳам дар мавриди баҳои “3” (беш аз 55%)), мо аз он сарфи назар кардем.

Мувофиқи маълумоти ҷадвалҳои 21 ва 22 қимати холи гузариш дар ИМД-и солҳои 2014-2019 ба **баҳои “2”** баробар аст, ки ғайриқаноатбахш будани дараҷаи азхудкунии маводди таълим аз тарафи хатмкардагони МТМУ-ро нишон медиҳад.

**Ҷадвали 21.**

**Баргардонии холҳои тести забон ва адабиёти тоҷик ба баҳо бо дар назар гирифтани андешаи Ю.А. Баталова ва С.С. Бикова**

| Хол | Фоиз аз ШИБХ | Баҳо | Хол | Фоиз аз ШИБХ | Баҳо | Хол | Фоиз аз ШИБХ | Баҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2,86 | | 14 | 40,00 | | 28 | 80,00 | |
| 2 | 5,71 | | 15 | 42,86 | | 29 | 82,86 | |
| 3 | 8,57 | 2 | 16 | 45,71 | | 30 | 85,71 | 5 |
| 4 | 11,43 | | 17 | 48,57 | 3 | 31 | 88,57 | |
| 5 | 14,29 | | 18 | 51,43 | | 32 | 91,43 | |

**Давоми ҷадвали 21.**

| | | |
|---|---|---|
| 6 | 17,14 | |
| 7 | 20,00 | |
| 8 | 22,86 | |
| 9 | 25,71 | |
| 10 | 28,57 | |
| 11 | 31,43 | |
| 12 | 34,29 | |
| 13 | 37,14 | |
| 19 | 54,29 | |
| 20 | 57,14 | |
| 21 | 60,00 | |
| 22 | 62,86 | 4 |
| 23 | 65,71 | |
| 24 | 68,57 | |
| 25 | 71,43 | |
| 26 | 74,29 | |
| 27 | 77,14 | |
| 33 | 94,29 | |
| 34 | 97,14 | |
| 35 | 100,00 | |

**Ҷадвали 22.**

**Баргардонии холҳои тести забон ва адабиёти тоҷик ба баҳо мувофиқи ҷадвали 19**

| Хол | Фоиз аз ШИБХ | Баҳо |
|---|---|---|
| 1 | 2,86 | |
| 2 | 5,71 | |
| 3 | 8,57 | |
| 4 | 11,43 | |
| 5 | 14,29 | **2** |
| 6 | 17,14 | |
| 7 | 20,00 | |
| 8 | 22,86 | |
| 9 | 25,71 | |
| 10 | 28,57 | |
| 11 | 31,43 | |
| 12 | 34,29 | |
| 13 | 37,14 | |
| 14 | 40,00 | |
| 15 | 42,86 | **3** |
| 16 | 45,71 | |
| 17 | 48,57 | |
| 18 | 51,43 | |
| 19 | 54,29 | |
| 20 | 57,14 | |
| 21 | 60,00 | |
| 22 | 62,86 | |
| 23 | 65,71 | **4** |
| 24 | 68,57 | |
| 25 | 71,43 | |
| 26 | 74,29 | |
| 27 | 77,14 | |
| 28 | 80,00 | |
| 29 | 82,86 | |
| 30 | 85,71 | |
| 31 | 88,57 | **5** |
| 32 | 91,43 | |
| 33 | 94,29 | |
| 34 | 97,14 | |
| 35 | 100,00 | |

Айнан чунин ҷадвали табдили холҳо ба баҳоҳо барои тестҳои имтиҳонҳои қисми А ва қисми Б дар низоми ИМД-ро муҳаққиқи тоҷик

Р.С. Назаров тартиб додааст [149], ки мувофиқи он низ холҳои гузариши имтиҳонҳои солҳои 2014-2019 ба **баҳои “2” (ғайриқаноатбахш)** ва танҳо холи гузариши имтиҳони соли 2017 ба **баҳои “3” (қаноатбахш)** баробар аст.

Дигар нишондиҳандаи дараҷаи дониш ва малакаю маҳорати довталабон **холи миёна** аст. Тавре ки гуфта шуд, холи миёна қиматест, ки бо ҷамъ кардани холҳои бадастовардаи довталабон ва тақсими он ба шумораи умумии довталабон ҳисоб карда мешавад. Дар расми 26 натиҷаи бадастовардаи довталабон – холи миёна ва таносуби он ба ШИБХ (35) ва қимати миёнаи он (18) аз тести забон ва адабиёти тоҷик дода шудааст.




**Расми 26. Холи миёна ва таносуби он бо ШИБХ ва қимати миёна**

Чунонки дар расми 26 дида мешавад, холи миёна дар имтиҳонҳои солҳои 2017, 2018 ва 2019 нисбат ба соли 2016 баландтар аст. Ин нишондиҳандаҳо мутаносибан 36,17%, 42,20%, 42,37% ва 44,93%-и шумораи имконпазири бештари холро ташкил медиҳад, ки аз 50%-и ШИБХ кам буда, аз рӯйи баҳои панҷбаллӣ (ҷадвали 21) ба баҳои “2” (дар соли 2016) ва баҳои “3” (дар солҳо 2017-2019) баробар аст.

Чунин ҳолат (аз 50%-и ШИБХ кам будани холи миёна) ҳангоми муқоисаи тақсимоти довталабон аз рӯйи холи бадастовардаашон дар ИМД-и солҳои 2016-2019 низ ба назар мерасад (расми 27).




**Расми 27. Муқоисаи тақсимоти довталабон аз рӯйи хол**

Муқоиса ва таҳлил натиҷаи тақсимоти довталабон аз рӯйи холҳои бадастовардаашон нишон медиҳад, ки чӣ гуна хатҳои каҷ нисбат ба холи миёнаи тест ба самти камшавии холҳо майл намудаанд. Ба тарафи чап (камшавии холҳо) майл намудани шумораи бештари довталабон ва низ қиматҳои холи миёна нишон медиҳад, ки тестҳо барои ин гурӯҳи довталабон душвор аст.

Таҳлили холҳои гузариши муқарраршудаи тести забон ва адабиёти тоҷик ва холҳои миёнаи довталабон бар он далолат менамояд, ки дараҷаи дониши хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ аз ин фанҳо хеле паст аст. Агар холи миёна дар солҳои 2017-2019 нисбат ба соли 2016 баланд гардида бошад ҳам, фарқи он зиёд нест ва онро наметавон қонеъкунанда номид, зеро қимати он аз 50%-и шумораи имконпазири бештари холҳо паст аст.

Бояд гуфт, ки саволу масъалаҳои тест пурра дар доираи барномаҳои таълими фанҳо таҳия гардиданд. Вале аз натиҷаҳо чунин бармеояд, ки барномаҳои таълими ҳам фанни забони тоҷикӣ ва ҳам фанни адабиёти тоҷик аз тарафи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар ба таври бояду шояд аз худ карда нашудааст. Дараҷаи дониш ва малакаю маҳорати довталабон аз ин фанҳо дар умум қонеъкунанда нест.

## 3.2 Арзёбии дониш ва малакаю маҳоратҳои довталабон аз фанни забони тоҷикӣ

Донишманди тоҷик М.Н. Тиллохоҷаева [160] дуруст қайд намудааст, ки мақсад ва вазифаи таълими забони тоҷикӣ ҳамчун фанни таълимӣ дар мактаб ин аст, ки ба хонандагон:

– дар дарки рисолати забон мусоидат намуда, дар бораи забони адабии ҳозираи тоҷик маълумоти қонеъкунанда диҳад;

– маҳорату малакаи дар соҳаҳои гуногуни фаъолият ва ҳаёти ҷамъиятӣ моҳирона истифода бурдани он донишҳоро (чи дар нутқи шифоҳӣ ва чи хаттӣ) омӯзонад;

– ба мустақилона дониш андӯхтан ва мунтазам такмил додани нутқи хеш имкон фароҳам орад;

– донишҳои доир ба имло ва аломатҳои китобат гирифтаро ба низом дароварда, дар ин замина малакаю маҳораташонро таҳким бахшад.

Аз зикри ин вазифаҳо бармеояд, ки инкишофи нутқи шифоҳию хаттии хонандагон ва малакаю маҳорати онҳо дар ин самт муҳимтарин масъалаҳои таълими забон ба шумор меравад.

Вобаста ба ин саволу масъалаҳои тест барои арзёбии дониш ва малакаю маҳорати забонии довталабон дар ИМД дар асоси талаботе, ки дар Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ [3] ва ҳам барномаи имтиҳон [186] пешбинӣ шудааст, таҳия гардидаанд. Дар асоси ин талабот довталабон дар баробари аз худ кардани мавзуъҳои дар барномаи таълим пешбинишуда (донистан) бояд дорои малакаю маҳоратҳои зарурӣ (тавонистан) низ бошанд, аз ҷумла [186, с. 2-3]:

– муайян кардани миқдори овозҳо ва ҳарфҳои калима, ҷудо кардани калимаҳо ба ҳиҷоҳо ва муайян намудани миқдори онҳо;

– шарҳ додани истилоҳҳо ва ҳодисаҳои фонетикӣ;

– муқаррар кардани ҷойи зада дар калимаҳо;

– дуруст навиштани калимаҳо мувофиқи қоидаҳои овозӣ ва имлои забони адабии тоҷикӣ;

– ҷудо кардани калимаҳо ба умумиистеъмолӣ, шевагӣ, соҳавӣ ва иқтибосӣ;

– истифодаи таъбирҳо мувофиқи маънои лексикиашон;

– шарҳ додани маънои луғавии калимаҳои умумиистеъмолӣ ва таъбирҳо;

– интихоб кардани синониму антонимии муносиб ба калимаҳои додашуда;

– истифодаи таъбирҳо дар нутқи шифоҳӣ ва таҳририӣ (хаттӣ);

– фарқ кардани калимаҳои сермаъно ва омонимҳо, маънои маҷозии калимаҳо;

– сохтани калимаҳо бо роҳҳои гуногун, истифодаи дурусти префиксу суффиксҳо дар калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ;

– истифодаи дуруст аз луғатҳои тафсирӣ ва этимологӣ;

– истифодаи бамавриди пешоянду пасоянд, пайвандакҳо, ҳиссачаҳо, нидо, калимаҳои тақлидӣ дар ҷумла;

– сохтани ибораҳо (бо тарзҳои гуногун) аз калимаҳои додашуда;

– сохтани ҷумлаи дуруст бо риояи қоида ва тартиб;

– дарёфти ҳадафи баён (аз рӯйи ҷумла) ва муқаррар кардани воситаҳои ташкили ҷумла дар нутқи шифоҳӣ (оҳанги талаффуз, задаи мантиқӣ, таркиби калима) ва хаттӣ (аломатҳои китобат, таркиби калима);

– муайян кардани асосҳои грамматикии ҷумла;

– дар ҷойи худ истифода кардани сараъзо ва аъзои пайрави ҷумла;

– фарқ кардани ҷумлаҳои сода аз ҷумлаҳои мураккаб, шарҳ додани навъҳои ҷумлаи мураккаб;

– муайян намудани мухотабу калимаҳои хулосакунанда дар ҷумла;

– истифодаи дурусти нутқи мазмунан ва айнан нақлшуда;

– муайян кардани услуби нигориши матн, тақриз ва анотатсия;

– навиштани ҳуҷҷатҳои расмӣ: ариза, нома, дархост ва ғайра;

– гузоштани саволи риторикӣ, муайян кардани ғалатҳои услубӣ дар ҷумла ва ғ.

Мувофиқи матритсаи тест (ҷадвалҳои 8 ва 9) аз 20 саволу масъалаи тести забон ва адабиёти тоҷик дар ИМД 11 саволу масъа ба бахшҳои *фонетика ва имло, лексикология ва фразеология, услубшиносӣ ва матн,* грамматика*: морфология ва синтаксис* дахл дорад. Ҳамзамон аз ин 11-то саволу масъала 9-то (1-9) бо интихоби як ҷавоби дуруст ва 2-то (16 ва 17) барои муайян кардани мувофиқат аст.

Дар расми 28 маълумоти оморӣ оид ба дараҷаи душвории саволу масъалаҳои тести ҳар бахш (ба ҳисоби миёна) дода шудааст.




| | Фонетика ва имло | Лексикология | Фразеология | Услуби баён | Морфология | Синтаксис |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2016 | 34,89% | 75,17% | 48,63% | 42,38% | 32,71% | 27,92% |
| 2017 | 37,58% | 46,80% | 55,74% | 46,52% | 42,42% | 34,05% |
| 2018 | 29,68% | 58,12% | 53,20% | 53,03% | 38,80% | 33,50% |
| 2019 | 31,05% | 52,19% | 46,19% | 61,47% | 40,75% | 32,27% |

**Расми 28. Дараҷаи душвории саволу масъалаҳо**

Чунонки дар расм дида мешавад, нишондиҳандаи дараҷаи душвории саволу масъалаҳои марбут ба фонетика ва имло дар соли 2018 ва синтаксис дар соли 2016 баланд ва нишондиҳандаи дигар бахшҳо миёна (≥31%) мебошад.

Саволу масъалаҳо бо интихоби як ҷавоби дуруст дар доираи як матни кӯтоҳ, ки аз 1 ё ду-се сархат иборат аст, дода шудаанд [41-56, с. 2]. Матнҳое,

ки дар саволномаҳои тести ИМД-и солҳои 2016-2019 истифода шуданд, асососан, аз асарҳои бадеӣ ва ё публитсистии Садриддин Айнӣ, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода ва Фазлиддин Муҳаммадиев гирифта шудаанд. Дар аввали матн ба довталабон супориш дода шудааст, ки матнро хонанд ва ба саволҳои 1-9 ҷавоб диҳанд. Ин саволу масъалаҳо мувофиқи матритса тақсимбандӣ шудаанд: 1-саволӣ аз бахшҳои фонетика, имло, лексикология ва фразеология, 1 савол аз услубшиносӣ ва 4 саволу масъала аз морфология ва синтаксис.

Саволу масъалаҳое, ки ба бахши *фонетика ва имло* дахл доранд, дар ҳамаи вариантҳои тест, ба истиснои ду ҳолат (дар як ҳолат имлои ҳамсадоҳои такрор ва дар дигар ҳолат имлои йотбарсарҳо), ба имлои ҳарфи *ӣ* (*и*-и дароз) ва вазифаи он дар калима вобастаанд.

Дар китобҳои дарсии «Забони тоҷикӣ» барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ доир ба имлои ҳарф (садонок)-и *ӣ* ва мавридҳои истифодаи он, аз ҷумла ҳамчун овози таркиби калима, пасванд, ки исмҳои маънӣ, сифатҳои нисбӣ ва зарф месозад ва ё ҳамчун бандакҳои феълӣ ва хабарӣ дар охири калима навишта мешавад, мавзуъҳои алоҳида дода шудаанд [26, с. 119-123; 14, с. 8-19; 36, с. 7-8; 12, с. 35; 111, с. 6-13].

Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки донистани ин мавзуъ – имлои ҳарфи (садоноки) *ӣ* ва мавридҳои истифодаи он барои хонандагону хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, аз ҷумла довталабон, чӣ аҳаммият дорад? Вобаста ба ин савол Баҳриддин Камолидинов навиштаанд, ки «Маънои луғавии вожаи арабии имло навишта пур кардан аст, маънои истилоҳии он қоидаҳои беғалат навиштани овозҳо ва калимаю таркибҳост. Имлои забони адабии муосири тоҷикӣ дар заминаи меъёрҳои сарфӣ (морфологӣ), овоӣ (фонетикӣ) ва анъанавӣ қарор дорад» [36, с. 5]. Аз ин рӯ имлои забони тоҷикӣ, чӣ дар заминаи меъёрҳои сарфӣ (морфологӣ), чӣ овоӣ (фонетикӣ) ва чӣ анъанавӣ бояд риоя шавад. Азбаски меъёри овоӣ (фонетикӣ)-и забони тоҷикӣ тақозо мекунад, ки ҳиссаҳои (морфемаҳои) калима мувофиқи тарзи талаффуз

навишта шаванд, ин мавзуъ яке аз мавзуъҳои муҳимтарин дар таълими забони тоҷикӣ дар МТТУ ба ҳисоб меравад.

Б. Камолиддинов дар асоси омӯзиш ва таҷрибаҳо ба ин натиҷа расидаанд, ки «Шогирдон бештар дар имлои овозҳои садоноки **ӣ** ва **ӯ** ғалат мекунанд» [36, с. 7]. Вобаста ба ин барои санҷиши дониши довталабон доир ба имлои ҳарфи *ӣ* (*и*-и дароз) ва вазифаи он дар калима дар ҳар вариант як саволу масъала пешбинӣ шудааст.

Агар натиҷаи ҷавобҳои довталабон ба ин саволу масъалаҳоро аз назар гузаронем, мебинем, ки қисми камтари онҳо доир ба ин мавзуъ дониши хуб доранд. Дониши ҳиссаи бештари довталабон доир ба ин мавзуъ қонеъкунанда нест, онҳо дар бораи имлои ҳарфи ***ӣ*** ва мавридҳои истифодаи он маълумоти кофӣ надоранд. Барои исботи ин сухан натиҷаи чанд саволу масъаларо аз назар мегузаронем.

Дар як варианти китобчаи тести ИМД-и соли 2017 савол ин тавр дода шудааст [50, с. 3]:

**Дар кадоме аз ин калимаҳо ҳарфи *ӣ* ҳамчун пасванд дар сохтани исми мураккаб иштирок дорад?**

| | | | |
|---|---|---|---|
| **A)** | некӣ, шуҳратмандӣ, мағрурӣ | **C)** | ҳунармандӣ, подшоҳӣ, ободӣ |
| **B)** | доноӣ, бузургӣ, тавоноӣ | **D)** | либосдӯзӣ, матоъбофӣ, риштабофӣ |

Аз 5 887 нафар довталаб, ки ин варианти саволномаро кор кардаанд, 16,44% (968 нафар) варианти А-ро ҳамчун ҷавоби дуруст ишора намудаанд. 16,43% (967 нафар) варианти В ва 15,36% (904 нафар) варианти С-ро ҷавоби дуруст гирифтаанд. 1,99% (117 нафар) ба савол ҷавоб надодаанд. Ҳамагӣ 49,79% (2 931 нафар) варианти D-ро интихоб кардаанд, ки ҷавоби дуруст аст.

Натиҷаи нишондодаи довталабон ба таври рӯшан дар хатти каҷи савол (расми 29) нишон дода шудааст.




| | 5-ум | 4-ум | 3-юм | 2-юм | 1-ум |
|---|---|---|---|---|---|
| A | 0,28 | 0,20 | 0,17 | 0,10 | 0,06 |
| B | 0,25 | 0,23 | 0,17 | 0,12 | 0,06 |
| C | 0,20 | 0,18 | 0,15 | 0,14 | 0,10 |
| D | 0,20 | 0,37 | 0,50 | 0,63 | 0,78 |
| Дигар | 0,07 | 0,01 | 0,01 | 0,00 | 0,01 |

**Расми 29. Хатти каҷи савол**

Агар ба хатти каҷи савол нигарем (расми 29), мебинем, ки ҷавоби дуруст (калид = D), ки ба тарафи боло майл дорад, бо хати каҷи бунафш ишора шудааст. Тартиби афзоиши холи бадастовардаи довталабон (аз гурӯҳи 5-ум то гурӯҳи 1-ум) аз рӯйи ҷавоби дуруст (D) мутаносибан 0,20, 0,37, 0,50, 0,63 ва 0,78 аст. Бо вуҷуди ин ки 20%-и довталабони гурӯҳи 5-ум (онҳое, ки натиҷаи дастовардашон аз ҳама паст аст), 37%-и гурӯҳи 4-ум (сустхонҳо), 50%-и гурӯҳи 3-юм (онҳое, ки дараҷаи донишашон миёна аст), 63%-и гурӯҳи 2-юм (хубхонҳо) ва 78%-и гурӯҳи 1-ум (онҳое, ки натиҷаи дастовардашон аз ҳама баланд аст) ба савол дуруст ҷавоб додаанд, ҷавоби 50,21%-и довталабон ба савол нодуруст аст. Ин ҳиссаи довталабон доир вазифаи ***ӣ***, ҳамчун пасванд, маълумот надоранд.

Дар китобчаи тести соли 2018 доир ба вазифаи ҳарфи ***ӣ*** чунин савол дода шудааст [51, с. 3]:

**Дар кадоме аз ин калимаҳо ҳарфи <u>ӣ</u> пасванди зарфсоз аст?**

**A)** табиӣ, тарбиявӣ

**B)** батанҳоӣ, яктоӣ

**C)** одамӣ, ҳастӣ

**D)** безорӣ, шикорӣ

Варианти зикршударо 4 898 нафар довталаб кор кардаанд. Аз ин шумора 36,79% (1 802 нафар) варианти A, 26,73% (1 309 нафар) варианти B,

20,78% (1 018 нафар) варианти С ва 14,64% (717 нафар) варианти D-ро ҳамчун ҷавоби дуруст интихоб намудаанд. 1,06% (52 нафар) ба савол ҷавоб надодаанд.

Ин ки қисми бештари довталабон дар байни вариантҳои А, В ва С тақсим шудаанд (мутаносибан 36,79%, 26,73% ва 20,78%), нишонаи он аст, ки онҳо доир ба ин мавзуъ маълумоти дуруст надоранд, бинобар ин ба савол тахминан ҷавоб додаанд.

Чунонки гуфтем, донишмандони тестшинос фарзияи тахминан ҷавоб додан ба саволу масъала бо интихоби як ҷавоби дурустро (аз чор ҷавоби пешинҳодшуда) 25,00% медонанд. Вобаста ба ин нуқтаи назар аз 26,73%-и довталабоне, ки ҷавоби дуруст (варианти В)-ро интихоб намудаанд, метавон танҳо интихоби 1,73%-ро ҷавоби воқеӣ ҳисобид.

Аз рӯйи натиҷаи ин савол метавон чунин хулоса баровард, ки довталабон на танҳо дар бораи вазифаи ҳарфи ***ӣ***, инчунин доир ба ҳиссаҳои нутқ низ дониши кофӣ надоранд. Онҳо намедонанд, ки калимаҳо аз рӯйи хусусиятҳои морфологиашон ба кадом ҳиссаи нутқ мансубанд.

Саволи дигар, ки ба саволи пештара монанд аст, ин гуна пешниҳод шудааст: [52, с. 3].

**Дар қатори кадоме аз ин калимаҳо садоноки <u>ӣ</u> пасванди сифатсоз аст?**

**A)** диҳӣ, нафаҳмонӣ　　**C)** зиндагонӣ, хурсандӣ

**B)** соктарегӣ, хонагӣ　　**D)** Алӣ, ҳавлӣ

Натиҷаи ҷавобҳои довталабонро аз назар мегузаронем. Аз 4 910 нафар довталаб 1,36% (67 нафар) ба савол ҷавоб надодаанд. 11,81%-и онҳо (580 нафар) варианти А, 35,76% (1 756 нафар) варианти В, 40,24% (1 976 нафар) варианти С ва 10,81% (531 нафар) варианти D-ро ҳамчун ҷавоби дуруст интихоб намудаанд.

Дар хатти каҷи савол (расми 30) дида мешавад, ки 31%-и довталабони гурӯҳи 3-юм, 43%-и гурӯҳи 2-юм ва 69%-и гурӯҳи 1-ум варианти дурусти ҷавоб (В)-ро интихоб кардаанд, боз ҳам як як ҳиссаи муайяни ҳамин гурӯҳҳо

(мутаносибан 45%, 40% ва 22%) варианти С-ро ҳамчун ҷавоби дуруст ишора намудаанд. Ҳиссаи довталабон, ки ба савол ҷавоб надодаанд ва ё нодуруст ҷавоб додаанд, 64,24%-ро ташкил медиҳад. Чунин натиҷа нишон медиҳад, ки ин қисми бештари довталабон на танҳо дар бораи вазифаи ҳарфи ***ӣ***, инчунин доир ба мавзуи сифат ва калимасозии сифат дониши кофӣ надоранд.




| | 5-ум | 4-ум | 3-юм | 2-юм | 1-ум |
|---|---|---|---|---|---|
| A | 0,19 | 0,13 | 0,12 | 0,09 | 0,05 |
| B | 0,14 | 0,21 | 0,31 | 0,43 | 0,69 |
| C | 0,45 | 0,50 | 0,45 | 0,40 | 0,22 |
| D | 0,17 | 0,16 | 0,11 | 0,08 | 0,03 |
| Дигар | 0,05 | 0,00 | 0,01 | 0,00 | 0,00 |

**Расми 30. Хатти каҷи савол**

Агар ба натиҷаи ҷавобҳои довталабон ба дигар саволҳои ҳамин бахш таваҷҷуҳ намоем, боз ҳам хулоса ҳамон аст: қисми бештари довталабон на танҳо дар бораи вазифаҳо ва ё мавриди истифодаи ҳарфи ***ӣ***, аз ҷумла ҳамчун пасванд, маълумоти дуруст надоранд, инчунин исмро аз дигар ҳиссаҳои нутқ: сифат, феъл ва зарф фарқ карда наметавонанд. Масалан, дар саволи зерин ҳамаи калимаҳои дар асоси матн пешниҳодшуда, ба ҷуз варианти D, исманд, вале ҳиссаи бештари довталабон сифатро аз исм фарқ карда натавонистаанд. Савол ин тавр пешниҳод шудааст [45, с. 3; 46, с. 3; 47, с. 3]:

**Пасванди -*ӣ* дар кадом қатори калимаҳо сифат сохтааст?**

**A)** нағмасаройӣ, хуррамӣ **C)** дӯстӣ, шодмонӣ

**B)** зиндагӣ, осудагӣ **D)** баҳорӣ, офтобӣ

Аз 10 995 нафар довталаб, ки дар имтиҳон иштирок намуданд, 1,79%-и онҳо (197 нафар) ба савол ҷавоб надодаанд. Вале 22,58%-и довталабон (2 483 нафар) калимаҳои *нағмасаройӣ* ва *хуррамӣ*, 22,19% (2 440 нафар) калимаҳои

*зиндагӣ* ва *осудагӣ* ва 18,54% (2039 нафар) калимаҳои *дӯстӣ* ва *шодмони*ро сифат гуфтаанд, яъне ҳамчун ҷавоби дуруст интихоб намудаанд. Танҳо 34,89%-и довталабон (3 836 нафар) ба савол дуруст ҷавоб додаанд: ҳарфи ***ӣ*** ҳамчун пасванд аз исмҳои *“баҳор”* ва *“офтоб”* сифат сохтааст.

Чунонки зикр шуд, дар доираи бахши *фонетика ва имло* дар бораи ҳарфҳои йотбарсар низ як савол пешниҳод шудааст [48, с. 3]. Аз довталабон пурсида шуд, ки **“Калимаҳое, ки ҳарфҳои йотбарсар доранд, дар кадом банд ҷойгир шудаанд?”**. Варианти ҷавобҳо:

барояд, бояд, моҳиён, якка

**)**

воқеъ, дергоҳе, зеро, резинӣ

**)**

қувваи табиат, мавҷҳои муқтадир, корномаи худ

**)**

сайд, тай, ҳайбат

Таҳлили натиҷаи ҷавобҳои довталабон нишон медиҳад, ки 45,16% (2 677 нафар) ба савол дуруст ҷавоб додаанд. Ин нишондиҳандаи хуб аст. Аммо 34,63%-и довталабон (2 053 нафар) ҳарфи ***й***-ро (дар калимаҳои “*сайд, тай, ҳайбат*”) йотбарсар медонанд, ки нигаронкунанда аст. Ин ҳиссаи довталабон ҳарфи ***й***-ро аз ҳарфҳои йотбарсар фарқ карда наметавонанд. 8,06%-и довталабон (478 нафар аз 5 928 довталаб) ҳарфи ***е***-ро дар калимаҳои *воқеъ, дергоҳе, зеро, резинӣ* ва 10,53% (624 нафар) ҳарфи ***и***-ро дар ибораҳои *қувваи табиат, мавҷҳои муқтадир, корномаи худ* йотбарсар медонанд, ки ин нишонаи дуруст пешниҳод шудани савол, бахусус вариантҳои нодурусти ҷавоб (дистракторҳо) аст.

Ин ки довталабон ҳарфи ***й***-ро аз ҳарфҳои йотбарсар фарқ карда наметавонанд, аз хатти каҷи савол (расми 31) низ маълум мешавад.




| | 5-ум | 4-ум | 3-юм | 2-юм | 1-ум |
|---|---|---|---|---|---|
| A | 0,28 | 0,39 | 0,44 | 0,50 | 0,65 |
| B | 0,15 | 0,11 | 0,08 | 0,04 | 0,02 |
| C | 0,21 | 0,14 | 0,10 | 0,06 | 0,01 |
| D | 0,30 | 0,35 | 0,38 | 0,39 | 0,32 |
| Дигар | 0,05 | 0,01 | 0,01 | 0,01 | 0,00 |

**Расми 31. Хатти качи савол**

Аз маълумоти расми 31 бармеояд, ки ҳатто як қисми беҳтаринҳо ва хубхонҳо, мутаносибан 39% ва 32%, варианти D-ро ҳамчун ҷавоби дуруст интихоб намудаанд. Ба андешаи онҳо калимаҳои *сайд, тай* ва *ҳайбат* ҳарфҳои йотбарсар доранд, на калимаҳои *бароянд, боянд, моҳиён* ва *якка.* Аз рӯйи натиҷаи ин савол метавон хулоса баровард, ки ин ҳиссаи довталабон дар бораи ҳарфҳои йотбарсар маълумоти кофӣ надоранд, дараҷаи донишашон паст аст.

Саволу масъалаҳое, ки ба бахши *лексикология ва фразеология* дахл доранд, асосан ба масъалаҳои муайян намудани ҳаммаъно (маънои луғавӣ)-и калимаҳо ва ибораҳои рехта (фразеологӣ) вобастаанд. Дараҷаи душвории саволу масъалаҳои ин бахш дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавии солҳои 2016-2019 ба ҳисоби миёна (расми 28) аз 46,80% то 75,17%-ро ташкил медиҳад, ки нишондиҳандаи хуб аст.

Чунонки гуфта шуд, бештари саволу масъалаҳо бо интихоби як ҷавоби дуруст аз забони тоҷикӣ дар доираи як матни кӯтоҳ дода шудаанд. Баҳриддин Камолиддинов ҷое дар сарсухани китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» барои синфи 11-ум [36,3] менависанд, ки «Аз тадқиқоти забоншиносон маълум гардид, ки дар омӯзиши забон, ҳосил намудани малакаи озод баён кардани фикр ба тариқи хаттӣ ё шифоҳӣ, донистани матн, тарзи сохтани он,

муносибатҳои маъноию грамматикии ҷумлаҳо дар дохили матн, воситаҳои мухталифи ифодаи он муносибатҳо аҳаммияти бузург доштааст. Гузаштагони мо ҳам нозукиҳои илми забони модариро аз матни ғазалиёти Ҳофиз, ашъори Мирзо Бедил ва дигар саромадони каломи бадеъ омӯхтаанд. Ин бесабаб нест, **зеро тамоми нозукиҳои маънои калима ва унсурҳои грамматикии забон дар матн равшантар аён мегарданд.»** Бо дар назар гирифтани ин масъала таҳиягарон бештари саволу масъалаҳои тести бахши забонро дар доираи матн пешниҳод намудаанд, ки ин барои арзёбии дониш ва малакаю маҳорати забонии довталабон хеле муҳим мебошад.

Бо вуҷуди он ки дараҷаи душвории саволу масъалаҳои ин бахш дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавии солҳои 2016-2019 ба ҳисоби миёна аз 46,80% то 75,17%-ро ташкил медиҳад, вале таҳлили саволу масъалаҳои ҷудогона нишон медиҳад, ки на ҳамаи довталабон ба маънои матни хондаашон диққат медиҳанд. Қисми камтари онҳо ҳангоми хондани матн ва ба “нозукиҳои маъноии калима” ва “муносибатҳои маъноию грамматикии ҷумлаҳо дар дохили матн, воситаҳои мухталифи ифодаи он муносибатҳо” диққат дода, ба саволҳо дуруст ҷавоб додаанд. Вале ҳиссаи бештари довталабон, азбаски дар матн ба кадом маъно омадани калима ва таркибҳоро дарк накардаанд, аз уҳдаи иҷрои саволу масъалаҳои тест низ набаромадаанд.

Масалан, ба масъалаи «**Ба ҷойи сенуқта ҳаммаънои калимаи “*корнома*”-ро гузошта, ҷумларо пурра намоед: *Духтур Бомбар бо ...и худ таъкид намуд, ки одам бо тарс бояд дидаву дониста дастбагиребон шавад ва ғолиб барояд.*»** [48, с. 4] аз 5 928 нафар довталаб ҳамагӣ 1 316 нафар ё 22,20% ҷавоби дуруст додаанд. 41,87%-и довталабон (2 482 нафар) ҳаммаънои калимаи “*корнома*”-ро “*кордонӣ*” ва 28,36% (1 681 нафар) “*нотарсӣ*” гуфтаанд.

Дар дигар варианти саволнома супориш чунин буд: «**Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқтаи аввал ҷуфти мувофиқи “*афту андом*”-ро гузошта, ҷумларо пурра кунед: *Агарчи ...и ин шахс ба як тоҷик монандӣ дошт, (...)*»** [49, с. 4]. Аз 5 929 нафар довталаб 18,89% (1 120 нафар) дуруст

ҷавоб додаанд, ки ҷуфти мувофиқи “*афту андом*” “*шаклу шамоил”* аст. 45,97% (2 666 нафар)-и онҳо ҳамчун ҷавоби дуруст ба “*сурату сират”*, 23,53% (1 395 нафар) ба “*қадду баст*” ва 11,13% (660 нафар) ба “*зоҳиру ботин*” ишора кардаанд. 1,48%-и довталабон (88 нафар) ба ин масъала ҷавоб нададаанд.

Вобаста ба ин саволу масъалаи тест бояд зикр намуд, ки силсилаи муродифҳои *афту андом, афту башара* ва *шаклу шамоил* дар забони тоҷикӣ умумиистеъмоланд. Яъне обуранги адабии китобӣ ва гуфтугӯйӣ доранд, ки ҳам дар дар забони гуфтугӯ ва ҳам дар забони китобӣ истифода мешаванд. Доир ба ин мавзуъ – тобишҳои маъноӣ ва мавриди истифодаи муродифҳои луғавӣ дар китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» барои синфи 11-ум [36, с. 29-32] маълумоти муфассал дода шудааст. Вале бинобар надоштани дониши кофӣ дар ин мавзуъ довталабони мо натавонистаанд ба ин савол ҷавоби дуруст диҳанд.

Дар бисёр мавридҳо бинобар надонистани маънои калимаҳо ва нафаҳмидани маънои матн довталабон ба “фолбинӣ” рӯй оварда, ба саволу масъалаҳо тахмин ҷавоб додаанд. Чунин тарзи иҷрои тест, чунонки пештар гуфта шуд, аз як тараф ба натиҷаи дастовардҳои довталабон таъсири манфӣ расонад, аз тарафи дигар ба паст шудани коэффитсиенти боэътимодии тест мусоидат мекунад.

Дар китобчаи тести имтиҳони соли 2018-ум [53] матне аз “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ дода шудааст, ки ин ҷумларо дорад: «*Акаам бо кӯшиши бисёр аз Бозори Хӯҷа ном сари бозори Бухоро аз болои боми баққолӣ як болохонача ёфт, ки мо ба он кӯчида рафтем.*» Аз рӯйи ин ҷумла савол дода шудааст: **калимаи баққолӣ дар матн ба кадом маъно омадааст?**

Аз таҳлили натиҷаҳо (ҷадвали 23 ва расми 32) чунин ба назар мерасад, ки гӯӣ қисми бештари довталабон калимаи “*баққолӣ*”-ро умуман нашунидаанд ва маънои онро намедонанд. Ҳол он ки дар синфи 9-ум [69, с. 76] аз «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолиддини Балхӣ ҳикояти «Марди баққол ва

тӯтӣ» ва дар синфи 10-ум [96,88] аз «Шаҳрошӯб»-и Сайидои Насафӣ шеърҳои ба ҳунармандон бахшидаи ӯ, аз ҷумла ба баққол («Дар таърифи Хоҷа Мирзоҷони Баққол») таълим дода мешавад.

Маълумоти омории саволро, аз рӯйи натиҷаи ҷавобҳои довталабон, аз назар мегузаронем (ҷадвали 23).

**Ҷадвали 23.**

**Маълумоти омории савол**

| Варианти ҷавоб | Хол | Нафар | Ҳисса |
|---|---|---|---|
| A | 0 | 1 535 | 31,47% |
| B | 0 | 1 418 | 29,08% |
| C | 0 | 533 | 10,93% |
| D | 1 | 1 320 | 27,07% |
| ? | 0 | 71 | 1,46% |

Чунонки дар ҷадвал дида мешавад, аз 4 877 нафар довталаб ҳамагӣ 1 320 нафар (27,07%) ба савол дуруст ҷавоб додаанд, ки маънои калимаи “баққолӣ” *дӯкони озуқафурӯшист*. 1 535 нафар (31,47%) ба варианти А (*растаи атторӣ, дӯконҳои атторон),* 1 418 нафар (29,08%) ба варианти В (*озуқафурӯш, фурӯшандаи хӯрокворӣ*), 533 нафар (10,93%) ба варианти С (*атрфурӯшӣ; доруворфурӯшӣ*) ишора намудаанд. Ҳатто қисме аз гурӯҳи довталабон, ки натиҷаи дастовардҳояшон баланд аст, ба савол дуруст ҷавоб нададаанд (расми 32).




**Расми 32. Хатти каҷи савол**

Аз маълумоти расми 32 бармеояд, ки гурӯҳҳои 1 ва 2-юми довталабон (онҳое, ки натиҷаи дастовардҳояшон аз ҳама баланд ва нисбатан баланд аст) дар байни вариантҳои A, B, C ва D мутаносибан 27%, 26%, 09% ва 38% ва 32%, 29%, 08% ва 30% тақсим шудаанд. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки ин савол на танҳо барои ин гурӯҳи довталабон, балки барои ҳамаи довталабоне, ки ҳамин варианти китобчаи тестро кор кардаанд, душвор аст: онҳо маънои вожаи *“баққолӣ”*-ро намедонанд.

Доир ба ибораҳои фразеологӣ донишу фаҳмиши довталабон нисбатан беҳтар аст. Ин мавзуъ дар дарсҳои забони тоҷикӣ дар синфҳои 7-ум [12] ва 11-ум [36] ва дар дар дарсҳои адабиёти тоҷик дар матнҳои адабӣ ба таври муфассал омӯзонида мешавад. Аз ин рӯ метавон гуфт, довталабоне, ки дониш ва малакаю маҳорати хуб доранд, маънои ибораҳои фразеологии додашударо муайян карда, онҳоро дар ҷой ва мавқеи худашон истифода бурда метавонанд. Вале, мутаассифона, шумораи ин довталабон, дар муқоиса бо шумораи умумии довталабоне, ки дар имтиҳон (дар гурӯҳи ихтисосҳои 3-юм) иштирок намудаанд, камтар аст. Инро дар мисоли натиҷаи дастоварди довталабон аз рӯйи масъалаи зерин дида метавонем [48, с. 5]:

**Маънои ибораҳои рехта (фразеологӣ)-ро муайян кунед:**

| | |
|---|---|
| **A)** кор аз кор гузаштан | **1)** дар шуғлу амале маҳорат доштан |
| **B)** чашми корро донистан | **2)** масъалаеро ҳаллу фасл кардан |
| **C)** ба рӯйи кор омадан | **3)** кори касе муваффақият пайдо кардан |
| **D)** корро пазондан | **4)** роҳбарии идораеро ба даст гирифтан |
| | **5)** фурсати мувофиқи коре барбод рафтан |

Тавре ки  дар шарҳи саволу масъалаҳо барои муайян кардани мувофиқат гуфта шуд, агар довталаб ба ҳар чор унсур (A, B, C ва D) ҷавоби дуруст диҳад, соҳиби 4 хол мешавад, яъне арзиши ҳар ҷавоби дуруст 1 хол аст. Дар расми 33 натиҷаи тақсимоти довталабон аз рӯйи холи гирифтаашон аз ин масъала дода шудааст.




**Расми 33. Чандомад ва ҳиссаи довталабон вобаста ба иҷрои саволу масъалаи тест**

Чунонки дида мешавад, аз 5 928 нафар довталаб ҳамагӣ 1 436 нафар (24,22%) тавонистаанд, ки маънои ибораҳои рехта (фразеологӣ)-и додашударо пурра муайян карда соҳиби 4 хол шаванд. 1 066 нафар (17,96%) маънои се ибораи рехта, 1 362 нафар (22,98%) маънои дуто ва 1 245 нафар (21,00%) маънои якто ибораро муайян кардаанд. 819 нафар (13,82%) ба ин масъала ҷавоб надодаанд.

Мисоли дигар. Дар китобчаи тест [50, с. 3] матне дар бораи шоҳ Ҷамшед аз «Достонҳои “Шоҳнома»-и Сотим Улуғзода дода шудааст. Дар матн ин ҷумлаҳо омадаанд: «*Вақте ки ин ҳама корҳои нек анҷом ёфта, кишвар ба ниҳояти ободию оростагӣ расид, Ҷамшед ба бузургӣ ва тавоноӣ дар ҷаҳон овоза шуд. Он гоҳ вай худро дар ҷаҳон ягона ва беҳамто донист ва мағрур шуд, бори шуҳраташро бардошта натавонист.*» Аз рӯйи ин ҷумлаҳо саволи зерин пешниҳод гардидааст [50, с. 3].

**Ибораи фразеологии *“бори шуҳратро бардошта натавонистан”* чӣ маъно дорад?**

**A)** таърифу тавсифро дӯст доштан

**B)** тоқат карда натавонистан

**C)** мағрур шудан, аз худ рафтан

**D)** дигаронро ба назар нагирифтан

Натиҷаи нишондодаи довталабон дар расми 34 оварда шудааст.




**Расми 34. Тақсимоти довталабон вобаста ба иҷрои саволу масъалаи тест**

Аз маълумоти расми 34 бармеояд, аз 5 887 нафар довталабе, ки дар имтиҳон ҳамин варианти китобчаи тестро дар даст доштанд, ҳамагӣ 37,70% (2 221 нафар) ба савол дуруст ҷавоб додаанд (варианти C-ро интихоб кардаанд). Вариантҳои нодурусти A, B ва D-ро мутаносибан 9,70% (572 нафар), 38,70% (2 281 нафар) ва 12,10% (714 нафар)-и довталабон интихоб кардаанд. 1,70% (99 нафар) ба савол ҷавоб надодаанд.

Аз натиҷаи ин савол боз хулоса ҳамон аст, ки пештар гуфта шуд: қисми бештари довталабон ба матни хондаашон дуруст диққат намедиҳанд ва бинобар надонистани маънои калимаҳо, таркибҳо ва гоҳо воҳидҳои фразеологӣ наметавонанд, ки ба саволу масъалаҳои гузошташуда ҷавоби дуруст диҳанд.

**Услуби баён.** Ба воситаи саволу масъалаҳое, ки ба ин бахш дахл доранд, дониши довталабон доир ба услубҳои нутқ ва малакаю маҳорати онҳо дар муайян намудани услуби баёни матн санҷида мешавад.

Дар ҳамаи саволу масъалаҳои ин бахш ба довталабон супориш дода шудааст, ки матнро хонда, услуби баёни онро муайян намоянд. Матнҳо, чунонки гуфтем, аз асарҳои бадеӣ ва ё публитсистии Садриддин Айнӣ, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода ва Фазлиддин Муҳаммадиев гирифта шудаанд.

Аз натиҷаи таҳлилҳо бармеояд, ки дониши довталабон дар ин бахши забон қонеъкунанда ва бо истилоҳи тестшиносӣ дар дараҷаи миёна аст. Чунонки дар расми 25 нишон додем, аз имтиҳони соли 2016 то имтиҳони соли 2019 нишондиҳандаи ин бахш афзудааст: мутаносибан аз 42,38% то ба 61,47% расидааст. Ин гуна нишондиҳандаҳо барои интихоби довталабони болаёқат дар имтиҳонҳое баландарзише чун ИМД, нишондиҳандаҳои қобили қабул ва мувофиқ ба ҳисоб меравcovered.

Таҳлили натиҷаҳо, аз ҷумла хатти каҷи як саволу масъалаи тести ин бахш аз имтиҳони соли 2018-ум (расми 35) нишон медиҳад, ки ҳиссаи бештари довталабон, аз онҳое, ки дониши кам доранд, то довталабони муваффақ – мутаносибан 38%, 54%, 62%, 73% ва 86%, метавонанд аз рӯйи матн муайян намоянд, ки он дар кадом услуби баён (расмӣ, илмӣ, бадеӣ, рӯзноманигорӣ ва гуфтугӯӣ) навишта шудааст.




| | 5-ум | 4-ум | 3-юм | 2-юм | 1-ум |
|---|---|---|---|---|---|
| A | 0,38 | 0,54 | 0,62 | 0,73 | 0,86 |
| B | 0,15 | 0,12 | 0,09 | 0,07 | 0,03 |
| C | 0,31 | 0,25 | 0,19 | 0,14 | 0,06 |
| D | 0,12 | 0,08 | 0,09 | 0,06 | 0,04 |
| Дигар | 0,05 | 0,01 | 0,01 | 0,00 | 0,00 |

**Расми 35. Хатти каҷи саволу масъала**

**Морфология.** Саволу масъалаҳое, ки дар доираи ин бахш таҳияи гардидаанд, аз рӯйи матритсаи тест асосан барои санҷиши дониши довталабон оид ба ҳиссаҳои нутқ пешбинӣ шудаанд: шинохтану муайян кардани ҳиссаҳои мустақил ва номустақил (ёридиҳанда)-и нутқ ва мавриди истифодаи онҳо дар матни додашуда.

Чунонки аз маълумоти расми 28 бармеояд, дараҷаи душвории саволу

масъалаҳои бахши морфология дар имтиҳонҳои солҳои 2016, 2017, 2018 ва 2019 ба ҳисоби миёна мутаносибан ба 32,71%, 42,42%, 38,80% ва 40,75% баробар аст. Яъне қисми бештари довталабон ба саволу масъалаҳои ин бахш дуруст ҷавоб надодаанд ва дар ҷадвали тақсимот дар ҳудуди ≤50% қарор доранд.

Аз натиҷаи таҳлилҳо бармеояд, ки на ҳамаи довталабон доир ба ҳиссаҳои нутқ дониши хуб доранд. Онҳо на ҳамеша ҳиссаҳои нутқро дар матн шинохта ва муайян карда метавонанд. Барои исботи ин гуфтаҳо натиҷаи чанд саволу масъаларо аз назар мегузаронем.

Дар варианти 1-уми китобчаи тест дар ИМД-и соли 2018 савол аз рӯйи матн ин тавр пешниҳод шудааст [51, с. 3]:

**Исмҳои мураккаб дар кадом қатор ҷойгир шудаанд?**

**A)** саркаш, сӯхторкуш **C)** аспбоз, дорбоз

**B)** соҳибтаҷриба, чароғпояшуда **D)** бебокона, далерона

Барои ин ки ба дониши довталабон аз рӯйи ин савол дуруст баҳо дода тавонем, калимаҳоро дар матн аз назар мегузаронем. Калимаҳои *саркаш, сӯхторкуш, соҳибтаҷриба, чароғпояшуда, аспбоз, дорбоз, бебокона* ва *далерона* дар матн дар ибораҳои *“Аспи саркаши чароғпояшуда*”, *“Узви дастаи сӯхторкуш”* ва ҷумлаҳои *“Шикорчӣ ба пешвози шеру бабру филу хирс далерона меравад.”, “Аспбози соҳибтаҷриба бебокона рафта...”* ва *“... дорбозон бори нахустин ваҳм мекашанд”* [51, с. 3] дода шудаанд.

Дуруст аст, ки дар ин ибора ва ҷумлаҳо калимаҳои мураккаби *саркаш, сӯхторкуш, соҳибтаҷриба* ва *чароғпояшуда* сифат ва сифати феълӣ, калимаҳои сохтаи *бебокона* ва *далерона* зарф ва танҳо *аспбоз* ва *дорбоз* исми мураккабанд.

Акнун натиҷаи ҷавобҳои довталабонро аз назар мегузаронем. Он гуна ки аз маълумоти омории савол бармеояд, 0,98%-и довталабон (аз 4 898 нафар) ба савол ҷавоб надодаанд. 10,27% варианти **A**, 54,19% варинати **B** ва 9,70% варинати **D**-ро ҳамчун ҷавоби дуруст интихоб намудаанд. Ҳиссаи

онҳое, ки варинати **C** (ҷавоби дуруст)-ро интихоб кардаанд, 24,87%-ро ташкил медиҳад.

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки ҳамагӣ 24,87%-и довталабони ин гурӯҳ исмро аз рӯйи сохт ва таркиби морфологиаш муайян карда метавонанд. Аммо ҳиссаи бештарашон (75,13%) ҳам доир ба мавзуи исм ва ҳам сифату сифати феълӣ ва зарф дониши кофӣ надоранд.

Дар варинати дигари саволномаи тест [52, с. 3] ҳам, ки шарти масъала муайян намудани исмҳои мураккаб аст, ҳамагӣ 34,52%-и довталабон (аз 4 910 нафар) ҷавоби дуруст додаанд: калимаҳои *Алихон* ва *қозизода* исми мураккабанд. Вале 43,22%-и довталабон калимаҳои *ғамолудона* ва *тааҷҷубкунон*ро ҳамчун ҷавоби дуруст интихоб намудаанд, ки ин нигаронкунанда аст. Албатта, ин гуна ҷавобҳо гувоҳи онанд, ки ин гурӯҳи довталабон на танҳо исмҳои мураккаб, инчунин сифати мураккаб, сифати феълӣ ва феъли ҳолро низ аз ҳам фарқ карда наметавонанд.

Дар китобчаи тести имтиҳони соли 2019 [54, с. 3] дар асоси матн аз «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ савол барои муайян намудани сифати мураккаб пешниҳод гардидааст, ки вариантҳои ҷавобҳо ин тавранд:

**A)** гарданшах, кӯрсавод　　**C)** Икромхоҷа, Сайидакбар

**B)** кандакорӣ, ҳунаромӯзӣ　　**D)** кандашуданӣ, нишондод

Дуруст аст, ки дар ин ҷо ҳамаи калимаҳо аз рӯйи сохт мураккабанд. Аз рӯйи хусусияти морфологиашон калимаҳои *гарданшах* ва *кӯрсавод* – сифат (дар матн сифатҳои Сайидакбар), *кандакорӣ* ва *ҳунаромӯзӣ* – исм (дар ҷумлаҳои ... *ба кандакорӣ оид буданд, ... ба ҳунаромӯзӣ майл накард*), *Икромхоҷа* ва *Сайидакбар* – исми хос, *кандашуданӣ* – сифати феълии замони оянда (дар ибораи *ҷоҳои кандашуданӣ*) ва *нишондод* исм (дар ибораи *нишондодҳои падараш*) ҳастанд. Пас, ҷавоби дуруст, варианти **A** (***гарданшах, кӯрсавод***) аст. Аммо натиҷа нишон медиҳад, ки ҳамагӣ 37,92%-и довталабон (аз 5 656 нафар) ба савол дуруст ҷавоб додаанд. 33, 35% варианти **B**, 13,24% варианти **C** ва 14,41% варианти **D**-ро ҷавоби дуруст интихоб намудаанд.

1,08%-и довталабон ба савол ҷавоб надодаанд.

Дар як варианти китобчаи тест дар ИМД-и соли 2017 матн аз қиссаи “Одина”-и Садриддин Айнӣ пешниҳод гардидааст. Аз рӯйи як ҷумлаи матн (***Агарчи дар айёми тобистон, дар моҳҳои Ҷавзо ва Саратон, ғайр аз аввали пагоҳ дигар вақт дар офтобрӯя нишастан мумкин набуд...***) чунин савол дода шудааст [49, с. 3]:

**Зарфҳо дар кадом банд оварда шудаанд?**

**A)** бечора, гарм, дохунда **C)** дарида, дароз кашида, ёзида

**B)** тобистон, пагоҳ, офтобрӯя **D)** агарчи, аммо, бинобар ин

Тавре ки аз маълумоти оморӣ бармеояд (ҷадвали 24), аз 5 929 нафар довталаб ба ин савол ҳамагӣ 27,53% дуруст ҷавоб додаанд (варианти **B**-ро интихоб кардаанд). 15,25%-и довталабон варианти **A**, 25,11% варианти **C** ва 30,39% варианти **D**-ро ҳамчун ҷавоби дуруст интихоб кардаанд. 1,72% ба савол ҷавоб надодаанд.

**Ҷадвали 24.**

**Маълумоти омории савол**

| Варианти ҷавоб | Хол | Нафар | Ҳисса |
|---|---|---|---|
| A | 0 | 904 | 15,25% |
| B | 1 | 1 632 | 27,53% |
| C | 0 | 1 489 | 25,13% |
| D | 0 | 1 802 | 30,39% |
| ? | 0 | 102 | 1,72% |

Аз рӯйи ин натиҷаҳо низ хулоса ҳамон аст, ки гуфтем: қисми бештари довталабон аз бахши морфология доир ба мавзуи зарф, пайвандак, пешоянд ва пасоянд маълумоти кофӣ надоранд. Ҳатто 30,39%-и довталабони ин гурӯҳ ҷавоб додаанд, ки агарчи, аммо, бинобар ин зарф аст.

Ин ки довталабон доир ба зарф (ҳамчун ҳиссаи нутқ) дониши хуб надоранд, аз рӯйи саволи дигар ҳам маълум мешавад. Аз дохили матн (аз «Палатаи кунҷакӣ»-и Ф. Муҳаммадиев) чанд калима интихоб ва пурсида

шудааст, ки кадом калимаҳо зарфанд [51, с. 3]. Ба ин савол 1,45%-и довталабон умуман ҷавоб надодаанд, 26,55% варианти A (*савор шуда, дида, фишурда*), 19,18% варианти B (*резинӣ, франсавӣ, бекарон*) ва 13,46% варианти D (*дучоршуда, сайдкарда*)-ро ҳамчун ҷавоби дуруст интихоб намудаанд, ки ғалат аст. Ҳамагӣ 39,36%-и довталабон (аз 5 928 нафар) ба ин савол дуруст ҷавоб (варианти C – *яккаву танҳо, дидаву донистa*) додаанд (ҷадвали 25), ки ин нишондиҳанда қонеъкунанда нест.

**Ҷадвали 25.**

**Маълумоти омории савол**

| **Варианти ҷавоб** | **Хол** | **Нафар** | **Ҳисса** |
|---|---|---|---|
| A | 0 | 1 574 | 26,55% |
| B | 0 | 1 137 | 19,18% |
| C | 1 | 2 333 | 39,36% |
| D | 0 | 798 | 13,46% |
| ? | 0 | 86 | 1,45% |

Дар саволи дигар пурсида мешавад, **«Дар ҷумлаи «*Одинаи бечора, ки ду сол боз ба ин касалӣ мубтало аст...*» *боз* чӣ гуна калима аст?»** [49, с. 3] 20,73%-и довталабон ҷавоб додаанд, ки пешоянд ва 33,83% гуфтаанд, ки пайвандак аст. 29,82% ҷавоб додаанд, ки *боз* зарф аст. 1,42%-и довталабон ба савол умуман ҷавоб надодаанд. Ҳамагӣ 14,20% ба савол ҷавоби дуруст додаанд: *боз* пасоянд аст (ҷадвали 26).

**Ҷадвали 26.**

**Маълумоти омории савол**

| **Варианти ҷавоб** | **Хол** | **Нафар** | **Ҳисса** |
|---|---|---|---|
| A | 0 | 1 229 | 20,73% |
| B | 0 | 2 006 | 33,83% |
| C | 0 | 1 768 | 29,82% |
| D | 1 | 842 | 14,20% |
| ? | 0 | 84 | 1,42% |

Аз рӯйи маълумоти омории савол бармеояд, аз 5 929 нафар довталаб, ки ҳамин варианти саволномаи тестро кор кардаанд, 85,40%-ашон намедонанд, ки боз пасоянди номист. Ҳол он ки доир ба ин мавзуъ (пасояндҳои номӣ ё калимаҳои пасояндӣ) дар китобҳои дарсии «Забони тоҷикӣ» [12; 14; 111] бо овардани мисолҳои мушаххас маълумот дода шудааст.

Он гуна ки дар расми 28 оварда шуд, ҳиссаи довталабоне, ки ба саволу масъалаҳои бахши морфология дуруст ҷавоб додаанд, дар ИМД-и соли 2016-ум 32,71%, соли 2017-ум 42,42%, соли 2018-ум 38,80% ва соли 2019-ум 40,75%-ро ташкил додааст. Ин ки ҳиссаи бештари довталабон доир ба шакл ва сохти калимаҳо маълумоти кофӣ надоранд, аз рӯйи маънои луғавию хусусиятҳои грамматикиашон ба кадом ҳиссаи нутқ мансуб будани калимаҳоро муайян карда наметавонанд, боиси нигаронист. Рӯйи ин масъала андеша бояд кард.

**Синтаксис.** Дониш ва малакаю маҳорати довталабон дар доираи бахши синтаксис низ қонеъкунанда нест. Тавре ки дар расми 28 дида шуд, дараҷаи душвории саволу масъалаҳои бахши синтаксис дар имтиҳони соли 2016-ум ба ҳисоби миёна ба 27,92%, соли 2017-ум ба 34,05% соли 2018-ум ба 33,50%, ва соли 2019-ум ба 32,27% баробар аст. Ин нишондиҳандаҳо далели онанд, ки саволу масъалаҳои бахши синтаксис барои ин гурӯҳи довталабон душворанд.

Саволу масъалаҳои бахши синтаксис, асосан, барои муайян намудани дониш ва малакаю маҳорати довталабон доир ба роҳҳои алоқаи калимаҳо дар ибора, хелҳои ҷумлаҳои сода ва мураккаб, сарҷумла ва ҷумлаи пайрав, нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда ва таҳлили синтаксисии ҷумла пешбинӣ шуда буданд.

Аз таҳлили натиҷаҳои бадастовардаи довталабон бармеояд, ки дониш ва малакаю маҳорати довталабон аз рӯйи масъалаҳои зикршуда қаноатбахш нест. Махсусан дараҷаи дониши довталабон доир ба роҳҳои алоқаи калимаҳо дар ибора нигаронкунанда аст. Ҳол он ки ин мавзуъ дар синфи 8-ум ва 11-ум

ба хонандагон омӯзонида мешавад ва дар китобҳои дарсии «Забони тоҷикӣ» [13; 36] низ доир ба ин мавзуъ ба таври муфассал маълумот дода шудааст.

Натиҷаҳои бадастовардаи довталабонро аз рӯйи чанд саволу масъала аз назар мегузаронем.

Ба саволи **«Алоқаи наҳвии байни ҷузъҳои иборaҳои *ба фалокат дучор шудан* ва *аз тарсу ваҳм ҳалок шудан* чӣ гуна аст?»** [48, с. 4] аз 5 928 нафар довталаб ҳамагӣ 39,42% (2 337 нафар) ҷавоби дуруст додаанд, ки *вобастагии пешояндӣ*ст (ҷадвали 27). 30,11% (1 785 нафар) ҷавоб додаанд, ки *ҳамроҳӣ* аст, 14,98% (888 нафар) гуфтаанд, ки *вобастагии пасояндӣ* аст ва 13,97% (828 нафар) – *изофӣ*. 1,52% (90 нафар) ба савол ҷавоб надодаанд.

**Ҷадвали 27.**

**Маълумоти омории савол**

| Варианти ҷавоб | Хол | Нафар | Ҳисса |
|---|---|---|---|
| A | 0 | 1 785 | 30,11% |
| B | 0 | 888 | 14,98% |
| C | 1 | 2 337 | 39,42% |
| D | 0 | 828 | 13,97% |
| ? | 0 | 90 | 1,52% |

Ва ё ба саволи **«Кадом иборахо бо роҳи алоқаи ҳамроҳӣ таркиб ёфтаанд?»** дар як саволномаи тест [52, с. 4] 50,35%-и довталабон (аз 4 910 нафар) ҷавоб додаанд, ки ибораҳои “*аҳволи зиндагонии хонадони мо*” ва “*суҳбатҳои ғамолудонаи падару модарам*”. Ба ҳамин гуна савол дар варианти дигар [53, с. 4] аз 4 877 нафар довталаб 42,55% ба ибораҳои “*барфи баланд*” ва “*сармои сахт*” ҳамчун ҷавоби дуруст ишора кардаанд.

Ҷавоби довталабон ба саволи **«Ибораи *бар чанд нафар зафар ёфтан* бо кадом роҳи алоқаи синтаксисӣ (наҳвӣ) таркиб ёфтааст?»** [51, с. 4] низ чун натиҷаи ин ду саволи пештара аст. Аз 4 898 нафар довталаб 12,19%-ашон ҷавоб додаанд, ки ин ибора бо роҳи *вобастагии пасояндӣ* сохта шудааст. 16,19% ба *изофӣ* ва 41,43% ба *ҳамроҳӣ* ишора намудаанд. Ҳамагӣ 29,20%-и

довталабон ба ин савол дуруст ҷавоб додаанд: бо роҳи *вобастагии пешояндӣ*.

Аз рӯйи натиҷаи саволу масъалаҳои вобаста ба хелҳои ҷумлаи сода ва мураккаб низ маълум мешавад, ки дараҷаи дониши довталабон доир ба ин бахши забони тоҷикӣ қонеъкунанда нест. Масалан, ба саволи **«Вобаста ба иштироки сараъзоҳо ҷумлаи *“Бар қасди буздилон завраќи худро “Шаккок” ном дода буд”.* ба кадом гурӯҳ дохил мешавад?»** [48, с. 4] аз 5 928 нафар довталаб ҳамагӣ 1 506 нафар (25,40%), ба саволи **«Вобаста ба иштироки сараъзоҳо ҷумлаи *“Шоҳмирзо Одинаро аз пагоҳ то бегоҳ дар он ҷо мехобонид”* ба кадом гурӯҳ дохил мешавад?»** [49, с. 4] аз 5 929 нафар довталаб ҳамагӣ 1 827 нафар (30,81%) ва ба саволи **«*”Заҳҳок чун шунид, ки мардумон аз Ҷамшед рӯй гардонидаанд...”* чӣ гуна ҷумла аст?»** [50, с. 4] аз 5 887 нафар довталаб ҳамагӣ 2 131 нафар (36,20%) дуруст ҷавоб додаанд. Вале ҳиссаи довталабоне, ки ба ин саволҳо ҷавоб нададаанд ва ё нодуруст ҷавоб додаанд мутаносибан 74,60%, 69,19% ва 63,80%-ро ташкил медиҳад.

Саволу масъалаҳо доир ба таҳлили синтаксисии ҷумла дар шакли муайян намудани мувофиқат дода шудаанд. Натиҷаи дастоварди довталабонро аз рӯйи се саволу масъалаи ин шакл дида мебароем.

Дар расмҳои 36, 37 ва 38 мутаносибан чандомад ва ҳиссаи довталабон аз рӯйи холи бадастовардаашон вобаста ба муайян кардани аъзои ҷумлаҳои **«Ин чаҳ-чаҳи форами чаковак дар айёми зимистон аз нағмаи булбули баҳорӣ ҳам форамтар ба гӯш мерасад.»** [45, с. 5; 46, с. 5; 47, с. 5], **«Мардум ҳайрон-ҳайрон ба ӯ менигаристанд.»** [50, с. 5] ва **«Шабе падарам ба сабаби тӯй хеле қарздор шудани худро ба модарам ҳикоя кард.»** [51, с. 5] дода шудааст.




**Расми 36. Чандомад ва ҳиссаи довталабон вобаста ба иҷрои саволу масъалаи тест**




**Расми 37. Чандомад ва ҳиссаи довталабон вобаста ба иҷрои саволу масъалаи тест**



**Расми 38. Чандомад ва ҳиссаи довталабон вобаста ба иҷрои саволу масъалаи тест**

Тавре ки пештар гуфта шуд, ба ҷавоби дуруст ва пурраи довталаб ба шакли саволу масъала барои муайян намудани мувофиқат 4 хол дода мешавад. Аз натиҷаҳо бармеояд, ки аз рӯйи ҷумлаи якум (расми 36) ҳамагӣ 6,20% (аз 10 951 нафар), аз рӯйи ҷумлаи дуюм (расми 37) 5,44% (аз 5 887 нафар) ва аз рӯйи ҷумлаи сеюм (расми 38) 12,37%-и довталабон тавонистаанд ба ҳар чор унсури саволу масъала (A, B, C ва D) дуруст ҷавоб дода, соҳиби 4 хол шаванд. Аммо натиҷаи бадастовардаи ҳиссаи бештари довталабон сифр (0) ё 1-2 хол аст, ки натиҷаи қаноатбахш нест.

Барои равшантар шудани масъала натиҷаи бадастовардаи довталабонро аз рӯйи ҷумлаи дуюм дида мебароем. Масъала ин тавр пешниҳод шудааст [50, с. 5]:

**Аъзои ҷумлаи зеринро муайян намоед:**

***Мардум ҳайрон-ҳайрон ба ӯ менигаристанд. (С. Улуғзода)***

**A)** ба ӯ

**B)** менигаристанд

**C)** ҳайрон-ҳайрон

**D)** Мардум

**1)** муайянкунанда

**2)** хабар

**3)** ҳол

**4)** пуркунанда

**5)** мубтадо

Ба ҳар унсури ин масъала чӣ гуна ҷавоб додани довталабон дар ҷадвали 28 дода шудааст.

**Ҷадвали 28. Тақсимоти довталабон аз рӯйи ҷавоб ба ҳар унсури масъала**

| | **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | **Ҷавоб надодаанд** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **A** | 31,85% | 20,25% | 11,67% | 24,70% | 9,65% | 1,89% |
| **B** | 15,66% | 53,69% | 11,84% | 11,19% | 5,81% | 1,80% |
| **C** | 21,22% | 8,17% | 37,32% | 24,49% | 6,78% | 2,02% |
| **D** | 17,31% | 9,29% | 6,40% | 11,60% | 53,46% | 1,94% |

Чунонки аз маълумоти ин ҷадвал бамеояд, хабар (**B = 2**) ва мубтадо (**D = 5**)-и ҷумларо ҳиссаи бештари довталабон муайян карда тавонистаанд: мутаносибан 53,69% ва 53,46%, ки ин, албатта, натиҷаи қонеъкунанда аст. Аммо натиҷаи ҷавоб аз рӯйи пуркунанда (*ба ӯ*) ва ҳол (*ҳайрон-ҳайрон*)-ро наметавон қонеъкунанда ҳисобид, зеро ҳиссаи довталабоне, ки пуркунанда ва ҳолро дуруст муайян намудаанд, мутаносибан 24,70% ва 37,32%-ро ташкил медиҳад. Ҳатто мебинем, ки 31,85%-и довталабон "*ба ӯ*"-ро муайянкунанда ва 20,25% хабар гирифтаанд. Ба ҳамин монанд 21,22%-и довталабон "*ҳайрон-ҳайрон*"-ро муайянкунанда ва 24,49% пуркунанда донистаанд.

Чунин натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки дараҷаи дониши ҳиссаи бештари довталабон аз боби синтаксис ба талабот ҷавобгӯй нест. Онҳо доир ба роҳҳои алоқаи калимаҳо дар ибора, хелҳои ҷумлаҳои сода ва мураккаб маълумоти кофӣ надоранд, дар ҷумла ба вазифаи кадом аъзои он омадани калимаҳоро (таҳлили синтаксисӣ) муайян карда наметавонанд.

Вобаста ба ин натиҷаҳо зикри як нуктаро зарур медонем, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар то ҳол асосан низоми таълими анъанавии ба дониш асосёфта ҷорист. Дар ин низоми таълим, аз ҷумла дар дарсҳои забони тоҷикӣ «асосан ба хонандагон қоидаҳо таълим дода мешавад, то ки ба онҳо такя карда хонандагон воҳидҳои забониро дуруст истифода баранд. Китобҳои дарсӣ маъмулан аз рӯйи ҳамин принсип сохта шудаанд. Қоида оварда мешавад, сипас, силсилаи машқҳо аз рӯйи мавзуъ пешниҳод мешаванд. Омӯзгор мавзуи навро оғоз мекунад. Қоидаро ба хонандагон мегӯяд, онро шарҳ медиҳад, сипас, аз онҳо талаб мекунад, ки силсилаи машқҳоеро, ки дар китоби дарсӣ оварда шудаанд, иҷро намоянд» [75, с. 7-8]. Алабатта, ба навиштаи С. Шербоев «Омӯхтани таърифу қоидаҳо яке аз усулҳои ташаккулёбии донишҳои забоншиносӣ дар хонандагон маҳсуб меёбад» [108, с. 219]. Ин дуруст аст, вале чунин тарзи таълим, ки хоси таълими анъанавии ба дониш асосёфта аст, ба ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ, мустақилӣ, фаъолии хонандагон таъсири кам мерасонад, зеро ба ақидаи

психологи амрикоӣ Р. Аткинсон, ки Қ. Мухторӣ, Ф. Мирзоёров овардаанд, «диққати асосӣ ба инкишофи хотир равона мешавад, на ба инкишофи тафаккур» [75, с. 9].

Асбаски чунин усули таълим имрӯз хоси аксари муассисаҳои таълимист ва барномаҳои таълиму китобҳои дарсӣ низ мувофиқи ҳамин низом сохта шудаанд, саволу масъалаҳои тест барои ИМД ҳам дар асоси ҳамин барномаҳои таълим ва китобҳои дарсӣ таҳия гардидаанд.

Тавре ки дида шуд, бештари саволу масъалаҳои тест аз фанни забони тоҷикӣ барои санҷиши дониш таҳия шудаанд: оё довталабон имлои ҳарфи ***ӣ*** ва маридҳои истифодаи онро медонанд, аз матн (ҷумла) калимаҳои ифодакунандаи исм, сифат, зарф ва ғайраро муайян карда метавонанд, калимаҳоро аз рӯйи хусусияташон (ҳиссаи нутқ) ба гурӯҳҳо ҷудо карда метавонад, навъҳои алоқаи калимаҳо дар ибора ва хелҳои ҷумлаҳои сода ва мураккабро медонанд, ҷумлаи содаро аз ҷумлаи мураккаб фарқ мекунад ва монанди инҳо. Вале саволу масъалаҳое, ки барои санҷиши салоҳиятҳои забонии довталабон таҳия шудаанд, камтаранд. Барои санҷиши салоҳиятҳои забонии довталабон таҳия намудани қисми бештари саволу масъалаҳои тест он вақт имкон дорад, ки муассисаҳои таҳсилоти умумӣ пурра ба шакли нави фаъолият – муносибати босалоҳият ба таълим (ва ё чунонки мегӯянд: низоми таълими салоҳиятнокӣ) рӯй оваранд ва барномаи таълиму китобҳои дарсӣ низ бо дар назар гирфифтани ин шакли фаъолият тартиб дода шаванд.

Гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим ҳам дар «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» [5] ва ҳам дар «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [6] низ пешбинӣ гардидааст. Яке аз вазифаҳои муҳим дар татбиқи самтҳои асосии ин санадҳо **«навсозии мазмуни таҳсилоти умумӣ дар асоси гузариш аз модели донишандӯзӣ ба модели салоҳиятнокии таълими ба инҳо нигаронидашуда»** ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба ин мураттибони модули «Низоми таълими салоҳиятнокӣ»

дуруст қайд кардаанд, ки дар ин гуна низом «**Диққати асосӣ** на танҳо ба мазмуни таълим (чиро омӯзонем?), балки **ба раванди таълим** (чӣ тавр меомӯзем?) равона мегардад. Ин принсип дар низоми таълими салоҳиятнокӣ муносибати асосӣ ба таълим маҳсуб меёбад. Барои қонеъ намудани принсипи мазкур дар ҳар лаҳзаи раванди таълим ба хонандагон имконияти таҳлилу баррасӣ ва арзёбии чараёни азхудкунии малака фароҳам оварда мешавад» [79, с. 16].

Дигар аз нуктаи муҳим дар ин шакли фаъолият ё низом арзёбии ҳамешагии фаъолияти хонандагон, бахусус арзёбии ба ташаккули хонанда равонашуда аст, ки «барои беҳбудии таълим ва баландшавии маърифати хонанда ... ёрии калон мерасонад. Он имкон медиҳад, ки дастоварди талабагон таҳти назорат бошад. Арзёбии ташаккулдиҳанда аз методҳои баҳодиҳии мавчуда фарқ мекунад. Пеш аз ҳама, дар ин низом омӯзгор имконияти бо талаба ба таври инфиродӣ кор карданро дорад. Омӯзгор метавонад дар асоси чунин арзёбӣ дониши азхудкардаи талабагонро ташхис кунад, дар давраи аввал ёрӣ расонад ва раванди таълимро дуруст ба роҳ монад. Хонанда дар ин маврид масъулияти худро барои таҳсил бештар ҳис мекунад» [77, с. 6-13; 198].

Доир ба муносибати босалоҳият ба таълим, методҳои таълими забони тоҷикӣ ва роҳҳои баланд бардоштани дараҷаи дониш ва малакаю маҳоратҳои хонандагону донишҷӯён аз тарафи мутахассисони соҳа асарҳои илмӣ, дастурҳо ва мақолаҳои методии зиёде навишта шудаанд [18; 144; 70; 75; 77; 78; 79; 80; 97; 100; 160; 162; 164; 104; 105; 106; 107; 108; 110; 166], ки имрӯз ба омӯзгорон дастрас ҳастанд.

Вале таъкид кардани ҳамин нуктаро зарур медонем, ки бо гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим дар дарсҳои забони тоҷикӣ низ диққати асосӣ ба ташаккули малакаҳои амалӣ (ҳаётӣ, воқеӣ, вазифавӣ)-и хонанда равона карда мешавад. Донишманди соҳа А. Байзоев дуруст зикр кардааст, ки «таълими забон, пеш аз ҳама, на аз он иборат бошад, ки ба хотираи шогирд

ҳама мафҳуму ибораҳои лозиму нолозимро ҷой кунем, балки маврид ва шаклу усулҳои истифода аз онро ёд диҳем» [18, с. 48]. Ин талабот ба рушди қобилият (салоҳият)-ҳои хонанда дар истифодаи дониши андӯхтааш аст, чунки «Салоҳиятҳои забонӣ дар хонанда инкишоф дода шудани қобилият ва маҳорати корбасти дуруст ва бамавқеи воҳидҳои забониро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ дар назар дорад. Дар ташаккули салоҳиятҳои забонӣ донистани қоидаҳои сохтори забон дар зинаи аввал намеистад, қоида аз таҷрибаи хонанда бароварда мешавад. Бинобар ин, муаллим ҳангоми таълими грамматикаи забон, сохтори овозӣ ва луғавии забон ба хонандагон қоидаҳои тайёрро намедиҳад, балки қоида аз иҷрои машқҳоро бароварда, сипас бо китоби дарсӣ муқоиса карда мешавад» [75, с. 21].

### 3.3 Арзёбии дониш ва малакаю маҳоратҳои довталабон аз фанни адабиёти тоҷик

Адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз синфи 5-ум сар карда то синфи 11-ум таълим дода мешавад. Мувофиқи барномаи таълим [21] дар синфҳои 5-7 хониши бадеӣ (намунаи эҷодиёти адибони классик ва муосир, инчунин маълумот дар бораи жанрҳои адабиёти шифоҳӣ ва мафҳумҳои адабӣ) ва дар синфҳои 8-11 таърихи адабиёт ва ё ба навиштаи А. Сатторзода [92, с. 4] «давраҳои инкишофи адабиёт (адабиёти давраи қадим, асрҳои миёна, давраи нав ва замони муосир (ҳаёти адабӣ дар ин давраҳо, зиндагинома ва эҷодиёти адибони машҳури классик, давраи нав ва муосир, истилоҳоти илми бадеъ – вазну қофия, санъатҳои лафзию маъавӣ ва анвои адабӣ)» омӯзонида мешавад. Вобаста ба ин дар матритсаи тест мундариҷаи фан барои арзёбии дониш ва малакаю маҳорати довталабон аз рӯйи бахшҳои *фолклор, ҳаёти адабӣ, мафҳумҳои адабӣ*, *адабиёти классикӣ ва давраи нав* ба назар гирифта шуд.

Тавре ки пештар гуфтем, саволу масъалаҳои тест танҳо дар доираи мавзуъҳое таҳия мегарданд, ки дар матритса дода шудаанд. Ин саволу

масъалаҳо дар маҷмуъ воситаи санҷиш (арзёбӣ)-и дастовардҳо (дониш ва малакаю маҳорат) ба ҳисоб меравconfigurand. Саволу масъалаҳои тест барои арзёбии дониш ва малакаю маҳорати адабии довталабон аз рӯйи бахшҳои зикршуда дар асоси талаботе, ки дар барномаи имтиҳон [186] пешбинӣ шудааст, таҳия гардидаанд. Дар асоси ин талабот довталабон дар баробари аз худ кардани мавзуъҳои пешбинишуда (донистан) бояд дорои малакаю маҳоратҳои зарурӣ (тавонистан) низ бошанд. Чунин малакаю маҳоратҳои адабиро довталабон бояд дар натиҷаи аз худ кардани ин ё он мавзуи барномаи таълим нишон диҳанд [186, с. 3]:

– муайян кардани мавзуъ ва ғояи (идеяи) асарҳои эпикӣ, лирикӣ ва драмавӣ;

– муайян кардани навъ, жанр, сюжет ва композитсияи асари адабӣ;

– таҳлили асари адабӣ, тафсиру тавзеҳи матнҳои адабӣ;

– ошкор намудани иртиботи байни ҳодисаҳои таърихию адабӣ;

– таҳлили симоҳои асарҳои адабӣ, баҳо додан ба симоҳои мусбату манфӣ ва муқоиса кардани онҳо;

– муайян кардани аҳаммияти бадеию ахлоқӣ, илмию таърихии асарҳои адабӣ ва илмӣ;

– тавзеҳи эҷодӣ ва интиқодии матнҳои адабӣ;

– шарҳ додани робитаи байни ҷаҳонбинӣ ва эҷодиёти адибон, навовариҳои адибони ҷудогона;

– муайян кардани вазну қофияи шеър (дар мисоли мушаххас) ва санъатҳои лафзию маънавӣ ва ғ..

Вақте натиҷаҳои бадастовардаи довталабонро аз фанни адабиёти тоҷик аз рӯйи саволу масъалаҳои тести ИМД-и солҳои 2016-2019 таҳлил менамоем, ҳамон натиҷаро мебинем, ки аз таҳлили натиҷаҳои бадастовардаи довталабон аз фанни забони тоҷикӣ ба назар расид.

Ҷавобҳои довталабон ба саволу масъалаҳои тест аз **адабиёти тоҷик** низ чун забони тоҷикӣ на он қадар қонеъкунандаанд. Чунонки дар расми 23 дида

шуд, дараҷаи дониш ва малакаю маҳорати довталабон аз рӯйи бобҳо ва мавзуъҳои адабиёти тоҷик (бахшҳои сеюм ва чоруми матритса) аз 50% камтар аст.

Аз таҳлили натиҷаҳо бармеояд, ки довталабон доир ба **навъи асарҳои халқӣ, хусусиятҳои санъатҳои бадеӣ, жанрҳои адабӣ, зиндагӣ ва осори адибони классик ва муосир** маълумоти кофӣ надоранд. Масалан, аз 5 929 нафар довталаб дар имтиҳони соли 2017-ум ҳамагӣ 38,93% дуруст ҷавоб додаанд, ки тарзи баёни **«Шунидаам, ки ду гунҷишк бар шохи дарахте ошёна ниҳода ва аз матои дунё ба обу дона қаноат карда буданд.»** [49] хоси насри ривоятист. Аммо 61,07%-и довталабон ба ин савол ё нодуруст ҷавоб додаанд ва ё умуман ҷавоб надодаанд. Аз ин гурӯҳ 34,0% гуфтаанд, ки чунин тарзи баён хоси афсона аст.

Вале натиҷаи ҳамин савол дар имтиҳони соли 2018-ум [53], ки такроран дода шуда буд*, нисбатан хубтар аст. Аз 4 877 нафар довталаб ҳиссаи онҳое, ки ба савол дуруст ҷавоб додаанд 47,61% ва ҳиссаи онҳое, ки нодуруст ҷавоб додаанд ва ё умуман ҷавоб надодаанд 52,39%-ро ташкил медиҳад.

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки довталабон аз «Маҷмуаи саволу масъалаҳои тест аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик (қисми Б)» [14-М], ки аз тарафи ММТНПҶТ ройгон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ дастрас гардида ва низ нусхаи электронии он дар сомонаи расмии ММТНПҶТ (www.ntc.tj) гузошта шуда буд, барои омодагӣ ба имтиҳон босамар истифода кардаанд.

Дар муқоиса натиҷа аз саволи дигар дар ҳамин мавзуъ низ қонеъкунанда аст. Ба саволи **«Кадом навъи асарҳои халқӣ бо калимаю ибораҳои *“Овардаанд”, “Нақл мекунанд, ки”, “Муаллифи ахбору***

---

* Ҳар сол дар саволномаҳои тести ИМД аз 30% то 40%-и саволу масъалаҳои дар солҳои гузашта истифодагардида, ки дараҷаи душворӣ ва неруи фарқгузориашон мувофиқи талабот аст, такроран дода мешаванд.

***гузорандаи асрор чунин мегӯяд”* ва монандаи инҳо оғоз мешавад?**» [50, с. 4] 52%-и довталабон дуруст ҷавоб додаанд, ки насри ривоятӣ аст.

Аз муқоисаи натиҷаи ин ду савол метавон ба чунин натиҷа расид, ки ҷавоби довталабон ба саволи якум дар имтиҳони соли 2017-ум тахминист. Чунки довталабон бештар ба ҷумлаи ***“... ду гунҷишк бар шохи дарахте ошёна ниҳода ва аз матои дунё ба обу дона қаноат карда буданд.”*** диққат додаанд, на ба таркиби ***“Шунидаам, ки”***. Инчунин тахминӣ будани ҷавобҳои довталабон аз рӯйи маълумоти омории савол низ (ҷадвали 29) маълум мешавад: довталабон дар байни вариантҳои ҷавобҳои A ва D, B ва C қариб баробар тақсим шудаанд, ки ин нишонаи тахминӣ будани ҷавоби онҳост.

**Ҷадвали 29.**

**Маълумоти омории савол**

| **Варианти ҷавоб** | **Хол** | **Нафар** | **Ҳисса** |
|---|---|---|---|
| A | 0 | 803 | 13,54% |
| B | 1 | 2 308 | 38,93% |
| C | 0 | 2 016 | 34,00% |
| D | 0 | 723 | 12,19% |
| ? | 0 | 79 | 1,33% |

Дар ҳамаи вариантҳои саволномаҳо, аз рӯйи матритсаи тест, яксаволӣ доир ба санъатҳои бадеӣ дода шудааст. Саволҳо, асосан, барои санҷиши малакаю маҳорати довталабон оид ба муайян намудани санъатҳои бадеӣ дар байтҳо ва порчаҳои насрӣ пешинӣ гардидаанд. Чунки мувофиқи барномаи таълим ҳам дар дарсҳои забони тоҷикӣ ва ҳам дар дарсҳои адабиёти тоҷик (ҷадвалҳои 5-7) барои омӯзиши санъатҳои бадеӣ ва мафҳумҳои адабӣ якчанд соат ҷудо шудааст. «Дарёфтани корбурди санъатҳои бадеӣ, тасвироти шоирона ё худ сувари хаёл дар шеър» [136] яке аз масъалаҳои муҳимми таълими адабиёт аст. Барои омӯзгор ва донишомӯзони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ донистани ин масъала ба навиштаи Ш. Исрофилниё ва М. Султонмамадова «барои шинохти шеър ва дарёфти маънии мақсуди шоир» [136] хеле муҳим аст. Зеро, менависанд онҳо, «Хаёлангезӣ, бино ба гуфтаи

суханшиносон, асл ва ҷавҳари шеър аст. Тахайюл пайвандест миёни табиат ва авотифу эҳсосоти шоир. Маҳз ҳамин сувари хаёл аст, ки ба шеър зебоӣ мебахшад ва ҳунари шоир низ дар тасвири шоирона таҷассум мегардад» [136].

Аз натиҷаҳои саволу масъалаҳое, ки барои муайян намудани санъатҳои бадеӣ дода шудаанд, бармеояд, қисми бештари довталабон доир ба санъатҳои бадеӣ маълумоти кофӣ надоранд, санъатҳои бадеиро дар байтҳо ва порчаҳои насрӣ муайян карда наметавонанд.

Аз ҷумла ба ин савол, ки дар байти Мирзо Турсунзода **«*Фурсати он аст, ки ин “меҳмон”, Тарк кунад кишвари Ҳиндустон”* кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?»** [48, с. 4], аз 5 928 нафар довталаб ҳамагӣ 35,43% дуруст ҷавоб додаанд – санъати киноя. Аз 64,57%-и дигар, ки нодуруст ҷавоб додаанд, 35,34% гуфтаанд, ки ин санъати ташбеҳ аст.

Бояд гуфт, ки киноя будани калимаи “меҳмон” (ишора ба истеъморгарони англис) дар ин байти Мирзо Турсунзода, дар китоби дарсии «Адабиёти тоҷик» барои синфи 7 [95, с. 117] дар шарҳи санъати маънавии “киноя” оварда шудааст. Бо вуҷуди ин ҳиссаи бештари довталабон натавонистаанд ба ин савол ҷавоб диҳанд.

Ба ҳамин монанд ба саволи «Дар ҷумлаи ***“Бародар, ки дар банди хеш аст, на бародар, хеш аст.”*** кадом санъати бадеӣ истифода шудааст» [51, с. 4], аз 4 898 нафар довталаб, ҳамагӣ 10,27% дуруст ҷавоб додаанд, ки санъати таҷнис. Боз ҳам 57,13%-и довталабон гуфтаанд, ки ҷавоби дуруст санъати ташбеҳ, 14,58% гуфтаанд, санъати талмеҳ аст ва 17,23% санъати истиораро ҳамчун ҷавоби дуруст ишора намудаанд.

Муаллифонаи китоби дарсии «Адабиёти тоҷик» барои синфи 7 ҷое дар шарҳи санъати таҷнис навиштаанд, ки **«Шарти асосии ин санъат он аст, ки шоир ё нависанда дар осори худ калимаҳоеро ба кор мебарад, ки аз ҷиҳати шаклу талаффуз монанд ё яксонанд, аммо аз ҷиҳати маъно гуногун.**

**Мисол:**

**Тори зулфатро ҷудо машшота гар аз шона кард,**

**Дасти он машшота мебояд ҷудо аз шона кард.**

**Хусрав**

**Чӣ тавре ки мебинед, дар байти боло калимаи «шона» ба ду маъно омадааст. Дар мисраъи аввал «шона» ба маънои асбоби зинати мӯй, аммо дар мисраи дуюм ба маънои китф истифода шудааст. Дар илми забоншиносӣ таҷнисро омоним мегӯянд»** [95, с. 188].

Дар саволи боло ҳам ҷумлаи «***Бародар, ки дар банди хеш аст, на бародар, хеш аст.***» [51, с. 4] дар пайравӣ ба байти Хусрави Деҳлавӣ пешниҳод гардидааст: калимаи **“хеш”** таҷнис аст, дар мавриди аввал ба маънои **“худ”** ва дар мариди дуюм ба маънои **“хешу табор”** омадааст, ки мутаассифона довталабон натавонистаанд инро дарк кунанд. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки онҳо на танҳо дар бораи санъати таҷнис маълумоти кофӣ надорад, инчунин аз мавзуи калимаҳои омонимӣ (ҳамгунаҳо) дар забони тоҷикӣ дуруст баҳра набардоштаанд.

Ба саволҳо доир ба хусусияти санъати муболиға [49, с. 4]  ва санъати маҷоз [50, с. 4] мутаносибан 23,6% (аз 5 929 нафар) ва 29,5% (аз 5 887 нафар)-и довталабон дуруст ҷавоб додаанд.

Аммо натиҷаи нишондодаи довталабон аз рӯйи саволҳо доир ба санъатҳои бадеӣ дар имтиҳони соли 2016 нисбатан беҳтар аст. Масалан, аз 10 995 нафар довталаб 45,04% дуруст муайян намудаанд, ки дар байти зерин санъати ташбеҳ истифода шудааст [45, с. 4; 46, с. 4; 47, с. 4]:

***Сарвро монӣ, валекин сарвро рафтор нест,***

***Моҳро монӣ, валекин моҳро гуфтор нест.*** (Саъдии Шерозӣ)

Албатта чунин натиҷа дар муқоиса бо натиҷаҳои бадастовардаи довталабон аз рӯйи саволҳои дигар дар ҳамин мавзуъ қонеъкунанда аст. Вале боз ҳам натиҷаи умумиро наметавон қонеъкунанда номид, зеро ҳиссаи бештари довталабон доир ба санъатҳои бадеӣ маълумоти кофӣ надоранд, дар

матн кадом санъати бадеӣ истифода шудааст, муайян карда наметавонанд.

Дар муайян намудани жанри асарҳо низ натиҷаҳои бадастовардаи довталабонро наметавон қонеъкунанда номид.

Дар имтиҳони соли 2016 як масъала доир ба жанри асарҳои Сотим Улуғзода **«Саёҳати Бухоро бо ҳамроҳии Айнӣ», «Марги ҳофиз», «Ёрони боҳиммат» ва «Дар бораи баъзе масъалаҳои танқиди адабӣ ва адабиётшиносӣ дар республика»** пешниҳод шуда буд. Аз 5 928 нафар довталаб беш аз 60%-ашон жанри ин асарҳоро муайян карда натавонистаанд. Ҳол он ки ин масъала такрор аз имтиҳони соли 2015 аст ва мебоист ба он қисми бештари довталабон дуруст ҷавоб медоданд.

Ҳиссаи бештари довталабон на танҳо жанри асарҳои адибони классик ва муосир, инчунин жанри асарҳои халқиро низ муайян карда наметавонанд. Масалан, дар муайян намудани жанри «Синдбоднома», «Деҳқон ва кӯзаи зар», «Ғарибнома» ва «Хоҷа Ҳофиз ва хиштрез», ки дар синфҳои 5-7-ум таълим дода мешавад [68; 99; 95], аз 4 910 нафар довталаби дар имтиҳон иштироккнамуда ҳамагӣ 20,88%-шон пурра муваффақ гардидаанд.

Маълумоти оморӣ аз рӯйи ин масъала дар расми 39 дода шудааст. Бояд гуфт, ки ин масъала дар шакли муайян намудани мувофиқат пешниҳод гардидааст, ки бо пурра иҷро кардани он довталаб соҳиби 4 хол мегардад (ба ҳар ҷавоби дуруст 1 хол).




**Расми 39. Чандомад ва ҳиссаи довталабон вобаста ба иҷрои саволу масъалаи тест**

Тавре ки дар расми 39 дида мешавад, ҳамагӣ 1025 нафар (20,88%-и довталабон) ба ин масъала пурра ҷавоб дода, соҳиби 4 хол гардидаанд. 1 024 нафар (20,86%) 3 хол, 1 099 нафар (22,38%) 2 хол ва 1 221 нафар (24,87%) 1 хол гирифтанд. 541 нафар (11,02%) аз рӯйи ин масъала ягон хол нагирифтаанд.

Аз рӯйи ин натиҷаҳо метавон хулоса баровард, ки доираи мутолиаи қисми бештари довталабон маҳдуд аст, доир ба жанрҳои адабӣ маълумоти кофӣ надоранд.

Натиҷаи бадастовардаи довталабон аз рӯйи дигар саволу масъалаҳо низ нишон медиҳад, ки онҳо на танҳо китоби бадеӣ намехонанд, инчунин маълумоти дар китоби дарсӣ будаgetро низ дуруст аз худ накардаанд, ба маънои калимаю ибораҳо, байтҳо ва порчаҳои шеърӣ сарфаҳм намераванд. Масалан, аз 5 929 нафар довталаб ба саволи **«Кадом асари Садриддин Айнӣ бо тасвири романтикии зебое оғоз мешавад?»** [49, с. 4] 45,89%-ашон (2 721 нафар) ҷавоб додаанд, ки «Одина», 11,06% (656 нафар) ба «Ғуломон», 18,54% (1 099 нафар) ба «Марги судхӯр» ишора кардаанд. 1,5% (89 нафар) умуман ҷавоб надодаанд. Ҳамагӣ 23,01% (1 364 нафар) дуруст ҷавоб додаанд, ки асари «Дохунда» аст. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки бештари довталабон дар бораи асарҳои Устод Айнӣ, бахусус «Дохунда»-и ӯ, ки бо тасвири манзараҳои дилрабо ва мафтункунандаи Дараи Ниҳон оғоз мешавад, тасаввуроти дуруст надоранд.

Ба саволи дигаре ҳам, ки ба асари «Ёддоштҳо»-и Устод Айнӣ мансуб аст (**«Кадом байти Бедил ба аҳволи оншабаи Садриддини наврас: *шунидани хабари вафоти модар, эҳсоси танҳоӣ ва ҷудоӣ аз падару модар*, ки Устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» тасвир кардааст, мувофиқ буд?»** [50, с. 5]) 67,50%-и довталабон (3 974 нафар аз 5 887 нафар) нодуруст ҷавоб додаанд.

Устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» дар қисми «Вафоти падару модар дар вабои

умумӣ» порчаеро аз як ғазали Бедил оварда, навиштааст, ки «*... дар ин ҷо ба тарзи намуна нақл кардани се байти он ғазалро, ки ба аҳволи оншабаи худам хеле мувофиқ буд, муносиб дидам*» [68, с. 180]. Байти зерин аз он се байт аст:

**Рафиқи ваҳшати ман ғайри доғи дил намебошад,**

**Дар ин ғурбатсаро Хуршеди танҳогардро монам** [68, с. 180].

Танҳо 32,50%-и довталабон (1 913 нафар) ба ҳамин байт, ки ҷавоби дурусти савол аст, ишора кардаанд.

Ш.Р. Исрофилниё ва М. Султонмамадова дуруст навиштаанд, ки «Яке аз масъалаи муҳимме, ки дар таълими адабиёт дар мактаби миёна ва ҳамчунин дар факултаҳои суханшиносии донишкадаву донишгоҳҳо барои устодон пеш меояд, донистани, алалхусус, шеър аст. Агар муаллими адабиёт аз шеваи таҳлили каломи бадеъ огоҳ набошад наметавонад шогирдонашро ба дарки сухани адиб ҳидоят намояд ва дарсаш низ самараи хуб дода наметавонад» [136].

Вобаста ба ин сухан бояд гуфт, аз таълими нодурусти шеър ва таҳлили каломи бадеъ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аст, ки қисми бештари довталабони дар ИМД-и солҳои 2016-2019 иштироккнамуда, бинобар дуруст наомӯхтани шеваи таҳлилу тафсир ва шарҳи каломи бадеъ ва сарфаҳм нарафтан ба маънои байтҳо ба саволу масъалаҳои тести пешниҳодшуда ҷавоби дурустро интихоб карда наметавонанд. Ин аст, ки аз 5 929 нафар довталаби дар ИМД-и соли 2017-ум иштироккнамуда 71,12%-ашон натавонистаанд ҳаммаънои байти Абдураҳмони Ҷомӣ (*Сухан гарчи бошад чу оби зулол, Зи такрор хезад ғубори малол.*)-ро аз байни чор байти Камолиддини Биноӣ [49, с. 4] муайян намоянд.

Ва ё дар муайян намудани маънои байтҳои Абдураҳмони Ҷомӣ [51, с. 6], Саъдии Шерозӣ [52, с. 6] ва Камолиддини Биноӣ [53, с. 6] низ на ҳамаи довталабон муваффақ гардидаанд. Ҳиссаи довталабоне, ки маънои байтҳоро муайян намуда, соҳиби 4 холи бештари имконпазир аз ин масъалаҳо гардидаанд, мутаносибан 27,26% (аз 4 898 нафар), 6,11% (аз 4 910 нафар) ва

15,07% (аз 4 877 нафар)-ро ташкил медиҳад.

Инчунин 63,33%-и довталабон аз рӯйи байтҳои додашуда аз достони «Тахти хунин»-и Пайрав Сулаймонӣ муайян карда натавонистаанд, ки шоир дар байти зерин ба кадом масъала ишора намудааст:

**Эй, ки бо як ишора дар як он**

**Мамлакатро намуда гӯристон...**

**Эй ту бо амну сулҳ дорӣ ситез,**

**Эй, ки паймонаат зи хун лабрез!** [49, с. 4]

Ҳамагӣ 36,67%-и довталабон (аз 5 929 нафар) дуруст ҷавоб додаанд: шоир таъкид намудааст, ки «*дар аҳди ҳукумати манғития зулму истибдод ба дараҷаи ниҳоӣ расида буд*» [49, с. 4].

Ин ки ҳиссаи бештари довталабон маънои порчаҳои шеърро муайян карда наметавонанд, чунонки гуфтем, ба он вобаста аст, ки таълими қироат ва таҳлили шеър дар МТМУ дуруст ба роҳ монда нашудааст. Дар ин замина Ш. Исрофилниё ва М. Султонмамадова дуруст қайд намудаанд, ки «устод бояд диққат диҳад, то хонандагон шеърро дуруст қироат кунанд, зеро барои шинохти шеър ва дарёфти маънии мақсуди шоир аввал бояд онро дуруст қироат кард. Қироати саҳеҳи шеър ба дарёфти дурусти вазну қофияву радиф ва маънии шеър мусоидат мекунад» [136].

Аз ин рӯ «бояд калимаҳоро шинохт ва маънонии онҳо, ... истилоҳоту таъбироти шоиронаро дуруст дарёфт» [136]. Вале, мутаассифона, бинобар надонистан ва нашинохтани маънои калимаю ибора ва ҷумлаҳо – «*дар маърифат аст ва ба "аҳли ҳикмат" нигаронида шудааст*» [50, с. 5] 74,71%-и довталабон муайян карда натавонистаанд, ки рисолаи «Саломон ва Абсол»-и Абуалӣ ибни Сино чӣ гуна асар аст: ишқист, тиббист, бадеист ва ё фалсафӣ? Ҳамагӣ 25,29% дуруст ҷавоб додаанд, ки «Саломон ва Абсол» асари фалсафист. Ба андешаи 33,21%-и довталабон «Саломон ва Абсол» асари тиббист. 25,26%-и довталабон ба бадеӣ будани асар ишора намудаанд. Чунин натиҷа нишонаи он аст, ки довталабон бинобар надонистани ҷавоби дуруст ба

савол тахминӣ ҷавоб додаанд.

Қисми бештари довталабон (71,16%) доир ба асарҳои Ҳабиб Юсуфӣ, бахусус мақолаҳои илмии ӯ, ки ба масъалаҳои адабиётшиносӣ ва нақди адабии давр бахшида шудаанд, маълумоти кофӣ надоранд. Аз ин қисм 40,77% гуфтаанд, ки мақолаҳои «**Шеърҳои зиддифашистии Лоҳутӣ**» ва «**Боз якчанд калима дар бораи поэзияи имрӯзаи мо**» ба фаъолияти нависандагии Ҳабиб Юсуфӣ дахл доранд. 17,17%-и дигар ин мақолаҳоро ба фаъолияти рӯзноманигорӣ ва 11,64% ба фаъолияти тарҷумонии адиб марбут донистаанд.

Донишманди тоҷик Юрий Бобоев ҷойе дар рисолаи гаронарзиши «Муқаддимаи адабиётшиносӣ» менависад, ки «Нависанда бо воситаи образҳо зисту зиндагонӣ, кору кирдор, вазъияти рӯҳӣ (хурсандӣ, маъюсӣ) ва дигар лаҳзаҳои ҳаёти одамро инъикос менамояд... Образ воситаи асосиест, ки ба ақлу ҳис ва иродаи одамон таъсири идеявӣ-эстетикӣ гузошта, ононро ба ҷунбишу такон ва ба дигаргун сохтани воқеияту зиндагӣ сафарбар мекунад» [25, с. 82]. Аз ин рӯ таҳлили симо (образ)-ҳои асарҳои бадеӣ аз мавзуъҳои муҳиммест, ки дар дарсҳои адабиёт ба хонандагон таълим дода мешавад. Бе донистани симо (образ)-ҳо маълумот дар бораи мазмун (сужет) ва ғояи асарҳои назмию насрии адибони классик ва муосир нокифоя хоҳад буд.

Мутаассифона, довталабони мо бинобар нахондани асари бадеӣ, ва ҳатто китоби дарсӣ, дар бораи асарҳое, ки омӯхтани онҳо дар барномаи таълим пешбинӣ шудаанд, маълумоти кофӣ надоранд. Аз таҳлили натиҷаҳои саволу масъалаҳои тест маълум мешавад, ки ҳиссаи бештари довталабон, бинобар паст будани дараҷаи донишашон, аз рӯйи маълумоти додашуда муайян карда наметавонанд, ки сухан дар бораи кадом симоҳои асарҳои ин ё он адиб меравад.

Масалан, 63,6%-и довталабон дар бораи **Виркан** – қаҳрамони асосии повести «Ривояти суғдӣ», 73,3% дар бораи **Марзия, Мирзоакрамбой, Абдулаҳадхон, Ҳоҷияъқуб** – симоҳои манфии романи «Восеъ», 97,98% дар

бораи **Ҳусайн, Чағонӣ, Абутоҳир, Ноҳид** ва **Хайём** – симоҳои пиесаи «Ҷавонии Ибни Сино»-и Сотим Улуғзода маълумоти дуруст надоранд.

Ҳатто ташвишовар аст, ки 94,05%-и довталабон (аз 4 910 нафар) пурра муайян карда натавонистаанд, ки сухан дар бораи кадом симои романи «Шӯроб»-и Раҳим Ҷалил (Хол, Давлат, Пётр, Идрисенко, Александров) меравад.

Ҳамин гуна натиҷаи пастро (95,80%) доир ба муайян намудани симоҳои қиссаи “Паррончакҳо”-и Абдулҳамид Самад низ метавон дид.

Натиҷаи нишондодаи довталабон аз рӯйи достони «Писари Ватан»-и Мирзо Турсунзода низ қонеъкунанда нест. Ҳиссаи бештари онҳо аз рӯйи байтҳои додашуда муайян карда натавонистаанд, ки байт аз забони кӣ гуфта шудааст. Масалан, «сухани падари Қодир ба фарзандаш:

*Ту ҳам бо дӯстонат рав ба майдон,*
*Нишон деҳ қудрати худро, писарҷон!*

Сухани Марина ба Микола:

*Бирав, нобуд кун, яғмогаронро –*
*Фашистон, душманони молу ҷонро.*

Сухани Саодат ба Қодир:

*Машав навмед аз бедида гаштан,*
*Ки ҷояшро бигирад дидаи ман.*

Сухани Микола ба Қодир:

*Ту бингар Украини меҳрубонро,*
*Рухи зарду дили пурхуни онро.*
*Ба роҳаш не ҳарос аз тир дорам,*
*На тарсе аз дами шамшер дорам*» [50, с. 6].

Натиҷа аз рӯйи ин масъала, ки муайян намудани мувофиқат аст, дар расми 40 нишон дода шудааст.




**Расми 40. Чандомад ва ҳиссаи довталабон вобаста ба иҷрои саволу масъалаи тест**

Чунонки дар расми 40 дида мешавад, 1 255 нафар ё 21,32%-и довталабон аз рӯйи ин масъала хол нагирифтаанд, 2 196 нафар (37,30%) –1 хол, 1 639 нафар (27,84%) – 2 хол, 379 нафар (6,44%) – 3 хол ва ҳамагӣ 418 нафар (7,10%) 4 хол гирифтааст.

Чунин натиҷаи нигаронкунанда аз рӯйи асари «Баҳориёт»-и Сайидои Насафӣ низ ба назар мерасад. Бояд гуфт, ки хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ асари тамсилии «Баҳориёт» ва ё «Ҳайвонотнома»-и Сайидои Насафиро, мувофиқи барномаи таълими адабиёти тоҷик, ҳам дар синфи 7-ум (2 соат) ва ҳам дар синфи 10-ум (3 соат) меомӯзанд. Агар дар синфи 7-ум мунозираи 18 ҳайвон ба таври хониши бадеӣ омӯхта шавад [95, с. 177-188], дар синфи 10-ум сохтор, мазмун ва мундариҷаи ин асар ҳаматарафа таҳлилиу баррасӣ мешавад [96, с. 89-93]. Вобаста ба ин ки хонандагон дар синфи 7-ум мунозираи 18 ҳайвон – аз худситоии муш то расидани ҷонварони дигар ва худситоии онҳоро мехонанд [95, с. 177-188], барои санҷиши малакаю маҳорати довталабон як масъала ин тавр пешниҳод гардидааст [45, с. 5; 46, с. 5; 47, с. 5]:

**Муайян намоед, ки суханони зерин ба кадом симои асари “Баҳориёт”-и Сайидои Насафӣ мансуб аст:**

**A)** Азбаски дар миёнаи мардум мукаррамам,
Ҷоям ҳамеша ҳаст ба паҳлуи меҳмон.
**B)** Ба ҳар кӣ бингарам, ҷигараш об мешавад,
Аз мӯр камтаранд ба чашмам баҳодурон.
**C)** Тифлони ширмасти ман имрӯз шергир,
Хешони нотавони мананд аз ту комрон.
**D)** Рӯзе, ки офтоб ба гармӣ шавад алам,
Он рӯз эҳтиёҷ надорам ба соябон.

**1)** саг
**2)** шер
**3)** гурба
**4)** мӯрча
**5)** сангпушт

Натиҷа аз рӯйи ин масъала дар расми 41 дода шудааст.




**Расми 41. Чандомад ва ҳиссаи довталабон вобаста ба иҷрои саволу масъалаи тест**

Тавре ки аз маълумоти расми 41 бармеояд, аз 10 995 нафар довталаб 1 651 нафар (15,02%) ба масъала ҷавоб надодаанд, 881 нафар (5,44%) мувофиқати ҳар чор унсури саволу масъала (A, B, C ва D)-ро дуруст муайян намудаанд. Мувофиқати як унсурро 3 410 нафар довталаб (31,01%) ду унсурро 3 336 нафар (30,34%) ва се унсурро 1 717 нафар (15,62%) муайян кардаанд.

Аз таҳлили натиҷаи нишондодаи довталабон бармеояд, ки дар дарсҳои адабиёти тоҷик дар синфҳои 5-7-ум аз рӯйи ин асар ва дигар мавзуъҳо (намунаҳо аз адабиёти шифоҳӣ ва осори адибони классик ва муосир) хониши

ифоданок ва дар синфҳои 8-11-ум таҳлилу тафсири осори бадеӣ дуруст ба роҳ монда нашудааст.

Доир ба аҳаммияти дуруст ба роҳ мондани хониши ифоданок олимони соҳа Т. Миров, Қ. Хоҷаев ва Ш. Исломов дар китоби арзишманди **«Методикаи таълими адабиёти тоҷик»** навиштаанд, ки «*Дар тадқиқоти олимони соҳаи педагогика ва психология илман собит гардидааст, ки хониши ифоданок дар хонандагон на танҳо малакаҳои бехато хондан, гӯш кардан, риоя намудани қонунияти хонишро инкишоф медиҳад, балки дар баробари ин, барои дуруст дарк намудани мазмуни асар ҳам боис мегардад*» [70, с. 98]. Ва ё дар бораи таҳлилу тафсири осори бадеии дар китобҳои дарсии адабиёт дохилшуда менависанд, ки «*Дар ҳар як дарси адабиёт ҳангоми таҳлили ин ё он асари бадеӣ муаллим аз шогирд талаб мекунад, ки дар баҳо додан ба асар, ба шеър бояд ҳар як хонанда фикру андешаи шахсии худро нисбати он асар дошта бошад ва онро баён карда тавонад. Ба тарзи дигар гӯем, бояд талабагон ба ҳар як чизи хондаашон аз нуқтаи назари танқидӣ нигоҳ кунанд. Ин корро омӯзгор дар ҷараёни дарси адабиёт дар ниҳоди шогирдон бояд тақвият диҳад*» [70, с. 30].

Ш. Исрофилниё ва М. Султонмамадова низ доир ба ҳамин масъала ибрози андеша намуданд: «*Муаллимони адабиёт ҳангоми таҳлили шеър бояд ба қироати дурусти шеър, шинохти калимаю ибораҳо ва истилоҳоту таъбироти шоирона, дарёфтани корбурди санъатҳои бадеӣ, тасвироти шоирона ё худ сувари хаёл дар шеър, ба ҷаҳонбинии шоир таваҷҷуҳ дошта бошанд ва шогирдонашонро ба дарки дурусти шеър раҳнамун бошанд. Танҳо бо ин шева метавон ҳунари шоирро шинохт ва маънии мақсудро дарёфту адабиётро ба ҳайси як санъату ҳунар таълим дод*» [136].

Пажӯҳишгар Ф. Олимова дар робита ба ҳамин масъала, ҳангоми шарҳи усули "Инсерт" ҳамчун воситаи мувофиқ барои дарки маънӣ ва мақсади асосии матни адабӣ менависад, ки «*Мақсад аз хондан танҳо нақли ахбору маълумоти дар асар инъикосшуда нест. Хонанда мулоҳиза ронда, бо кадом*

*мақсад эҷод шудани асарро эзоҳ диҳад, андешаи муаллифро бо андешаву муносибати худ бояд муқоиса намояд»* [80, с. 12]

Бо дар назар гирифтани андешаҳои ин донишмандону пажӯҳишгарон ва натиҷаҳои бадастовардаи довталабон аз фанни адабиёти тоҷик, ки дар асоси саволу масъалаҳои мушаххас мавриди таҳлил қарор гирифтанд, бори дигар метавон чунин хулоса баровард: **дар муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар таълими адабиёти тоҷик, хусусан хониши адабӣ, ки барои дуруст дарк намудани мазмуни асар боис мегардад, таҳлили матнҳои адабӣ ва образҳои асарҳои бадеӣ, тафсир ва шарҳи калимаю иборахо, ки барои дарки маънии асар ва мақсади асосии муаллиф мусоидат мекунад ва дар хонандагон тафаккури интиқодиро рушд медиҳад, ба тавре ки мебояд, ба роҳ монда нашудааст.** Яъне дар дарсҳои адабиёти тоҷик раванди таълим ба самти муайян нигаронидани нашудааст, то, ба навиштаи донишманди рус В.М. Дрофа [189] мақсади ниҳоии таълим ба даст ояд: донишомӯзон (иштирокчиёни раванди таълим) мундариҷаи фанҳои таълимиро пурра аз худ кунанд, дар онҳо малакаю маҳоратҳои зарурӣ ва қобилияти дар амал татбиқ намудани донишҳои назариявӣ дар ҳолатҳои ғайристандартӣ ба вуҷуд ояд ва худшиносии шахсии онҳо рушд намояд.

Барои баровардани хулосаи ниҳоӣ оид ба дараҷаи дониш ва малакаю маҳорати хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз фанни адабиёти тоҷик, ба андешаи мо, омилҳои дигари ба раванди таълим таъсиркунанда, аз ҷумла сербории барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ, ба завқ ва қобилияти хонандагон мувофиқ набудани маводди таълимӣ, мувофиқат накардани соатҳои дарсӣ ба мавзуъҳои таълимӣ ва махсусан аз сабаби камии вақт (соат) сатҳӣ омӯзонидани мавзуъҳоро низ бояд ба назар гирифт. Масалан, ҳангоми таҳияи матритсаи тести забон ва адабиёти тоҷик маълум гардид, ки “Барномаи таълимии адабиёти тоҷик дар синфҳои V-XI” омӯхтани ҳаёту эҷодиёти 121 нафар шоиру нависандаи адабиёти классикиву муосири тоҷикро пешниҳод намудааст. Агар соатҳо барои омӯзиши мавзуъҳои

адабиёти тоҷик (517 соат) ба ин шумора тақсим шавад, омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти ҳар адиб ба ҳисоби миёна 4,3 соатро ташкил медиҳад ва агар соатҳои такрори мавзуъҳо, хониши мустақилона ва инкишофи нутқи мураттаб аз соатҳои умумӣ кам карда шаванд, ба омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти ак адиб 3 соат мерасад ва ин, албатта, барои омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти як адиб кифоя нест ва яке аз сабабҳои сатҳи омӯзонидани асарҳои бадеӣ ба ҳамин ҳолат вабастагӣ дорад. Дар баробари ин дар сатҳи пасти касбӣ омода кардани мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, хеле кам истифода шудани технологияҳои инноватсионӣ дар ҷараёни таълим, норасоии мутахассисони касбӣ, надоштани дониши кофӣ барои интихоби дурусти касб, вазъи иҷтимоии оилаҳо ва ғайраҳо низ аз масъалаҳои муҳимме ҳастанд, ки раванди таълим таъсир мерасонанд. Ин масъалаҳо як таҳқиқоти густардаро талаб менамояд ва метавонад мавзуи алоҳидаи пажӯҳиши коршиносон бошад.

### 3.4 Таҳлили муқоисавии натиҷаҳо аз рӯйи минтақаҳои ҷумҳурӣ

Маълумот дар бораи фаъолияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳо на ҳамеша дастраси аҳли ҷомеа аст. Ҳатто метавон гуфт, ки дастрасии ҷомеа ба ин гуна маълумоти боэътимод дар бораи натиҷаҳои таълим дар муассисаҳо – дараҷаи азхудкунии барномаҳои таълим ба сифр баробар аст. Худи роҳбарони муассисаҳои таълимии як шаҳр ё ноҳия ҳам дар бораи фаъолияти муассисаи таълимии худашон ва муассисаи дигар дар ҳамин шаҳр ё ноҳия маълумоти кофӣ надоранд, намедонанд, ки мавқеи онҳо дар байни муассисаҳои таълимии ин шаҳр ё ноҳия чӣ гуна аст.

Яке аз роҳҳои самараноки пешниҳоди чунин маълумот ба муассисаҳо умуман ва масъулони соҳа ба вежа таҳлили муқоисавӣ-рейтингӣ бар асоси арзёбиҳои сифати таҳсилот мебошад. Ю.А. Баталова ва С.С. Бикова дар бораи истифодаи тестҳои ба стандарт нигаронидашуда сухан гуфта [122], таъкид менамоянд, ки чунин тестҳо барои муайян намудани ҷойи донишомӯз

дар гурӯҳ, аз ҷумла рейтинги ҳар як донишомӯз хизмат мекунанд. Ин имкон медиҳад, ки дастоварди таълимии донишомӯзон бо ҳамдигар муқоиса карда шавад. Инчунин барои муайян намудани он донишомӯзоне, ки бо сабабҳои гуногун барномаи таълимро ба қадри кифоя аз худ накардаанд ва ё баръакс донишомӯзоне, ки дар аз худ кардани барномаи таълим муваффақ ҳастанд ёрӣ мерасонад. Чунин тарзи таҳлил ва натиҷагириро пас аз арзёбии сифати таҳсилот метавон барои муайян намудани ҷойи муассисаи таълимӣ дар байни дигар муассисаҳо, рейтинги ҳар як муассисаи таълимӣ истифода намуд.

ММТНПҶТ ҳар сол пас аз ҷамъбасти ИМД таҳлили муқоисавӣ-рейтингии муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, шаҳр, ноҳия ва вилоятҳоро бар асоси маълумоти аз имтиҳонҳо бадастомада мегузаронад ва натиҷаҳоро барои истифода ба мақомоти дахлдор ва сохторҳои Вазорати маориф ва илм мефиристад. Аммо ин маълумот чӣ гуна истифода мешавад, мавзуи таҳқиқоти дигар аст.

Таҳлили муқоисавӣ-рейтингии муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳо ва вилоятҳо аз рӯйи натиҷаи бадастовардаи довталабон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар ИМД-и солҳои 2016-2019 нишон медиҳад, ки таълими ин фанҳо дар муассисаҳои таълимии ҳар шаҳру ноҳия ва вилоят чӣ гуна ба роҳ монда шудааст.

Дар таҳқиқоти мо натиҷаҳои имтиҳонҳои мазкур вобаста ба минтақаҳои ҷумҳурӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои асосӣ: **шумораи довталабони дар имтиҳонҳо иштироккнамуда** ва **холи миёнаи бадастовардаи онҳо** таҳлил карда шуд.

Дар ҷадвали 30 шумораи довталабони дар ИМД-и солҳои 2016-2019 иштироккнамуда аз ҳар минтақа ва ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ дода шудааст*.

---

* Маълумоти оморӣ аз пойгоҳи додаҳои ММТНПҶТ: таҳлили тестҳои забон ва адабиёти тоҷик дар ИМД-и солҳои 2016-2019 гирифта шуд.

**Ҷадвали 30.**

**Маълумоти омории иштирокчиён дар имтиҳонҳо**

| **Минтақа/сол** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **Ҳамагӣ** |
|---|---|---|---|---|---|
| шаҳри Душанбе | 938 | 2000 | 1635 | 1828 | **6401** |
| ШНТҶ | 1919 | 3035 | 2538 | 2720 | **10212** |
| вилояти Суғд | 2921 | 4599 | 3844 | 4543 | **15907** |
| вилояти Хатлон | 4594 | 7328 | 5969 | 7194 | **25085** |
| Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) | 578 | 778 | 698 | 622 | **2676** |
| Хориҷа | 1 | 4 | 1 | 1 | **7** |
| **Ҷумҳурӣ** | **10951** | **17744** | **14685** | **16908** | **60288** |

Аз маълумоти ҷадвали 30 бармеояд, ки дар чор соли ИМД (2016-2019) дар ҷумҳурӣ 60288 нафар довталаб, аз ҷумла аз шаҳри Душанбе 6401 нафар, аз ШНТҶ 10212 нафар, аз вилояти Суғд 15907 нафар, аз вилояти Хатлон 25085 нафар, аз ВМКБ 2676 нафар ва аз хориҷи кишвар 7 нафар аз рӯйи тести забон ва адабиёти тоҷик имтиҳон супоридаанд.

Вобаста ба шумораи довталабони ҳар минтақа холи миёнаи бадастовардаи онҳо ҳисоб карда шуд. Азбаски шумораи довталабони хориҷӣ кам аст, мо ҳангоми таҳлил онро сарфи назар намудем.

Чунонки пештар гуфта шуд, **холи миёна** аз нишондиҳандаҳои муҳимми дараҷаи дониш ва малакаю маҳорати довталабон дар имтиҳон аст. Қимати холи миёна бо ҷамъ кардани холҳои бадастовардаи довталабон ва тақсими он ба шумораи умумии онҳо ҳисоб карда мешавад.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки холи миёнаи довталабони ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ аз тести забон ва адабиёти тоҷик аз 50%-и ШИБХ кам аст.

Дар расми 42 холи миёнаи довталабони ҳар минтақа дар муқоиса бо холи миёнаи умумии довталабон дар ҷумҳурӣ (хатти сурх) дар ИМД-и соли 2016 дода шудааст.




**Расми 42. Муқоисаи холи миёна дар ИМД-и соли 2016**

Қимати холи миёнаи умумии довталабон дар ҷумҳурӣ дар ин соли имтиҳонӣ 12,65 аст, ки 36,14%-и ШИБХ (35 хол)-ро ташкил медиҳад. Тавре ки дида мешавад, холи миёнаи довталабони ҳамаи минтақаҳо, ба ғайр аз холи миёнаи довталабони вилояти Хатлон, аз холи миёнаи умумии довталабон дар ҷумҳурӣ баландтар аст.

Дар расми 43 холи миёнаи довталабони ҳар минтақа дар муқоиса бо холи миёнаи умумии довталабон дар ҷумҳурӣ (хатти сурх) дар ИМД-и соли 2017 дода шудааст.




**Расми 43. Муқоисаи холи миёна дар ИМД-и соли 2017**

Қимати холи миёнаи умумии довталабон дар ҷумҳурӣ дар соли 2017-ум 14,77 аст, ки 42,20%-и ШИБХ-ро ташкил медиҳад. Чунонки дар расми 40 дида мешавад, холи миёнаи довталабони ҳамаи минтақаҳо, ба ғайр аз холи миёнаи довталабони вилояти Хатлон, аз холи миёнаи умумии довталабон дар ҷумҳурӣ баландтар аст.

Дар расми 44 холи миёнаи довталабони ҳар минтақа дар муқоиса бо холи миёнаи умумии довталабон дар ҷумҳурӣ (хатти сурх) дар ИМД-и соли 2018-ум дода шудааст.




**Расми 44. Муқоисаи холи миёна дар ИМД-и соли 2018**

Қимати холи миёнаи умумии довталабон дар ҷумҳурӣ дар соли 2018-ум 14,83 аст, ки 42,37%-и ШИБХ-ро ташкил медиҳад. Чунонки аз маълумоти додашуда бармеояд, холи миёнаи довталабони ҳамаи минтақаҳо дар ин соли имтиҳонӣ низ, ба ғайр аз холи миёнаи довталабони вилояти Хатлон, аз холи миёнаи умумии довталабон дар ҷумҳурӣ баландтар аст.

Дар расми 45 холи миёнаи довталабони ҳар минтақа дар муқоиса бо холи миёнаи умумии довталабон дар ҷумҳурӣ (хатти сурх) дар ИМД-и соли 2019-ум дода шудааст.




**Расми 45. Муқоисаи холи миёна дар ИМД-и соли 2019**

Қимати холи миёнаи умумии довталабон дар ҷумҳурӣ дар соли 2019-ум 15,72 аст, ки 44,91%-и ШИБХ-ро ташкил медиҳад. Он гуна ки дар расми 45 дида мешавад, холи миёнаи довталабони ҳамаи минтақаҳо дар ин соли имтиҳонӣ низ, ба ғайр аз холи миёнаи довталабони вилояти Хатлон, аз холи миёнаи умумии довталабон дар ҷумҳурӣ баландтар аст.

Таҳлили муқоисавӣ аз рӯйи минтақаҳо нишон медиҳад, ки холҳои миёнаи довталабон аз вилояти Суғд аз тести забон ва адабиёти тоҷик дар ИМД-и солҳои 2016-2019-ум нисбат ба дигар минтақаҳо баландтар ва холҳои миёнаи довталабон аз вилояти Хатлон пасттар аст.

Ҳангоми таҳлилу муқоисаи холҳои миёна аз ин тест низ шумораи довталабони дар имтиҳонҳо иштироккардаи шаҳри Душанбе ва ВМКБ, ки

нисбат ба шумораи довталабони вилоятҳои Суғду Хатлон ва ШНТҶ камтар буд, бояд ба назар гирифта шавад.

Бояд гуфт, ки ҳарчанд аз рӯйи нишондиҳандаи холи миёна аз тести забон ва адабиёти тоҷик довталабони минтақаҳои дигар, нисбат ба довталабони вилояти Хатлон натиҷаи хубтар дошта бошанд ҳам, онро дар маҷмуъ натиҷаи баланд наметавон гуфт. Зеро, агар ШИБХ-и ин тестро ба назар гирифта, холи миёнаи довталабони дорои дастоварди нисбатан хубтарро аз ин ё он минтақа таҳлил кунем, холи миёнаи довталабони ҳамаи минтақаҳо аксаран аз 50%-и ШИБХ кам аст.

Бо вуҷуди ин, агар холҳои миёнаро аз тести забон ва адабиёти тоҷик ба таври умумӣ бо истифода аз рейтинги ҳамгиро (интегралӣ) таҳлил кунем, аз рӯйи холҳои миёнаи нисбатан баландтар дар ҷойи 1-ум довталабони вилояти Суғд қарор мегиранд.

Вале як нуктаи муҳим ва умедворкунанда ин аст, ки холи миёнаи довталабони ҳамаи минтақаҳо, аз ҷумла вилояти Хатлон, сол ба сол баландтар шудааст. Ин далели он аст, ки таълими фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар муассиаҳои таълимии ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ сол ба сол беҳтар мегардад, вале ин ҳоло қонеъкунанда нест.

Аз ин нишондод, ки холи миёнаи довталабони ҳамаи минтақаҳо аксаран аз 50%-и ШИБХ кам аст, метавон ба ин натиҷа расид, ки таълими фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ ба он тавре ки мебояд, ба роҳ монда нашудааст. Инчунин аз рӯйи натиҷаҳо метавон чунин хулоса баровард, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар то ҳол ба усули таълими анъанавии ба дониш асосёфта (низоми синфӣ-дарсӣ) такя мекунанд, на муносибати босалоҳият ба таълимро истифода мебаранд.

Дар низоми таълими анъанавии ба дониш асосёфта, чунонки мутахассисон зикр намудаанд [75; 79], асосан методологияи **шарҳӣ-аёнӣ** истифода мешавад. Дар ин шакли таълим диққати асосӣ ба хотира равона

шудааст, он хусусияти **бахотиргирӣ** дорад. Яъне, хонанда пас аз шунидани (ё хондани) маълумот онро бояд **дар хотир гирад**, дертар ба **хотир орад** ва **бозгӯйӣ** карда тавонад. Раванд ва натиҷаи таълим ба андозаи донише, ки хонанда аз суханони омӯзгор ё китоби дарсиву дигар маводди таълим дар хотир гирифтааст, маҳдуд мегардад.

Мутаассифона барномаҳои таълим ва китобҳои дарсӣ низ дар асоси ҳамин низом (методологияи шарҳӣ-аёнӣ) навишта шудаанд. Ва омӯзгор ҳам дар омӯзонидани мавзуъҳо пойбанди барномаи таълим ва китоби дарсист.

Албатта, дар муассисаҳои таълимӣ омӯзгорони соҳибтаҷриба ва пухтакор зиёданд, ки усули таълимашон шоистаи омӯхтан ва дар байни омӯзгорони ҷумҳурӣ паҳн кардан аст. Вале бинобар тағйир ёфтани тарзи муносибат ба таълим (мувофиқи навиштаи мутахассисон [77; 78; 79] – гузариш ба низоми нави таълим ) ва дигар шудани талабот зарур аст, ки зина ба зина ҳамаи омӯзгорон аз курсҳои бозомӯзӣ гузаранд ва ихтисосашонро такмил диҳанд. Вобаста ба ин масъала Ғ. Қурбонов дуруст ҳам менависад, ки «такмили ихтисоси муаллимон бояд ба ташаккули салоҳиятҳои касбии педагогӣ равона карда шавад. Гузариш аз мақсади «ташаккули дониши» шунавандагони курсҳои такмили ихтисос ба «ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгор» самтивазкуниро дар мазмуни такмили ихтисоси муаллимон нишон медиҳад. Мақсади он кам кардани фаҳмондани дастурамалҳои давлатӣ (нақшаи таълимӣ, барномаи таълим), дастурҳои методӣ ва дар алоқамандӣ бо онҳо ташаккули қобилият, маҳорат ва тайёр будан ба амал (салоҳиятҳоро) пешбинӣ мекунад. Шунавандагони курсу семинарҳо бояд дар рафти омӯзиш бештар ба амалия, ба натиҷаҳои омӯзиш такя карда, салоҳиятҳои касбӣ ҳосил кунанд» [141]. Зеро имрӯз танҳо омӯзгоре, ки ба маҷмуи зерини салоҳиятҳои касбии педагогӣ: *«салоҳиятҳои иҷтимоию равонӣ, касбию иртиботӣ (алоқадорӣ), умумипедагогии касбӣ, фаннӣ, идорӣ, инъикосӣ (рефлексивӣ), иттилоотию коммуникатсионӣ, салоҳият дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ (ибтикорӣ), креативӣ - маҳоратҳои ба роҳ мондани фаъолият*

*дар дараҷаи эҷодӣ ва таҳқиқотӣ*» [141] соҳиб аст, метавонад дар баланд бардоштани дараҷаи дониш, ташаккули малака ва маҳоратҳои хонандагон ва беҳтар намудани сифати таҳсилот саҳми босазо гузорад. Танҳо омӯзгоре, ки аз ин салоҳиятҳои касбии педагогӣ бархурдор аст, метавонад дар асоси талаботи муносибати босалоҳият ба таълим пайваста арзёбиҳои ташхисӣ, ба ташаккул нигаронидашуда ва ҷамъбастиро гузаронад ва дар дар асоси чунин арзёбиҳо малакаи азхудкардаи хонандагонро ташхис кунад, дар давраи аввал ёрӣ расонад ва раванди таълимро дуруст ба роҳ монад. Хонанда дар ин маврид масъулияти худро барои таҳсил бештар ҳис мекунад [77].

Вобаста ба ин, бо дар назар гирифтани ин масъала, ки барномаҳои таълим ва китобҳои дарсӣ низ дар асоси методологияи шарҳӣ-аёнӣ навишта шудаанд ва дар муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар то ҳол ба усули таълими анъанавии ба дониш асосёфта (низоми синфӣ-дарсӣ) такя мекунанд, шумораи бештари саволу масъалаҳои тест дар ИМД низ барои санҷидани дониш (маълумоти бахотиргирифта)-и довталаб таҳия шудаанд.

Алатта, вобаста ба мақсади ИМД – интихоби беҳтаринҳо барои идома додани таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ ва бо дар назар гирифтани коршоямии саволу масъалаҳои тест (дараҷаи душворӣ ва қудрати фарқгузории онҳо) чунин саволу масъалаҳо ва ин гуна натиҷаҳои бадастовардаи довталабон комилан дуруст ва мантиқиянд. Аммо он натиҷаҳои бадастовардаи довталабон аз фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик, ки мавриди баррасӣ қарор гирифтанд, аз нуқтаи назари дараҷаи омодагии довталабон ба имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ва арзёбии дониш ва малакаю маҳорати онҳо қонеъкунанда нестанд ва бояд биандешем, ки чаро чунин аст.

Дуруст аст, ки на ҳамаи довталабон натиҷаи дихоҳ ба даст оварда метавонанд. Он гоҳ моҳияти қобилияти фарқгузории тестҳо ҳам аз байн мерафт. Бо вуҷуди ин зарур аст, ки мо натиҷаҳои дастовардҳои довталабонро дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти

миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ таҳлил намоем ва хулосаҳоямонро ба масъулони соҳа, бахусус ба омӯзгорон бирасонем, то ин ки онҳо талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба назар гирифта, ба масъалаи барномаи таълимро аз худ кардани хонандагон ва дар ин замина ба вусъати доираи андеша ва ҷаҳонбинӣ, махсусан тафаккури интиқодии онҳо диққати ҷиддӣ диҳанд, ки аз салоҳиятҳои муҳимми таълим аст.

## ХУЛОСАИ БОБИ 3

Аз таҳлили натиҷаҳои дастовардҳои таълимии довталабон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар ИМД ба МТТМОК-и ҷумҳурӣ дар солҳои 2016-2019-ум метавон чунин хулоса баровард:

1) саволу масъалаҳои тест аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар асоси талаботе, ки дар Стандарт ва барномаҳои таълими забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик ва барномаи имтиҳон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик пешбинӣ шудааст, таҳия гардидаанд;

2) шумораи саволу масъалаҳо дар тести забон ва адабиёти тоҷик аз рӯйи қисмҳои забони тоҷикӣ (*фонетика ва имло, лексикология ва фразеология, услубшиносӣ ва матн, морфология ва синтаксис)* ва адабиёти тоҷик (*фолклор, ҳаёти адабӣ, мафҳумҳои адабӣ*, *адабиёти классикӣ ва давраи нав*) дуруст тақсимбандӣ шудааст;

3) тестҳои забон ва адабиёти тоҷик, ки дар ИМД истифода шуданд, ҳамчун абзори арзёбии дастовардҳои таълимӣ (дониш ва малакаю маҳорат)-и довталабон дуруст таҳия шудаанд ва коршоямanд;

4) методикаи арзёбии дастовардҳои таълимӣ (дониш ва малакаю маҳорат)-и довталабон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дақиқтарин усули арзёбии илман асоснокшуда аст;

5) таълими фанҳои забон ва адабиёти тоҷик на дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дуруст ба роҳ монда шудааст;

6) дар муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар то ҳол асосан низоми таълими анъанавии ба дониш асосёфта ҷорист, на низоми таълими ба салоҳият нигаронидашуда;

7) омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бештар ба қориазёд кардани қоидаҳои забон ва порчаҳои шеърӣ аз адабиёт, ба иҷрои машқҳои вобаста ба мавзуъ дар китоби дарсӣ додашуда диққат медиҳанд, на ба шарҳи луғат – «шинохти калимаю ибораҳо ва истилоҳоту таъбироти шоирона, дарёфтани

корбурди санъатҳои бадеӣ, таҳлилу тафсири матнҳои бадеӣ дар робита бо ҷаҳонбинии адиб» ва аз ин роҳ рушд додани тафаккури хонандагон;

8) ҳиссаи довталабоне, ки дониш ва малакаю маҳоратҳои забонӣ ва адабӣ доранд ва ба саволу масъалаҳои пешниҳодшуда дуруст ҷавоб медиҳанд, дар муқоиса бо шумораи умумии довталабони дар имтиҳонҳо иштироknамуда камтар аст;

9) дониши ҳиссаи бештари довталабон доир ба қисмҳо ва мавзуъҳои забони тоҷикӣ, аз ҷумла мавридҳои истифодаи ҳарфи ***ӣ*** ҳамчун пасванди калимасоз ва бандакҳои феълию хабарӣ, ҳарфҳои йотбарсар, шинохтану муайян кардани ҳиссаҳои мустақил ва номустақил (ёридиҳанда)-и нутқ, сохт ва мавриди истифодаи онҳо, роҳҳои алоқаи калимаҳо дар ибора, хелҳои ҷумлаҳои сода ва мураккаб, таҳлили синтаксисии ҷумла қонеъкунанда нест;

10) ҳиссаи бештари довталабон ба матни хондаашон дуруст диққат намедиҳанд, дар матн ба кадом маъно омадани калима ва таркибҳоро намедонанд, маънои ибораҳои фразеологии додашударо муайян карда наметавонанд;

11) ҳиссаи бештари довталабон доир ба навъи асарҳои халқӣ, хусусиятҳои санъатҳои бадеӣ, жанрҳои адабӣ, зиндагӣ ва осори адибони классик ва муосир маълумоти кофӣ надоранд: навъи асарҳои халқӣ ва жанрҳои адабӣ, корбурди санъатҳои бадеӣ дар байтҳо ва порчаҳои насрӣ, маънои байтҳо ва аз кадом асар будани онҳо, симо (образ)-ҳои асарҳои бадеиро муайян карда наметавонанд;

12) мувофиқи таҳлили рейтинги ҳамгиро (интегралӣ) аз рӯйи холҳои миёна аз тести забон ва адабиёти тоҷик дар ҷойи 1-ум довталабони вилояти Суғд ва дар ҷойи охир довталабони вилояти Хатлон қарор доранд;

13) таълими фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ қариб дар як сатҳ аст ва омӯзгорон то ҳол ба усули таълими анъанавии ба дониш асосёфта (низоми

синфӣ-дарсӣ) такя мекунанд, на муносибати босалоҳият ба таълимро истифода мебаранд.

# ХУЛОСА

Аз таҳқиқоти анҷомдода дар мавзуи **«Методикаи арзёбии дастовардҳои таълимии довталабон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар асоси натиҷаҳои имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** метавон чунин хулоса баровард:

**1.** Тест (санҷиш ва имтиҳонҳои тестӣ) ҳамчун усули арзёбӣ: тест яке аз усулҳои аз назари технологӣ пешрафта, боэътимод ва объективонаи арзёбӣ ва назорати сифати таҳсилот ба ҳисоб меравад. Ин намуди санҷиш қариб дусад сол аст, ки дар низоми таҳсилотии кишварҳои пешрафта ҳамчун усули объективонаи санҷиши дониш, малака ва маҳорати донишомӯзон, инчунин воситаи муҳимми назорат ва арзёбии сифати таҳсилот истифода мешавад **[22-М]; [23-М]**.

**2.** Бартарии усули тестии арзёбӣ (санҷиш): бартарии усули тестии арзёбӣ на дар истифодаи шаклҳои гуногуни саволу масъалаҳои тест, балки дар илман асоснок будани абзори санҷиш (тестҳои стандартишуда) ва роҳҳои арзёбӣ, аз ҷумла фароҳам овардани шароити якхела барои озмудашавандагон (иштирокчиёни санҷиш ва ё имтиҳон), арзёбии одилона ва объективонаи натиҷаҳо дар асоси таламботу меъёрҳои илман асоснокшуда зоҳир мегардад. Ҳамин боэътимодии усулҳои санҷиш дар асоси меъёрҳои ягона ва дурустии натиҷаҳои бадастомада идораи босифати раванди таълимро имконпазир гардонида, барои баланд шудани сифати таҳсилот дар умум заминаи мусоид фароҳам меорад **[19-М]; [23-М]**.

**3.** Набудани назорати мустақили сифати таҳсилот: дар Тоҷикистон як ниҳоди мустақил, ки пайваста сифати таҳсилотро бо роҳи санҷишҳои тестӣ назорат ва объективона арзёбӣ кунад вуҷуд надорад, агарчи ММТНПҶТ гоҳ-гоҳ дар ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ин корро анҷом медиҳад ва ё худи намояндагиҳои созмонҳои байналмилалӣ ба ин кор машғул мешаванд. Набудани назорати ҳамешагӣ, инчунин ба нашр нарасидани маҷаллаи

махсуси илмӣ доир ба арзёбии сифати таҳсилот сабаби ноогоҳии ҳам масъулони соҳа ва ҳам ҷомеа аз вазъи воқеии маорифи кишвар ва дастовардҳои дигар кишварҳо дар самти арзёбии дониш ва малакаю маҳоратҳои имтиҳонсупорандагон гардидааст **[5-М]**.

**4.** Рушди технологияи тести педагогӣ: дар Тоҷикистон рушди технологияи тести педагогӣ ба таъсиси ММТНПҶТ (соли 2008) ва ба роҳ мондани ИМД (соли 2014) вобаста аст. Дар айни замон ин раванд дар ҳоли рушдёбӣ қарор дорад: таҳқиқоти илмӣ оғоз гардидааст, раванди санҷишҳои тестӣ омӯхта, нуктаҳои асосии назарияи андозагириҳои педагогӣ дар амал татбиқ шуда истодаанд, тест дар муассисаҳои гуногуни таълимӣ ба таври васеъ истифода мешавад ва давлат ҳамчун ташкилотчӣ ва сарпарасти боэътимод онро як қисмати муҳимми стратегияи миллӣ дар самти илму маориф ва иқтисод дастгирӣ менамояд **[2-М]; [6-М]**.

**5.** Қабули тест ба унвони абзори арзёбӣ: тест ҳамчун воситаи муҳимми арзёбии дониш, малака ва маҳорати довталабон таърихи тӯлони надошта бошад ҳам, он диққати омӯзгорон, падару модарон, коршиносон ва олимонро ба худ ҷалб намуд ва имрӯз вориди таҷрибаи амалӣ гардида, барои ҳаққонӣ, одилона ва шаффоф арзёбӣ гардидани дониш ва малакаю маҳоратҳои донишомӯзон истифода мешавад. Нашри мақолаҳо, гузоришу маърузаҳои илмӣ, чопи дастурҳои методию таълимӣ доир ба масъалаҳои тест – ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии он гувоҳи ин гуфтаҳост **[6-М]; [7-М]; [8-М]; [9-М]; [10-М]; [11-М]; [12-М]; [13-М]; [14-М]; [15-М]; [16-М]; [17-М]; [18-М]**.

**6.** Таъсиси марказҳои тестӣ: ҳамакнун барои гузаронидани санҷишҳои тестӣ дар ҳамаи донишкадаю донишгоҳҳо марказҳои тестӣ таъсис дода шудаанд. Ба тавре ҳамаи омӯзгорони мактабҳо ва устодони коллеҷҳо, донишкадаю донишгоҳҳо ва гоҳе ҳам донишҷӯён саволу масъалаҳои тест менависанд. Вале дар ин замина мушкиле вуҷуд дорад: касе андеша намекунад ва касеро ҳам ба ташвиш намеорад, ки ин саволу масъалаҳо то кадом дараҷа ба талаботи тест ҷавобгӯ ҳастанд, сифаташон чӣ гуна аст,

санҷишҳо ва имтиҳонҳо чӣ тарз ва дар чӣ гуна шароите гузаронида шудаанд. Ин ки натиҷаҳо дар асоси кадом меъёрҳо арзёбӣ шудаанд, боэътимодӣ ва объективияти арзёбиҳоро зери савол мебарад.

**7.** Нодуруст фаҳмидани моҳияти тест: муносибати рӯякӣ ба тест ва санҷишҳои тестӣ дар байни ҷомеа фаҳмиши нодурустро дар бораи тест ба вуҷуд овардааст, ки гӯё сабаби паст гардидани дараҷаи дониш ва малакаю маҳорати хонандагон истифодаи сартосарии тест дар муассисаҳои таълимӣ аст. Таҳияи саволҳои тестгуна, истифодаи сартосарии онҳо дар муассисаҳои таълимӣ ва ба қориазёд кардани ин тестгунаҳо машғул шудани донишомӯзон барои супоридани санҷишу имтиҳонҳо сабаби паст шудани дараҷаи дониш ва малакаю маҳорати онҳо гардидааст, ки мо дар ин таҳқиқот нишон додем **[2-М]**.

**8.** Таҳияи тест аз забон ва адабиёти тоҷик: дар Тоҷикистон бори нахуст дар асоси назария ва таҷрибаҳои мавҷудаи илмию амалӣ ва аз рӯйи қолаб ё матритсае, ки дар ИМД истифода мешавад тест аз забон ва адабиёти тоҷик таҳия карда шуд. Натиҷаҳо нишон доданд, ки тестҳо аз забон ва адабиёти тоҷик, ки дар ИМД истифода шуданд, метавонанд ҳамчун абзори арзёбии дастовардҳои таълимӣ (дониш ва малакаю маҳорат)-и довталабон ба назар гирифта шаванд Ин муҳиммияти муносибати илмӣ ба таҳияи тестҳо ва зарурати таҳқиқоти минбаъда дар ин соҳаро тасдиқ мекунад **[1-М]; [3-М]; [4-М]; [5-М]; [6-М]; [7-М]; [17-М]; [18-М]**.

**9.** Дараҷаи дониш ва малакаю маҳоратҳои довталабон: таҳқиқот муайян намуд, ки дараҷаи дониш ва малакаю маҳорати довталабон аз фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик на он қадар баланд аст. Мувофиқи шкалабандии балҳои имтиҳонӣ ва ҷадвалҳои баргардонии хол ба баҳои маъмулии панҷбаллӣ қимати холи гузариш дар ИМД-и солҳои 2014-2019, ки аз 14,29% то 20,00%-и ШИБХ-ро ташкил дод, ба **баҳои «2»** баробар аст. Ин ғайриқаноатбахш будани дараҷаи азхудкунии маводди таълим аз тарафи хатмкардагони МТМУ-ро нишон медиҳад. Инчунин қимати холи миёна, ки

дигар нишондиҳандаи дараҷаи дониш ва малакаю маҳорати довталабон аст, дар ИМД-и солҳои 2016-2019 аз 36,17% то 44,93%-и ШИБХ-ро ташкил дод, ки аз рӯйи баҳои панҷбаллӣ ба **баҳои «2»** дар соли 2016 ва **баҳои «3»** дар солҳо 2017-2019 баробар аст **[20-М]; [22-М]**.

**10.** Мушкилот дар таълими фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик: натиҷаҳои таҳқиқот мушкилоти таълими фанҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷикро дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ нишон медиҳад, махсусан омӯзиши мавзуъҳои *бахши фонетикаю морфология ва синтаксис* дар дарсҳои забони тоҷикӣ ва мавзуъҳои *бахши хониши адабӣ, таҳлилу тафсири порчаҳои назмию насрӣ, таҳлили симоҳои асари бадеӣ* дар дарсҳои адабиёти тоҷик ба тавре ки мебояд, ба роҳ монда нашудааст **[2-М]; [18-М]; [19-М]; [20-М]; [22-М]**.

**11.** Усулҳои анъанавии таълим: натиҷаи таҳқиқот нишон медиҳад, ки омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар то ҳол ба усули таълими анъанавии ба дониш асосёфта (низоми синфӣ-дарсӣ) такя мекунанд, на муносибати босалоҳият ба таълимро истифода мебаранд. Азбаски дар низоми таълими анъанавии ба дониш асосёфта, ки методологияи шарҳӣ-аёнӣ истифода мешавад, диққати асосӣ ба хотира равона шудааст ва хусусияти бахотиргирӣ дорад ва ин боиси маҳдуд гардидани рушди тафаккури интиқодӣ мегардад. Барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ низ дар асоси ҳамин низом (методологияи шарҳӣ-аёнӣ) таҳия шудаанд, ки ин татбиқи усулҳои муосир ва босамартари таълимро душвор мегардонад **[21-М]; [22-М]**.

**12.** Омилҳои ба сифати таҳсилот таъсиррасон: натиҷаи таҳқиқот якчанд омили ба сифати таҳсилот, раванди арзёбӣ ва натиҷаҳои он таъсиррасонро нишон медиҳад, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

− набудани низоми ягонаи арзёбии дониш ва малакаю маҳорати хонандагон **[21-М]; [22-М]; [23-М]**;

− мавриди таҳқиқоти ҳаматарафаи илмию амалӣ қарор нагирифтани

ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоии тест, ҳамчун падидаи нав, ки барои баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, омода намудани мутахассисони касбӣ барои қонеъ намудани талаботи бозори меҳнат дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ **[23-М]**;

− баррасию таҳлили амиқ нашудани натиҷаҳои ИМД дар сатҳи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои илмию методии он, инчунин дастраси ҷомеа нагардидани натиҷаҳои имтиҳонҳо, ки боварӣ ба низоми арзёбиро коҳиш медиҳад **[2-М]**.

**13.** Татбиқи технологияҳои инноватсионии педагогӣ омилҳои дигари ба раванди таълим таъсиркунанда, аз ҷумла сербории барномаҳои таълимӣ, ба завқ ва қобилияти хонандагон мувофиқ набудани маводди таълимӣ, мувофиқат накардани соатҳои дарсӣ ба мавзуъҳои таълимӣ, аз сабаби камии вақт (соат) сатҳӣ омӯзонидани мавзуъҳо, дараҷаи пасти салоҳияти касбии омӯзгорон, сифати омода кардани мутахассисон дар МТТМОК, хеле кам истифода шудани технологияҳои инноватсионӣ дар ҷараёни таълимро пешбинӣ мекунад. Ин масъалаҳо як таҳқиқоти густардаро талаб менамояд ва метавонад мавзуи алоҳидаи пажӯҳиши коршиносон бошад.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот барои баланд бардоштани сифати таълими донишомӯзон ва беҳтар намудани сифати таҳсилот умуман тавсияҳои методии зеринро метавон пешниҳод намуд:

1) бознигарӣ кардани барномаи такмили ихтисоси омӯзгорон: зарур аст, ки барномаҳои курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ба талаботи таълими ба салоҳият нигаронидашуда мувофиқ карда шавад, то ин ки омӯзгорон битавонанд технологияҳои муосири таълимиро босамар истифода намоянд;

2) баланд бардоштани маҳорати педагогӣ: ба такмили маҳорати педагогии омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик вобаста ба талаботи

таълими ба салоҳият нигаронидашуда диққати махсус дода шавад;

3) гузаронидани курсҳои махсус оид ба усулҳои арзёбии дастовардҳои таълимӣ: дар муассисаҳои таълимӣ барои омӯзгорон ва масъулони баргузории санҷишҳои тестӣ доир ба усулҳои таҳия ва таҳлили оморию психометрии саволу масъалаҳои тест ва технологияи арзёбии натиҷаҳои санҷиш курсҳои махсуси омӯзишӣ ташкил карда шавад;

4) самаранок истифода бурдани тестҳо: дар муассисаҳои таълимӣ (дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот) аз санҷишҳои тестӣ ҳамчун воситаи дақиқу объективонаи арзёбии дараҷаи дониш ва малакаю маҳоратҳои донишомӯзон ва назорати раванди таълим бояд истифода шавад;

5) омӯхтан ва дар амал татбиқ намудани усулҳои нави таълим: ба усулҳои нави таълим, омӯзиши масъалаҳои дар хулосаи таҳқиқот зикршуда ва пешниҳоди чунин мавод дар китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ эътибори ҷиддӣ дода шавад;

6) ба таври амиқ омӯхтани мавзуъҳои муҳимми барномаи таълимӣ: дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик ба масъалаҳои таълими қисматҳои фонетика ва имло, лексикология ва фразеология, услубҳои баён, ҳиссаҳои нутқ, роҳҳои калимасозӣ, навъҳои алоқаи калимаҳо дар ибора, хелҳои ҷумлаҳои сода ва мураккаб, таҳлили синтаксии ҷумла, санъатҳои бадеӣ, жанрҳои адабӣ, фолклор, шарҳи луғат, таҳлили матнҳо ва порчаҳои шеърӣ аз адибони классик ва муосир, таҳлили симоҳо ва ғояи асарҳои бадеӣ бештар эътибор дода шавад. Ин ба тайёр кардани мутахассисони босалоҳияти забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик ва баланд бардоштани сифати таълими ин фанҳо мусоидат мекунад;

7) истифода намудани усулҳои гуногуни таълим: дар таълими масъалаҳои зикршуда зарур аст, ки аз усулҳои муҳимме чун «Кори гурӯҳӣ», «Кори дунафарӣ», «Арзёбӣ», «Ба худ баҳо додан», «Индуктивӣ ва дедуктивӣ», «Ангезиши зеҳн», «Худро месанҷем», «Инсерт», «Диаграммаи Венн», «Хониши ботавaққуф», «Кластер», «Проблемма – Амал – Натиҷа»,

«Чӣ тавр?», «Барои чӣ?», «Т-нақша», «Чархи андешаҳо» ва ғайраҳо, ки шарҳи муфассали онҳо дар дар дастурҳои методии таҳиянамудаи мутахассисон омадааст, самаранок истифода шавад;

8) баррасӣ намудан ва ба назар гирифтани натиҷаҳои таҳқиқот: бо мақсади дуруст ба роҳ мондани таълими фанҳои забон ва адабиёти тоҷик натиҷа ва хулосаҳои ин таҳқиқот, инчунин пешниҳодҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо, муассисаҳои таълимӣ, иттиҳодияҳои методии фанҳои забон ва адабиёти тоҷик мавриди баррасӣ ва амал қарор дода шавад;

9) пайваста ва объективона ба роҳ мондани арзёбии дастовардҳои таълимии хонандагон: методҳои арзёбии ба ташаккул нигаронидашуда ва ҷамъбастӣ пайваста ва объективона ба роҳ монда шавад, зеро чунин арзёбиҳо ба раванди азхуд кардани барномаи таълимӣ ва татбиқи дониш ва малакаю маҳоратҳои хонандагон таъсир мусбат мерасонанд;

10) ҳамасола арзёбӣ намудани дониш ва малакаю маҳоратҳои шифоҳӣ ва хаттии хонандагон: зарур аст, ки аз синфи 4-ум сар карда то давраи хатми мактаби миёна ҳамасола арзёбии салоҳиятҳои хонандагон оид ба нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ ба роҳ монда шавад. Ин имкон медиҳад, то раванди аз худ намудани барномаи таълимӣ аз тарафи хонандагон пайгирӣ ва норасоиҳо саривақт ошкор карда шаванд;

11) истифода намудани маводди тестӣ: дар мавридҳои зарурии дарс ва берун аз он (дар маҳфилу дарсҳои иловагӣ) барои омодагии хатмкунандагон ба ИМД аз «Маҷмуаи саволу масъалаҳои тест», ки ҳар сол аз тарафи ММТНПҶТ омода ва ба таври ройгон ба МТУ дастрас карда мешавад, самаранок (на ба тарзи қориазёд кардани саволҳо) истифода шавад;

12) мувофиқ гардонидани низоми арзёбӣ ба низоми кори ММТНПҶТ: бо дарназардошти ин ки имрӯзҳо тест ва санҷишҳои тестӣ ҳамчун воситаи муҳимми арзёбии дониш ва малакаю маҳорати хонандагону донишҷӯён ба таври васеъ дар муассисаҳои таълимии кишвар (дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот)

истифода мешавад, низоми таҳияи тест, баргузории санҷишҳо ва арзёбии натиҷаҳо дар ҳамаи намуди муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ ба низоми кори ММТНПҶТ мувофиқ гардонида шавад ва ҳамзамон дар факултети педагогикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ихтисоси тестшиносӣ кушода шавад;

13) таҳияи низоми миллии арзёбии сифати таҳсилот: барои он ки фаҳмиши нодуруст дар байни ҷомеа доир ба тест ва нақши он ҳамчун воситаи муҳимми арзёбии дониш ва малакаю маҳоратҳои донишомӯзон бартараф гардад, зарур аст, ки низоми миллии арзёбии сифати таҳсилот ба роҳ монда шавад;

14) андешидани тадбирҳо барои баланд бардоштани сифати таҳсилот: масъулони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии ҷумҳуриро мебояд бо дар назар гирифтани натиҷаҳои ин таҳқиқот барои баланд бардоштани дараҷаи дониш ва малакаю маҳорати хонандагон ва беҳтар намудани сифати таҳсилот умуман тадбирҳо андешанд.

Ин пешниҳодҳо ба беҳбуди раванди таълим ва баланд бардоштани сифати таҳсилот дар кишвар нигаронида шудаанд, ки дар навбати худ ба омодагии ҳаматарафаи донишомӯзон барои фаъолияти касбии ояндаашон ёрӣ мерасонад.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

## Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ:

[1] Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: “Матбуот”, 2003. – 24 с.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” [Матн]. – Душанбе: Шарқи озод, 2013. – 41 с.

[3] Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI [Матн]. – Душанбе: “Душанбе-принт”, 2018, – 151 с.

[4] Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми августи соли 2015, № 494 тасдиқ шудааст.

[5] Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2012, № 334 тасдиқ шудааст.

[6] Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри 2020, № 526 тасдиқ шудааст.

[7] Тартиби гузаронидани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми марти соли 2018, № 81 тасдиқ шудааст.

## Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ:

[8] Абакумова И.В. Смыслодидактика: тестовые задания. Учебно-методическое пособие для магистров педагогических и психологических специальностей / И.В. Абакумова, И.А. Рудакова // – М.: Изд-во “КРЕДО”, 2012, – 78 с.

[9] Аванесов В.С. Форма тестовых заданий. 2-изд., переработанное и расширенное / В.С. Аванесов // – М.: «Центр тестирования», 2005, – 156 с.

[10] Аванесов В.С. Композиция тестовых заданий. -2-ое изд. испр. и доп. /

В.С. Аванесов // – Москва, 1998,  – 217 с.

[11] Акимова Л.Н. Основы психометрии. Методические указания к курсу / Л.Н. Акимова // – Одесса, Студия «Негоциант», 2012. – 81 с.

[12] Аминов С. Забони тоҷикӣ, китоби дарсӣ барои синфи 7-ум / С. Аминов // – Душанбе: Сарпараст, 2014, – 224 с.

[13] Аминов С. Забони тоҷикӣ (китоби дарсӣ барои синфи 8) / С. Аминов // – Душанбе: Комбинати полиграфӣ, 2013, – 208 с.

[14] Аминов С. Забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 10-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. / С. Аминов // – Душанбе: Маориф, 2018, – 224 с.

[15] Анварӣ С. Забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 6 / С.Анварӣ, А.Мирзоев // – Душанбе: Маориф, 2015, – 232 с.

[16] Андерсен П. Разработка тестов и анкет для национальной оценки учебных достижений / П. Андерсен, Дж. Морган; пер. с англ. В.Н. Симкина; науч. ред. В.И. Звонников. – М.: Логос, 2011. – 196 с.: ил. – (Национальная оценка учебных достижений).

[17] Асозода Х. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 11 / Х. Асозода, А. Кӯчаров // – Душанбе: Маориф, 2015, – 400 с.

[18] Байзоев А. Масъалаҳои мубрами ислоҳоти маориф / А. Байзоев // - Душанбе: Сифат, 2021. – 196 с.

[19] Балыхина Т.М. Словарь терминов и понятий тестологии. – 2-е изд. стер. / Т.М. Балыхина // – М.: Рус. яз. Курсы, 2006, –160 с.

[20] Барномаи таълими забони тоҷикӣ (барои синфҳои V-XI), – Душанбе, 2006, – 40  с.

[21] Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои V-XI, – Душанбе, 2007, – 72  с.

[22] Батурин Н.А. Пасобие по разработке тестов достижение: учебное пособие. / Н.А. Батурин, Н.А. Курганский // – Челябинск - Санкт-Петербург, 2001, – 75 с.

[23] Беспалько В.П. Программированное обучение (дидактические основы) / В.П. Беспалько // – М., 1970, – 300 с.

[24] Бетелл Дж. Введение в теорию теста и статистика теста / Дж. Бетелл, А. Забулионис // Подготовлен при поддержке проекта ИОО – Таджикистан, 2011. – 75 с.

[25] Бобоев Ю. Муқаддимаи адабиётшиносӣ / Ю.Бобоев // – Душанбе: Ирфон, 1974, – 240 с.

[26] Бобомуродов Ш. Забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 5-ум / Ш. Бобомуродов ва диг. // – Душанбе: Маориф, 2016, – 280 с.

[27] Векслер В.А. Педагогическое тестирование для студентов, обучающихся по направлению подготовки 44.33.01 «Педагогическое образование» профиль «Информатика», очной формы обучения: учебно-методическое пособие / В.А. Векслер // – Саратов: СГУ, 2015, – 54 с.

[28] Гузориш аз натиҷаи тадқиқот (санҷиши тестӣ) оид ба арзёбии дониши хонандагони синфҳои чорум: Лоиҳаи таҷдиди маориф / таҳияи М. Хуморов, Ш. Ахмед-Ахунов, М. Амирбекова, Ҷ. Азимов // – Душанбе, 2008, – 168 с.

[29] Ефремова Н.Ф. Тестовый контроль в образовании: Университетская книга / Н. Ф. Ефремова // – Москва: Логос, 2007. – 263 с.

[30] Звонников В.И. Контроль качества обучения при аттестации: компетентностный подход: учебное пособие / В.И. Звонников, М.Б. Челышкова. – М.: Университетская книга; Логос, 2009. – 279 с.

[31] Звонников, В.И. Современные средства оценивания результатов обучения: учебное пособие для студентов высш. учеб. заведений / В.И. Звонников, Б. Челышкова // – М.: «Академия», 2007. – 224 с.

[32] Звонников В.И. Проведение мониторинга качества образования / В.И. Звонников, Н.Ф. Ефремова, Н.Н. Найденова, М.Б. Челышкова // Исслед. центр проблем качества подгот. специалистов. – Москва, 2005.

[33] Ингенкамп К. Педагогическая диагностика: пер. с нем. / К. Ингенкамп // – М.: Педагогика, 1991. – 240 с.

[34] Кабанова Т.А. Тестирование в современном образовании / Т.А. Кабанова, В.А. Новиков // – Москва: Изд-во Высшая школа, 2010, – 384 с.

[35] Кадневский В.М. История тестов: [монография] / В. М. Кадневский. - М.: Нар. образование, 2004. - 458, [2] с.: ил., табл.; 20 см.

[36] Камолиддинов Б. Забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 11-ум / Б.Камолиддинов // – Душанбе: Маориф, 2018, – 256 с.

[37] Камолиддинов Б. Меъёри забони адабӣ ва забони матбуоти тоҷик / Б.Камолиддинов // – Душанбе: “Пойтахт”, 2015, – 108 с.

